**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

ТДУ:338. 2 (575.3)
ТБК: 65.290-290-2 (2Т)
А-13

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**АБДУЛОВ ДИЛШОД НАЗАРОВИЧ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ БОСУБОТИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)

**Роҳбари илмӣ:**
д.и.и., профессор
Ғаниев Таваралӣ Бобоевич.

**ДУШАНБЕ 2023**

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО (АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ)** | 3 |
| **МУҚАДДИМА** | 4-16 |
| **БОБИ 1. АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ-НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ БОСУБОТИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ** | |
| 1.1. Равишҳои назариявӣ ва консептуалии механизмҳои идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ дар шароити муосир | 17-34 |
| 1.2. Усулҳои омӯзиши механизми назариявӣ-методологии омӯзиши механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ дар менеҷменти муосир | 34-57 |
| 1.3. Механизми инноватсионии бехатарии экологӣ-иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ | 57-74 |
| **БОБИ 2. ТАҲИЯИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМ ВА ИДОРАКУНИИ РУШДИ БОСУБОТИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ТОҶИКИСТОН** | |
| 2.1. Самтҳои иқтисодии такмили идоракунии захираҳо ва риояи стандартҳо дар равандҳои ташаккули рушди босубот дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 75-95 |
| 2.2. Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии сарватҳои табиӣ | 95-113 |
| 2.3. Такмили механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 114-136 |
| **БОБИ 3. СТРАТЕГИЯИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АСРИ XXI** | |
| 3.1.Равишҳои самаранокии консепсияи стратегии идоракунии рушди босуботи экологию иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ дар асри XXI | 137-158 |
| 3.2. Роҳҳои устуворсозии такмили механизмҳои идоракунии стратегии рушди босуботи захираҳои табиӣ дар шароити системаҳои навини иқтисодии асриXXI | 159-180 |
| 3.3. Стратегияи таъсиррасонии такмили механизми идоракунии рушди босубот ба рушди ояндаи иқтисодӣ ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ | 180-198 |
| **ХУЛОСА** | 199-201 |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** | 202-217 |
| **ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВАТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ** | 218-221 |

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО (АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ)

АИ ҶТ - Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
АИК ҶТ - Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
АХД - Ассотсиатсия хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)
АИО - Ассотсиатсияҳои истифодабардагони об
АА - Арзиши аслӣ
БМТ - Базаи моддию техникӣ
ВАО - Васоити ахбори омма
ВМКБ - Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ИА - Иттиҳоди Аврупо
ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил
ИМА - Иёлоти муттаҳидаи Амрико
ИИТ - Инқилоби илмию техникӣ
ЗАИ - Занҷираи арзиши иловашуда
КВД - Корхонаи воҳиди давлатӣ
КАС - Комплекси агросаноатӣ
КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ
КИТТК - Корҳои илмию техникӣ, таҷрибавию конструкторӣ
КИТ - Корҳои илмию таҳқиқотӣ
МТОК - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
МУД - Маҳсулоти умумии дохилӣ
МЛИТ (ГМО) – Маҳсулоти аз лиҳози ирсӣ тағйирёфта
МТИ - Муассисаю ташкилотҳои илмӣ
МММ - Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ
МУК - Маҳсулоти умумии кишоварзӣ
ММД - Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ
МХТ - Марказҳои хизматрасони техникӣ
МЗКЗК - Майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ
МЗК - Майдони заминҳои кишт
МЭҲ - Машинаҳои электронии ҳисоббарор
МММ - Музди миёнаи меҳнат
НТҶ - Ноҳияҳои табеи ҷумҳурӣ
ПИТ - Прогресси илмию техникӣ
СММ - Созмони миллали Муттаҳид
СМР - Стратегияи миллии рушд
СМТ - Стансияҳои моддию техникӣ
ТБО - Таъмини бехатарии озуқаворӣ
ФА - Фондҳои асосӣ
ШАМК - Шумораи аҳолии машғули кор
ШУК - Шумораи умумии коркунон
ЧКШ - Чорвои калони шохдор
ҶДММ - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд
ҶСП - Ҷамъияти саҳомии пӯшида
ҶММ - Ҷамъияти маҳсулияташ маҳдуд

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Идоракунии рушди босуботи иқтисодиро ҳамчун механизми идоракунии захиравӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст, ки он бевосита нишонагирӣ бо дуруст ҷо ба ҷо гузоштани захираҳо ва истифодаи самаранокии баланди онҳо барои таъмини талаботи имрӯза бо назардошти талаботи оянда пурра равона шуда, то корхонаву ширкатҳо қудрату тавонмандиро пайдо созанд, ки ба ҳолати зудтағйирёбандагии бозори глобалии ҷаҳонӣ зуд худро мутобиқ созанд ва дар ҳама ҳолатҳо рақобатпазирии устувори бозори ҷаҳонии хеш бошанд.

Идоракунии рушди босубот, аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад модели рушдёбандаи стратегӣ бошад. Дурнамои рушд ба миён овардани шароит барои гузаштан ба иқтисодиёти мутараққӣ дар асоси стратегияи рушди босуботи идоракунии иқтисодӣ-индустриалӣ-инноватсионӣ мебошад.

Идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ин ба миён овардани муҳити арзандаи соҳибкорӣ, механизмҳои ҷалби сармояи хориҷӣ, азхудкунии захираҳои табиӣ, ташкили корхонаҳои бепартов, тоза нигоҳ доштани муҳити зист, зиёд намудани истихроҷи маъданӣ ва бо санаот ҷалб намудани онҳо ва дигар масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар оянда бо рушди босуботи иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ мақсади олии рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шудааст. Дар он гуфта мешавад: «Умуман ҳуҷҷати мазкур нақшаи директивии амалӣ барои тамоми мақомоти идоракунии давлатӣ ва нақшаи инфиродии амалиёт барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барномаҳои ёрии техникию молиявии мамлакат ба он асос меёбанд»[1]. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар қатори самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ миллӣ дар солҳои оянда инчунин

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. Саҳ. 6.

оид ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ вазифа ба миён гузошта шудааст. Масалан, барои саноати истихроҷ афзоиши баландтарини ҳаҷми истеҳсол 5,7 маротиба аз рӯи сенарияи индустриалӣ ва 6,4 маротиба аз рӯи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ пешбини гардидааст. Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, иктишоф ва истихроҷи маъданҳои фойданок (тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо ва ғайра) яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисод ба шумор меравад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 таъкид гардидааст, ки «Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 600-кон ва 800 зуҳурот кашф ва омӯхта шудааст, ки дорои зиёда аз 60 навъи ашёи хоми маъданӣ ва ғайримаъданӣ мебошад.[2]

Ҳоло ҳамагӣ 27 фоизи захираҳои зикршуда истихроҷ ва коркард шуда истодааст, ки чунин ҳолат барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии мо қонеъкунанда нест. Бинобар ин, зарур аст, ки саридораи геология корҳоро дар самти омӯзиши геологӣ, гузаштан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоби захираҳои ашёи хоми минералӣ, инчунин назорати равандҳои хатарноки геологӣ ва маниторингӣ обҳои зеризаминӣ тақвият бахшад.

Гузариш ба рушди идоракунии босубот тақозо менамояд, ки омилҳои экологиро ба қатори нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дохил намоянд. Ин ҷараён ба воситаи индикаторҳои рушди босубот амалӣ гардонида шавад.

Индикаторҳои мазкур бояд ба барномаҳои байналмилалӣ ва миллии рушди босубот дохил карда шуда, на танҳо тараққиёти иқтисодӣ, балки сатҳи идоракунӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ ва нигоҳдории мувозинати экологиро таъмин намояд.

Ҳолати мураккаб гардидани муаммоҳои экологии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъсири манфии он ба муҳити зист бисёр аз роҳбарони кишварҳои иқтисодиашон тараққикардаи дунёро ба ташвиш овардааст. Аз ин ҷост, ки назарияи тараққиёти идоракунии рушди босубот дар шароити ҳозира

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. Url: https://tojikmatlubot.tj/paemi-prezidenti-%D2%B7ym%D2%B3yrii-to%D2%B7ikiston-ba-ma%D2%B7lisi-olii-%D2%B7ym%D2%B3yrii-to%D2%B7ikiston-5/

барои Тоҷикистон, яке аз идеологияҳои базавии бартариятноки ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва стратегии давлатӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дарк намудани алоқаҳои экологӣ ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳанӯз дар солҳои 70-80-уми асри гузашта оғоз шуда, ба ташаккули консепсияи тараққиёти босубот оварда мерасонад.

Имрӯзҳо фаҳмишҳои пешинаи механизмҳои идоракунии рушди босубот, ки гӯё давлатҳои рушдкардаи дунё аз сарватҳои табиӣ бисёр истифода мебаранду табиатро бисёр ифлос мекунанд, комилан дигар шуда, донишмандони бахши менеҷмент исбот намудаанд, ки дар баробари болоравии рушдёбандагииии саноату рушди техникиву технологӣ имрӯз давлатҳои пешқадами ҷаҳон бо истифода аз равишҳои олии идоравӣ, бо истифода аз маҳвораҳои кайҳонӣ ва нанотехникиву нанотехнологӣ имконоти баланди сарфакориву сариштакориро дошта, қариб пурра ба истеҳсолоти кампартову бепартов ва роботикунонии истеҳсолоту хизматрасониҳои навин гузаштаанд.

Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрам будани мавзуи диссертатсияро асоснок мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Идоракунии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар чорчӯбаи қонунҳои давлатӣ амалӣ намудани он, ба такмили рушди идоракунии босубот ба иқтисодиёт мавзуи таҳқиқоти бисёр олимони ватанию хориҷӣ ба монанди: Хачатуров П.С., Панинов К.В., Бабилов С.Н., Сафиуллин А.Р., Чебунина Н.М., Ярошевич В.И, Ясунский В.К., Сергеев И.В., Веретеникова И.И., Шеховтсов В.В., Сивакова С.Ю., Сквортсова А.Л., Старостина Н.А., Старостина Е.А., Ткаченко И.Ю., Малих Н.И., Трейтякова Е.В. ва дигарон инъикос ёфтааст.

Ба масъалаҳои баҳодиҳӣ ва самаранок идоракунии механизмҳои истифодабарии захираҳои табиӣ ва нигоҳдории мувозинати экологӣ, бо мақсади инкишофи идоракунии экологӣ иқтисодии мамлакат олимони тоҷик низ корҳои зиёде анҷом додаанд, дар байни онҳо: Н. К. Қаюмов, Т.Ҷ. Усманова, Ҳ.А. Одинаев, Т.Б. Ғаниев, Ҳ.Р. Исайнов, Х. Умаров, А.Қ.

Комилов, Ф.С. Обидов, Х. М. Муҳаббатов, И.Ҳ. Самандаров, Р. Носиров, Д.О. Қандиёрова, Ғ.Ҳ.Исломов, А.А. Мадаминов, К.Н. Файзулоева, М.Д. Шоазизова, А.С. Ниёзов, С.Ҷ. Комилов ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Бо ҳамаи мушкилот ва дастовардҳо нигоҳ накарда, масъалаи такмили механизми идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва нақшаи истифодаи он барои мамлакат, таҳлили воқеии иқтисодиёт ва нигоҳдории ҳифзи муҳити зист нишон дода нашудааст, ки ин масъала дар мамлакатҳои хориҷӣ ба таври васеъ таҳқиқ гардидааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур қисман мавриди омӯзиш ва таҳлили олимони ватанӣ қарор гирифтааст.

Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрам будани мавзуи диссертатсияро асоснок мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомдода бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодабараии захираҳои табиӣ, инчунин бо меъёрҳо ва пешниҳодҳои як қатор стратегияву барномаҳои соҳавӣ, ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди "Иқтисодиёти сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва кашидани хати оби нӯшокӣ, инчунин, таҷҳизонидани хатҳои обу канализатсия дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон», лоиҳаи сохтмон ва бо истифода додани корхонаи коркарди нафт дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ҶДММ (ТК-Ойл) истеҳсол ва коркарди нафт, лоиҳа оид ба татбиқи ташаббуси шафофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2023, лоиҳаи барқарорсозии иқтидори истеҳсолии корхонаи нафту битуми ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо таъсиси 90 ҷойи корӣ, Корҳои ҷустҷӯӣ арзёбӣ дар зухуроти сурбу руҳ дар мавзеи Сурбиёни ноҳияи Балҷувон ва ғайра, равишҳои стратегии Тоҷикистон барои солҳои давраи 2020-230-юм робитаи зич дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз асоснокунии назариявии механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳамчунин коркарду таклифу пешниҳодҳо доир ба такмилёбии идоракунӣ ва равандҳои истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, ҳалли вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:**

-таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии идоракунии захираҳои табиӣ, нигоҳ доштани мувозинати экологӣ, омӯхтани вазъи идоракунии захираҳои табиии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-омӯзиши усулҳои назариявӣ-методӣ, ки бо беҳтар намудани азхудкунии сарватҳои табиӣ бо мақсади рушди босуботи идоракунии иқтисодиёти истифодаи захираҳои табиӣ равона шудааст;

-пешниҳод намудани консепсияи ташаккули механизми навини иқтисодии даврабандии идоракунии захираҳои табиӣ ва таҳия намудани принсипҳои системавии идоракунии механизми иқтисодии идоракунии муҳити зист дар асоси хусусиятҳои иқтисодӣ, тадбирҳои ҳифзи муҳити зист дар шароити ҷаҳонишавӣ карда мешаванд;

-масъалагузории рушди босуботи азхудкунии захираҳои табиӣ, такмилдиҳӣ ва механизмҳои азхудкунии онҳо, истифодаи потенсиалӣ захираҳои табиӣ намудҳояшон гуногун.

-такмилдиҳии раванди ташаккулёбии идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ва омилҳои дуруст ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда дар заминаи қонунияти гуногуни идоракунии иқтисодию-экологӣ;

-таъмини идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва беҳтар кардани масоили идоракуни ва истифодаи онҳо;

**Объекти таҳқиқот** ин механизми идоракунӣ ва истифодабарии рушди босуботи захираҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқот** ин муносибатҳои иқтисодӣ, ташаккул дар раванди идоракунӣ ва танзими рушди босуботи захираҳои табиӣ мебошанд.

**Фарзияи таҳқиқот** дар таҳқиқот проблемаҳои идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ асоснок карда шудааст. Маҳз истифодабарии модели менеҷменти муосири рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон бо мақсади баландбардорӣ дар асоси амалигардонии стратегияҳои такмилёбии рушди босуботи иқтисодиро дар назар дорад.

**Асосҳои назариявӣ таҳқиқот.** Равишҳои назариявӣ-консептуалии методҳои асосии ташкили идоракунӣ, усулҳои омӯзиши илмӣ-назариявии механизмҳои навини инноватсионии рушди босубот, вазифаҳои инноватсионии менеҷменти экологӣ, назарияи донишмандон, консепсияи муосири таҳияи лоиҳаи стратегии сармоягузорӣ, механизмҳои инноватсионии идоракунии истифодаи захираҳои табиат дар асри XXI ташкил додаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Коркардҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва фарзияҳои илмӣ дар самти идоракунии захираҳои табиӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, механизми идоракунии захираҳои табиӣ ва такмили онҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Ҳангоми ҳалли вазифаҳои илмӣ-назариявии гузошташуда, методҳои абстрактӣ, мантиқӣ, таҳлилӣ, монографӣ, ҳисоботӣ, муқоисавӣ ва таҳлили иқтисодӣ истифода гардидаанд.

**Сарчашмаи маълумотро** санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, тавсияҳои муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, маводҳое, ки аз ҷониби муаллиф дар рафти кор дар татбиқи лоиҳаҳо ба даст оварда шудаанд, инчунин маводҳо аз Бонки ҷаҳонӣ ва захираҳои интернетӣ ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори илмӣ дар кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2023 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқотӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи муқаррароти назариявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили усулҳо ва воситаҳои идоракунии захираҳои табиӣ мебошад, ки он имкон медиҳад самаранокии тақсимоти захираҳо ва идоракунии онҳо ҳангоми нигоҳ доштани сатҳи кофии истифодабарӣ таъмин карда шавад.

Ба натиҷаҳои асосие, ки дар онҳо элементҳои илмии навовариҳои таҳқиқот нигоҳ дошта мешаванд ва предметҳои ҳимояшаванда ба шумор мераванд, инҳо дохил мешавад:

1. Моҳият ва мафҳуми механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиӣ таҳқиқ шуда, нуқтаи назарияи муаллиф нисбат ба ин мафҳумҳо ифода ёфтаанд, имкон медиҳанд,ки моҳияти гурӯҳбандии захираҳои табиӣ ҳамчун раванди васеъкунонӣ ва такмилдиҳии сохтори идоракунии соҳавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ равона гардида ба истифодабарии самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ бо мақсади таъминоти рушди босубот ва баландбардории рақобатпазирии идоракунии иқтисодиёт равшану возеҳ карда шаванд;

2. Аз нигоҳи назариявӣ-консептуалӣ исбот карда шудааст, ки зарурият ва моҳияти иқтисодӣ экологии такмилдиҳии механизмҳои менеҷменти идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти захираҳои табиӣ ва равишҳои инкшофи он дар шароити муосир ба талаботҳои рушди идоракунӣ пешиҳод карда шавад;

3. Баҳогузории потенсиалӣ механизмҳои идоракунии захираҳои табиӣ вилояти Хатлон бузургтарин минтақаи мамлакат дар системаи комплексии иқтисодиёт-иҷтимоиёт экология, сиёсат афзалиятнок ва имконияти потенсиалӣ риояи стандартҳои менеҷменти рушди босуботи истифодаи сарватҳои табиӣ таҳлилу барассӣ шуда, равишҳои навин пешниҳод шудааст;

4. Механизмҳои стратегии идоракунии давлатии рушди босуботи мамлакатро дар системаи ягонаи иқтисод-иҷтимоиёт-экология-сиёсат муайян карда шудааast, ки омилҳои асосии таъсиркунанда ба сатҳи баҳодиҳии рушди иқтисодиёти хурд дар дурнамои дарозмуддат дар шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ исбот карда шудаанд;

5. Илман асоснок карда шудаанд, ки вобастагии такмилдиҳии механизмҳои идоракунии стратегии менеҷменти истифодабарии захираҳои табиӣ ба захираҳои молиявию меҳнатӣ ва механизмҳои такмилдиҳии идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ аз нигоҳи назариявӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ мувофиқ гардонида шавад;

6. Ҷанбаҳои методии арзёбии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ такя ба омӯзиши назарияҳо-методии илмӣ коркардшуда, дар он рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун заминаи нигоҳдошт ва ташаккули иқтидори иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳити зистро доро мебошад, мавриди баррасӣ қарор гирифта, индикаторҳо, принсипҳо ва омилҳои низоми рушди босубот арзёбӣ гардидаанд.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

1. Заминаҳои пайдоиш, моҳият ва аҳамияти механизмҳои инноватсионии идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ ва риояи қоидаҳои рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун мафҳуми махсуси таъминкунандаи устуворнокии идоракунии истифодаи табиат;

2. Механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои табиӣ, аз маҷмуи санадҳо ва қонунҳою механизмҳои идоравӣ ҳамчун равишҳои илми консептуалии ҳавасмандгардонӣ, маблағгузорӣ ва фишангҳои назоратии менеҷмент ва механизмҳои қабули қарори роҳбарӣ пешниҳод шудаанд;

3. Ҷанбаҳои методии идоракунии механизмҳои рушди босуботи иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ баррасӣ шуда, асоснок карда шудааст, ки вазъи рушди босубот дар асоси унсурҳои методӣ, аз он ҷумла методҳо ва индикаторҳо (нишондиҳандаҳо) баҳогузорӣ гардида, омилҳои асосии он муайян карда мешавад;

4. Ҳолатҳои механизмҳои идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ ва баҳогузории потенсиалӣ табиӣ захиравии вилояти Хатлон, афзалияти рақобатпазирӣ ва имконияти потенсиалии идоракунии менеҷменти рушби босуботи вай дар комплекси саноатии Тоҷикистон исботи илмиву назариявӣ карда шудаанд;

5. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва консепсияҳои стандартии идоракунии давлатии рушди босуботи ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ имкон дод, ки ҷузъиёти муҳими механизмҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур азхуд карда, дар амал татбиқ шаванд;

6. Марҳилаҳои асосии ташаккули консепсияҳо ва барномаҳои стратегии рушди менеҷменти давлатӣ такмили идоракунӣ ва механизмҳои ояндабинӣ стратегии менеҷменти корхонаҳо оид ба рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ барои солҳои 2030-2050 пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ҳалли муаммоҳо дар он фаҳмида мешавад, ки қонунияти объективии табиат вуҷуд доранд, ки бояд одамон ба онҳо итоат кунанд. Аммо дар шароити ҳозира ин қонуният аз тарафи олимон ба таври кофи омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки дар бисёр ҳолат омӯхтани сабаби мувофиқ наомадани байни ҳолати табиию меъёрӣ ва воқеии вазъи идоракунии низоми табиию хоҷагидорӣ ғайриимкон аст.

Дар амалия истифода намудани натиҷаҳои илмӣ барои такмили механизми инноватсионии идоракунии рушди босуботи истифодаи сарватҳои табиӣ мамлакат ва стратегияи ояндабинии он барои солҳои 2030-2050-ум моҳияти хеле соддакунии рушди босуботиро дорад.

Паҳлуҳои алоҳида, хулоса ва тавсияҳои рисолаи диссертатсионӣ метавонад дар барномаҳои таълимӣ барои фанҳои зерин «Менеҷменти экологӣ», «Менеҷменти хиради роҳбарӣ», «Менеҷменти стратегӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Идоракунии сармоягузорӣ», «Иқтисодиёти сарватҳои табиӣ» ва инчунин, дар нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** омӯзиши таҷрибаи идоракунии экологӣ-иқтисодии давлатҳои хориҷӣ,ҷамъоварии маълумот, ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва дар кори илмӣ ба таври назариявӣ нишон додани он, таҳлилу барасии маводҳои таҳқиқотӣ,ҷамъоварии маълумоти омории ҷумҳуриявию маҳаллӣ ва дигар интишорот тасдиқ мекунад.

Хулоса ва натиҷаҳои илман асосноккардашудаи натиҷаҳои таҳқиқот таҷрибашуда таҳия шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ** ба шиносномаи номгуӣ ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10- Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ба бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.1.Коркарди муаммоҳои илмӣ идоракунӣ ва методҳои маърифати он.Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ; 10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити кунунӣ. Усули (принсипҳои) ташкил, захираҳо ва раванди идоракунии оммавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи корҳои илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

Муаллиф дар такмилдиҳии навини механизми идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва механизмҳои ҷалби онҳо бо саноати коркард, танзими даромадноки ва таҳияи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ширкаткунандагони лоиҳаҳо ва дигар усулҳои истифодаи ашёи маъданиро дар рисолаи диссертатсионӣ нишон дода, бевосита иштирок кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таълими факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионӣ гузаронидани машғулияти амалӣ аз фанҳои «Идораи мақомоти маҳаллӣ», «Иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиат», «Географияи иқтисодию иҷтимоӣ» «Иқтисодиёти минтақавӣ» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Паҳлуҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар солҳои 2014-2023 маъруза ва муҳокима гардидаанд.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Дар 24 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз се боб муқаддима, хулоса, 13-ҷадвал, 4-расм, 2-диаграмма ва дар ҳаҷми 222 саҳифа иборат мебошад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар сарсухан** муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, сатҳи омӯзиши механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ ва муаммои баррасишаванда дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардида, мақсад ва вазифаҳои беҳтарсозии механизмҳои инноватисонии идоракунӣ рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ таҳия гардида, объектҳо ва усулҳои назариявӣ-консептуалии таҳқиқот муайян шуда, навоварии илмӣ ва соҳаи истифодаи амалӣ пешниҳод шудааст.

**Боби 1.Асосҳои консептуалӣ-назариявии ташаккулёбии механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ.** Дар ин боб муаллиф аз фикру ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ иқтибосҳо оварда, роҳҳои беҳтар намудани механизми идоракунии истифодаи самаранок коркарди захираҳои табиӣ ва нигоҳдории солимии муҳити зист, баҳодиҳии иқтисодии онҳо ва ҷалби онҳо дар давраҳои гуногуни рушди истеҳсолот нишон додааст.Такя ба назарияҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ таърифи мафҳуми такмили механизми идоракунии босуботро сарватҳои табиӣ дода шудааст. Маълум мегардад, ки механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ дурустии консептуалии тарзу усули инноватсионии роҳбарӣ ва роҳҳо ва моделу системаҳои молиягузоришавандаи истеҳсолоту истеъмолоти молиявию сармоягузориро дар шароити иқтисодиёти бозории ҷаҳонӣ меноманд, ки он дар алоқамандии зичӣ занҷираи пайвастагии иқтисодиёт-иҷтимоиёт ва экологиро таъмин намуда, барои насли оянда шароити хуби рушдёбандагиву самаранок таъмин мегардад, яъне инсоният бояд чунин як механизми идоракуниро пешниҳод кунад, ки дар баробари рушди босуботи

иқтисодӣ мувозинати табиӣ географи ва экологиро низ пурра таъмин намояд.

**Боби 2.Таҳияи механизмҳои танзим ва идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ Тоҷикистон.** Дар рисолаи илмӣ масъалаҳои таҳлили механизми идоракунии нигоҳдории ҳифзи муҳити зист ва идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ баррасӣ шуда,равишҳои воқеии механизмҳои идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ ва истифодаи онҳо дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар боби мазкур қайд шудааст, ки механизмҳои асосии рушди босуботи иқтисодӣ такмил додани рушди неруи касбӣ ҳунарии экологӣ-иқтисодии инсонӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ ва беҳтарсозии муҳити зисти инсон ба шумор меравад, зеро азхудкунии бемайлони истифодаи захираҳои табиӣ дар ҷаҳон то рафт меафзояд, бо ин хотир бояд қайд намуд, ки бештар инсоният бо идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ такя карда нақшаҳо таҳия намуда аз ҳама, намуди сарватҳо ва воситаҳои техникиву технологӣ истифода мебарад, ки дар натиҷа ба табиат таъсиррасонии калон пайдо карда намегузорад, ки табиат худ барқарор шавад.Ин ҳолат ба мушкилшавию мураккабшавии механизмҳои идоракунии истифодаи босуботи захираҳои табиӣ оварда расонидааст.

**Боби 3.Стратегияи такмили механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI.**

Роҳҳои такмилдиҳии ҷанбаҳои институтсионалии таъминоти идоравӣ дар рушди босуботи иқтисодӣ бо мақсади таъмини самаранокии сарватҳои табии ҷумҳурӣ барои ояндаи наздику дур мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаммоҳои рушди инфрасохтори механизмҳои идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ ва пешниҳоди механизми инноватсионии рушди босуботи иқтисодӣ таҳқиқ гардида, равишҳо нисбат ба беҳтар намудани механизми идоракуниистратегии рушди босуботи иқтисодӣ асоснок гардидаанд.

**Муҳокимаи натиҷаи таҳқиқот:** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи мазкур  дар семинарҳо, маҳфилҳо, мизҳои мудаввар, маҳифлҳо, маҷлисҳо, симпозиумҳои ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои шаҳрию вилоятӣ ва дар дигар конференсияҳо солҳои 2014-2023 мавриди баҳсу муҳокимаронӣ қарор гирифта  дастгирии пурра  ёфтааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ-НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ БОСУБОТИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ.

## 1.1. Равишҳои назариявӣ ва консептуалии механизмҳои идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ  дар шароити муосир.

Дар шароити муосир механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии сарватҳои табиӣ ҳамчун инъикоси имкониятҳои молиявии рушди давлат, менеҷменти ширкатҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Таваҷҷуҳи илмӣ ба омӯзиш ва мазмуни иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ ба хусусиятҳои хоси механизми идоракунии сиёсати давлатҳо дар шароити муосир ва инчунин равишҳои консептуалии назариявии донишмандону олимони соҳа вобаста мебошад.

Инчунин, шароити имрӯза дар қабул намудани қарорҳои идоракунӣ мустақилияти нисбии хоҷагидорӣ дода шудааст, ки масъулияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро оид ба натиҷаҳои истифодаи захираҳои табиӣ ва маблағгузории он метавонад самараи хуб дода, рушди босуботи истифодаи захираҳои табииро таъмин созад.

Дар даҳсолаи охир механизмҳои идоракунии иқтисодиёти истифодабарии сарватҳои табиӣ-ин тартиби вусъатёби дар адабиётҳои илмӣ, таълимӣ-тарбиявӣ нисбатан зиёд дида мешавад.[3] Масалан, академик Васильева Н.К.чунин меҳисобад, ки ба комплекси-хоҷагидорӣ, муқаррар кардани тартиби механизми идоракунии сарватҳои табиӣ ва истифодаи он дар истеҳсолот, гузаштан ба саноати навро мефаҳмонад.[4] Мафҳуми иқтисодиёти истифодаи табиат ба андешаи олими барҷастаи иқтисодшиноси рус, академик Н.Н. Некрасов ҳамчун соҳаи илми иқтисодӣ маҷмӯи омилҳо ва падидаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, шарту шароити ташаккулёбӣ, рушди тавлиди неру ва равандҳои иҷтимоиро дар системаи минтақавии давлат ва ҳар як минтақаи алоҳида меомӯзад.

Профессор Коваленко М.Г.оид ба механизми идоракунии сарватҳои табиӣ чунин қайд кардааст: “Он сарватҳои табииро, ки дар

[3]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби дарси иборат аз 17 китоб Душанбе Ирфон 2003-2023

[4] Васильева Н.К. Социально-экономическая устойчивость региона: состояние и проблемы развития// Региональная экономика: теория и практика. 2005. №8.29-33с.

он ҳама намуди энергияи баркӣ, захираҳои табиӣ, баҳру укёнусҳо дохил мешавад, метавон дар асоси қонунҳои давлатӣ, низомномаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дигар барномаҳои давлатӣ барои рушди босуботи иқтисодӣ метавон идора кард”.[5]

Обидов Ф.С. дар китоби худ “Нақши иқтидори захиравӣ-табиӣ дар рушди рушди равобити хоҷагии ҷаҳонӣ” қайд мекунад, ки “Имрӯзҳо фаъолияти хоҷагии инсон ба марзҳое имконпазир гардид, ки пештар аз ҷиҳати иқлими ва мавқеъи географӣ имконпазир меҳисобанд, аз ҷумла доир ба қутб, укёнуси ҷаҳонӣ, аъзои кайҳон ва ғайра”.[6]

Бо ҳамин мазмун иқтисодичии русияги Морозова Г.А.қайд мекунад, ки «Такмили тамоми раванди истеҳсолот, ки ба таври ҷиддӣ коҳиш додани арзиши ашёи хом, сӯзишворӣ, энергия, меҳнат ба як воҳиди маҳсулот равона карда шудааст, имкон медиҳад, ки хароҷоти бештари ашёи табиӣ ба даст оварда шавад. Кам кардани истеъмоли онҳо на танҳо ба такмил додани равандҳои истихроҷи ашёи хом, баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои характери кишоварзидошта, истифодаи ҳамаҷонибаи ашёи хоми истихроҷшуда, тоза ва безарар кардани партовҳо, яъне ки одатан бо мафҳуми механизми идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд аст».[7]Бинобар ин, давлатро зарур аст, ки чораҳои ба рушди механизми идоракунии экологӣ-иқтисодӣ мусоидаткунандаро андешида, онҳоро дар амал татбиқ намояд.

Қисми зиёди таҳқиқоти иқтисодчиёни дар мавзуи зикршуда бевосита ба масъалаи омӯзиш ва баҳодиҳии захираҳои табиӣ, самаранок истифодаи онҳо, ташкили корхонаҳои кампартов, ташкили корхонаҳои хурди саноатӣ, истифодаи самараноки ашёи хом,

---

[5]Коваленко М.Г. Диверсификация экономики региона и ее роль в преодолении внутрирегиональных различий. Вестник Адыгейского государственного университета. Сер. Экономика. Майкоп: Изд-во АгУ, 2012. Вып. 1. С. 128-132.

[6] Ф.С. Обидов Нақши иқтидори захиравӣ-табиӣ дар рушди рушди равобити хоҷагии ҷаҳонӣ Душанбе Ирфон 2010 С-10

[7]Морозова Г.А.Устойчивое развитие региона: моногр./ Г.А. Морозова, В.А.Мальцев, К.В. Мальцев.- Н.Новгород:НИУ РАНХиГС, 2012.130с

механизмҳои азхудкунии канданиҳои фоиданок, вазъияти молиявии онҳо бахшида шуда, дар баъзеашон мафҳуми сарватҳои табиӣ чун синоними мафҳуми «захираҳои табиӣ ва истифодаю идоракунии он» истифода мешавад.

Муҳаббатов Х.М. қайд мекунад, ки "Мақсади асосии фарҳангӣ экологӣ ва ҳамкории тарафҳои дахлдор оид ба рушди босубот ва қабули тадбирҳои пешгирикунанда, ки ҳифзи нерӯи табиӣ, захираҳои моддӣ ва ҳифзи муҳити зист, қонеъгардонии эҳтиёҷоти иқтисодиёти давлат, баҳисобгирии манфиатҳои ҷомеъа ва ҳифзи саломатии одамон, инчунин нигоҳдории муҳити зисти солим барои наслҳои оянда мебошад"[8].

Бо ҳамин мазмун иқтисодичии бузург Хачатуров Т.С. қайд мекунад, ки «Такмили механизми тамоми раванди истеҳсолот, ки ба таври ҷиддӣ коҳиш додани арзиши ашёи хом, сӯзишворӣ, энергия, меҳнат ба як воҳиди маҳсулот равона карда шудааст, имкон медиҳад, ки хароҷоти бештари ашёи табиӣ ба даст оварда шавад. Кам кардани истеъмоли онҳо на танҳо ба такмил додани равандҳои истихроҷи ашёи хом, баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои камҳосил, истифодаи ҳамаҷонибаи ашёи хоми истихроҷшуда, тоза ва безарар кардани партовҳо, яъне ки одатан бо мафҳуми идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист алоқаманд аст».[9] Бинобар он давлатро зарур аст, ки чораҳои ба рушди механизмҳои экологӣ-иқтисодӣ мусоидаткунандаро андешида, онҳоро дар амал тадбиқ намоянд.

Муҳиммияти ин масъала барои давлатҳои характери интиқолдошта маротиб афзудааст, зеро онҳо дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ на танҳо рушди иқтисодиро таъмин карда натавонистанд, балки дучори такрористехсоли маҳдудшаванда гаштанд.

---

[8] Мухаббатов Х.М. Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана: Монография. М.: Граница, 1999.-335 с.

[9]Хачатуров Т.С. Экономика природопользования1982. 256 с.

Семенов Е.А. умуман иқтидори иқтисодиро чун имконияти иқтисодии мамлакат, ки аз сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва истеҳсолӣ, самаранокии механизми хоҷагидорӣ вобаста аст, муайян мекунад.[10]

Ярошевич В.И., идоракунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҳамчунин маҷмуи фондҳои пулӣ муҳокима кардаанд, ки таркиб, сохт ва баҳодиҳии миқдориашон хусусиятҳои тақсимкунии маҳсулоти ҷамъиятӣ ва имкониятҳои дохилии маблағгузории ҳамаи соҳаҳои фаъолиятро дар бар мегирад. Яъне, ба ақидаи онҳо иқтидори иқтисодиёти сарватҳои табиӣ танҳо ҳамчун асоси монетарии иқтисодиёт ва ё сохти функсионалии захираҳои молиявӣ амал мекунад.[11]

Иқтисодчии рус Сафиуллин А.Р. иқтидори иқтисодиёти сарватҳои табиро ҳамчун ҳаҷми маблағҳое, ки метавонад ба таври объективӣ барои ташкили маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва таъмини аҳолӣ бо тамоми неъматҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шавад, муайян кардааст[12]. Ба ақидаи Чебунина Н.М. Иқтидори саноатию-истихроҷии канданиҳои фоиданок-ин натиҷаи баҳодиҳии бозории даромадҳои имконпазири омилҳои истеҳсолот дар шакли пулӣ, барои гирифтани фоида кумак мерасонад. [13]Механизми системаи идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист, ки дар ибтидои солҳои 90-ум сохта шудааст, ба принсипҳои тавозуни экологӣ ва иқтисодии рушди хоҷагии халқ ва соҳаҳои алоҳидаи он мувофиқат намекунад. Набудани ҳавасмандии воқеӣ барои истифодаи оқилонаи замин ва об ва ҳифзи табиат боиси

---

[10] Семенов Е.А. Природно-ресурсный потенциал региона: эколого-экономический аспект хозяйственного освоения//Известия Оренбургского государственного аграрного университета. - Оренбург, 2015. - № 1(51). - С.199-202.

[11]Ярошевич В.И.Институтсиональные доверие в современном российском обществе (региональный аспект)// Вестник Тамбовского государственного университета.-Тамбов

[12]Сафиуллин А.Р. Соцеально-экономическая устойчивость региона:состояние и проблемы развития// Региональная экономика:теория и практика.2019. №8 29-33

[13] Чебунина Н.М. Роль инвестиции в региональном развитии и укреплении полисов//Российское предпринимательство (научно-практический журнал).-М., «Креативная экономика», 2011.-№ 5-2.(184).- С.57-60

самаранокии ниҳоят пасти истифодаи захираҳои замин ва об, механизми идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист гардид. Зарурияти ҳалли муаммоҳои экологӣ-иқтисодию иҷтимоии ин кишварҳо масъалаи рушди босуботу суръатнокии онҳоро ба миён гузоштааст. Бинобар ин бояд муайян карда шавад, ки оё дар ин кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъмини рушди босубот вуҷуд дорад ё не. Ба андешаи мо, дар Тоҷикистон чунин омилҳо мавҷуданд ва фақат тарзу роҳҳои истифодаи онҳо бояд асоснок карда шаванд. Донишманди тоҷик, профессор Ғаниев Т.Б. қайд мекунад, ки муҳимтарин омиле,ки метавонад рушди босубот ва суръатноки иқтисоди Тоҷикистонро таъмин намояд, пеш аз ҳама,такмили механизми идоракунии захираҳои фаровони табиӣ он ба ҳисоб меравад”. Иқтисодшинос, профессор Нуриддинов Қ.-паҳлуи дигари масъалаи рушди босубот, ки заминаи бехатарии иқтисодии давлат ва эҳтиёҷоти иҷтимоии онро ифшо мекунад, чунин маънидод намудааст: “Асоси рушди босубот ва таъмини инкишофи бехатарии вазъи иҷтимоию иқтисодии давлат, пеш аз ҳама, низоми устувори андозу буҷет ва сиёсати пулию қарзи буда, таъмини самаранокии онҳоро талаб мекунад”.

Ба андешаи олими тоҷик, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Одинаев Ҳ.А., ки дар таҳқиқоти илмии худ “Танзими экологӣ ва иқтисодии идоракунии муҳити зист дар соҳаи кишоварзӣ” оварда шудааст: “ Гузариш бо рушди босубот бар мувозинати рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист асос ёфтааст”.[14]

Оид ба роҳҳои рушди босуботи экологӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ Ғаниев Т.Б. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори тоҷик таҳқиқот бурда, иброз медорад, ки: “Рушди босубот ин муътадилсозии вазъи захираҳо нест, балки ҷараёни тағйир додани

---

[14] Одинаев Х.А. Развитие системы государственного регулирования рынка экологических услуг в Таджикистане: проблемы и перспективы//Вестник ТНУ. Серия "экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2015. - № 2/4(169).

онҳо мебошад, ки тавозуни истеҳсолӣ маҳсулоти кишоварзиро бо назардошти оянда таъмин мекунад”.[15]

Профессор Исайнов Ҳ.Р. дар китоби худ бо номи “Иқтисоди миллӣ” возеҳан шарҳ медиҳад, ки “ Рушди босубот се унсури асоси дорад: рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист”. [16]

Дар шароити муосир инкишофи босуботи иқтисодӣ ин бевосита бояд дар асоси қоидаҳои мувозинати механизмҳои иқтисодию экологӣ амалӣ гардад, ки ҳар як фарди ҷомеа бояд дар ҷамъият ҷойи худро пайдо карда, мувофиқи он кору фаъолият намояд. Гузаштан ба иқтисодӣ бозоргонӣ дар навбат аввал беихтиёр ба кам шудани ҷойҳои корӣ, зиёд гаштани шумораи бекорон ва баланд шудани сатҳи камбизотаӣ қисме аз мардум сабаб гардад ҳам, дастгирии давлатӣ ва танзими барномаҳои стратегии махсусан дар таҳияи азхудкунии захираҳои табиӣ ва бо саноат ҷалб кардани онҳо ва таъмини шуғли босамар, ташкили корхонаҳои хурду миёнаи, нигоҳдории мувозинати экологӣ метавонад дар кутоҳтарин муҳлат ба баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳоли нақши созгоре дошта бошад.

Аз рӯи андешаҳои профессор Ғание Т.Б. Қойдаи дигари хиради экологӣ ин таъмини самаранокии захираҳои табиӣ бо роҳи истифодаи технологияи навини ҷаҳонӣ мебошад.[17] Инкишофи иқтисодиёт дар асри XXIхусусияти навини фарққунандаи худро дорад. Ин баланд гардидани суръати инкишофи иқтисодӣ ва ахбори иқтисодӣ мебошад.

Асарҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар таърихи башарӣ суръат ва миқдори истифодабарии захираҳои табиӣ чунин сурат нагирифта будаанд, ҳатто дар давраи ҳазорсолаи сеюм. Бинобар ин, моро зарур аст, ки ҳар чӣ зудтар ба ин ҷараёни инкишофи иқтисодии ҷаҳон ҳамқадам гардем.

---

[15] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент Боби 125. Идоракунии стратегии иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамчун талаботи бехатарии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ дар менеҷменти асри XXI 2019 сол С-397

[16]Ҳ.Р. Исайнов Иқтисоди миллӣ Душанбе «Ирфон»,2018 С-594

[17]Т.Б. Ғаниев Менеҷмент хиради роҳбари қисми 4-ум боби 49 Хиради экологӣ ва дӯстдори дар менеҷменти муосири тоҷик С-478

Дар ин алоқамандӣ, пеш аз ҳама, зарур аст, то моҳияти мафҳуми мазкурро аниқ созем, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мо рост меояд. Дар ҷадвали 1.1. шарҳи асосии мафҳуми «минтақа» аз ҷониби олимон оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.1. - Равишҳои назариявӣ- консептуалии такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ аз нигоҳи олимони ватани ва хориҷӣ**

| Муллифон | Ақидаҳо ва пешниҳодҳои олимон |
|---|---|
| Ғаниев Т.Б. | Масоили экологие, ки имрӯзҳо дар аксари мамолики ҷаҳон пайдо гаштааст, норасоии фаҳмишу дониш ва хештаншиносии роҳбарӣба шумор рафта, нигоҳ надоштани мувозинати омили «башарӣ-табиат-сармояи моддӣ» мебошад[18] |
| Усмонова Т.Ҷ. | Гузариш ба рушди босубот тақозо менамояд, ки омилҳои экологиро ба қатори нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дохил намоянд. Ин ҷараён метавонад ба воситаи индикаторҳои рушди устувор амалӣ гардонида шавад.[19] |
| Исайнов Ҳ.Р. | Барномаҳои минтақавӣ дар худ алоқамандии захираҳо, иҷрокунанда ва вақти маҷмӯи илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, ташиклию хоҷагидорӣ ва дигар чорабиниҳоро ифода намуда, ҳалли вазифаҳои самаранокии вазифаҳои тараққиёти минтақаҳоро таъмин месозад[20] |
| Муҳаббатов Х.М. | Бо мақсади рушди босубот мо метавонем захираҳои табиие, ки ҳамчун ашёи хом дар саноат истифода бурда мешаванд, аз нигоҳи сарфакорӣ ва ҳифзи муҳити атроф бояд ба таври комплексӣ ва ё такроран коркард карда шаванд.[21] |
| Хачатуров Т.С. | Талаботи истеҳсолот ба захираҳо дар минтақа эҳтимол камтар аст, ба онҳо оқилона муносибат мекунанд ва на танҳо дар истеҳсолот, балки дар истеъмол. Барои кам кардани талабот ба истихроҷи миқдори нави захираҳои табиӣ истеҳсолоти ҷамъиятиро пурратар оқилонатар кардан лозим аст[22] |
| Одинаев Х.А. | Захираҳои табиӣ ин ҷойгоҳи иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ, як намуди ҷойгиршавии ҷуғрофие мебошад, ки ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои фазои корхонаҳо, нуқтаҳои аҳолинишин, кишварҳои алоҳида ва гурӯҳҳои онҳо бо объектҳои беруна, ки барои онҳо аҳамияти иқтисодӣдоранд[23] |
| Черних Г.А. | Давраи рушди саноатӣ дар алоқамандии рушди саноатӣ ва табиат таъғироти кулиро ба майдон овардааст. |
| Исаченко Е.В., | Минтақа ин мавқеи иқтисодию-ҷуғрофӣ ҳамчун мавқеи кишвар, |

[18]Т.Б. Ғаниев Ташкили менеҷменти захираҳои башарӣ Душанбе 2011 сол С- 472

[19]Усмонова Т.Ҷ. Развитие системы государственного регулирования рынкаэкологических услуг в Таджикистане: проблемы и перспективы//Вестник ТНУ. Серия "экономических наук. - Душанбе:«СИНО», 2015. - № 2/4(169).

[20]Ҳ.Р. Исайнов Иқтисоди миллӣ Душанбе «Ирфон»,2018 С-594

[21]Мухаббатов Х.М. Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана: Монография. М.: Граница, 1999.-335 с.

[22]Хачатуров Т.С. Хачатуров Т.С.ВестникМосква. МГУ им. Ломоносов. Серия . 6. ЭКОНОМИКА. 2016. № 4 (2/25) С.25

[23]Одинаев Х.А. Развитие системы государственного регулирования рынка экологических услуг в Таджикистане: проблемы и перспективы//Вестник ТНУ. Серия "экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2015. - № 2/4(169).

| | |
|---|---|
| Колесов А.И., | минтақа, нуқтаи аҳолинишин нисбат ба роҳҳои савдо, марказҳои саноат вакишоварзӣ, бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин, мавқеи онҳо нисбат ба роҳҳои нақлиётӣ фаҳмида мешавад[24] |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси мақолаҳои таҳқиқотчиён

Дар ҷадвали мазкур аз рӯи фикру ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ истифодаи сарватҳои табиӣ ва чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист нишон дода шудааст.Қариб аксари фаъолияти инсонӣ на барои нигоҳдории мувозинати табиӣ, балки барои талаботи афзоишёбандаи инсонҳо равона гардида, ҳатто такрористеҳсолии табиии сарватҳоро зери хатар гузоштааст. Захираҳои табиӣ ба як захираи муайян ва имконоти экологии муайян вуҷуд дошта, талаботи одамонро аз рӯи он қонеъ мегардонад. Аммо талаботи одамон суръаташро рӯз аз рӯз афзоиш дода, истифодаи захираҳои табииро садҳо маротиба зиёд гардонидааст.Аз тараф дигар, суръати баланди афзоиши номувозинатии табиат мебошад, ки вобаста аз қонуниятҳои хоси табиӣ чӣ қадар муҳлате нагузарад ва чӣ қадар инсоният меҳнат накунад, табиат рӯзе боз мувозинати худро ба асл мувофиқ месозад. Пешрафти ҷаҳонии инсоният вобаста ба истифодабарии захираҳои табиӣ се давраи калони иқтисодиро аз сар гузаронидааст.

**Ҷадвали 1.2. - Панҷ давраи таъғйирёбии ҷаҳонии идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ**

| |
|---|
| Давраи якум. Давраи аграрии рушди иқтисодии инсоният, ки то асрҳои XVII-XIX амал карда, дар он маҳдудияти таъсиррасонии инсоният ба табиат мушоҳида мешуд; |
| Давраи дуюм. Давраи рушди саноатӣ, ки дар таърихи алоқамандии рушди инсонӣ ва табиат тағйироти куллиро ба майдон овард. Рушди саноатӣ аз омилҳои асосии бо суръати баланд истифодабарии захираҳои табиӣ гашта, на фақат дар соҳаи саноат, балки дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт аз ҷумла кишоварзӣ таъсири манфӣ гузошт. Дар баробари афзоиши саноатӣ инсоният барои таъмини баробарии рушди соҳаҳо, хоҳиши ҳарчи зиёдтар истифодаи захираҳои табиӣ бархоста, ҳосилнокии заминро бо роҳи химиякунонӣ баланд бардошта, то ба зинае расонид, ки замин дигар қобилияти биологии худро гумм карда, қисми зиёда он ба шӯразор ва биёбон табдил ёфтааст. |
| Давраи сеюм тараққиёти иқтисодию табиат даври баъдисаноатии муаррифӣ шуда, барои давлатҳои пешқадам аз солҳои 60-70-уми асри гузашта ва барои давлатҳои қафомонда аз авали асри XXI-оғоз ёфтааст. |
| Давраи чорум давраи гузариши бемайлони системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотӣ буда, механизми байналмилаливу ҷаҳониро фаро гирифта аст ва истифода аз хаттӣ интернетии ҷаҳонии давлатҳо ва корпаратсияҳои байналмилалии рушдёфтаи дунё |

[24]Исаченко Е.В., Колесов А.И., Черных Г.А.Исаченко Е.В., Колесов А.И., Черных Г.А. «Географического и экономического положения Росии» «Учебные пособые», 2007. - С.314.

| | |
|---|---|
| 150-160 давлати ҷаҳонӣ фаъолият дошта, механизмҳои ҷаҳонии идоракунии истифодаи захираҳои табииро дар худ кашф кардаанд, ки ин механизм то ин замон набуд. | |
| Давраи панҷум давраи баъди ҷаҳонии глобалӣ ва бӯҳронҳои ҷаҳонӣ, ки аз солҳои 2008-2009 оғоз шуда то замони мо давом карда, имрӯз механизми идоракунии ҷаҳонӣ шакли тамоюли фарққунандаи иқтисодӣ-экологӣ ва сиёсиро дар худ кашф карда, аксари меъёрҳову сатандартҳои арзишҳои механизми идоракунии пурра таъғйир дода шудаанд, ки мисолашро дар ҷаҳон надида будаанд, яъне ҳамагуна санксияшавиву минтақаҷудокуниҳои навини ҷаҳонӣ, рушди босуръати техникаву технология, пайдоиши ҳолатҳои ногувори экологӣ-сиёсӣ иқтисодӣ бозории ҷаҳонӣ, норасогии ғизо, оби ошомиданӣ, нобудшавии ҷангалзорҳо ва обшавии пиряхҳо аз қабили хислатҳои навини рушди босуботи иқтисодӣ дар ҷаҳон мебошад. | |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

Инсоният дар атрофии ҷустуҷӯи таҳқиқотҳои чуқури илмии захираҳои табиӣ, олами растаниҳо ва ҳайвонот, омӯзиши қонуниятҳои зиёдшавии онҳо ва тарзи ҳаёту барқароршавии онҳо ва дигар масоили камхарҷи истеъмолӣ андеша намуда, роҳи илман асоснокшудаи иқтисодиро пеш гирифта истодааст. Дар охири асри 20-алаккай инсоният ба тамомшавандагии захираҳои табиӣ боварии пурра ҳосил карда, дар ҷустуҷӯи роҳҳои самаранок истифодабарӣ ва барқароркунии захираҳои табиӣ мебошад. Ин, дар навбати худ, як қатор масоили экологию иқтисодиро ба миён овардааст, ки ҳаллу фасли онҳо аз масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯи ҳисобҳои иқтисодӣ маълум мегардад, ки инсоният ҳамагӣ 10% захираҳои табииро истифода бурда, боқимондаро ҳамчун партовҳо хориҷ менамудааст.

Дар натиҷа, ифлосшавии бемайлони муҳити табиӣ ба атмосфера бухор гашта, ҳаворо ифлос гардонидани партовҳо, боридани партовҳои кислотавӣ мушоҳида мешаванд, ки ин албатта ҳаёти одамонро зери хатар гузошта, боиси ба ҳар гунна бемориҳо дучор гаштани онҳо мебошад.

Ба ҳамин нигоҳ накарда, аксари давлатҳои ҷаҳонӣ бо рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ фаъолият карда, иқтидори биологии табииро зери хавфи калон қарор дода истодаанд. Бинобар ин, дар ин соҳа талаботи навини мувозинатии рушди босуботи иқтисодӣ ва истифодабарии захираҳои табиӣ ба миён омадааст, ки асосашро коркарди моделҳои нави консептуалии рушди босуботи иқтисодии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи нерӯи инсонӣ мебошад. Вобаста ба ин

байни одам ва табиат бояд меъёрҳои нави муносибатҳои рушд ҷорӣ карда шавад. Масоили дигари алоқамандии иқтисодию экологӣ низ бояд ҳалли худро ёбад. Таърихи башарӣ ҳодисаҳои мудҳиши ҷангҳои ҷаҳонӣ, мубориза беамонӣ байни давлатҳо ва дигар хунрезиҳои таърихию замонавиро медонад, ки асосашро масоили тақсимоти захираҳои табиӣ ба даст овардани минтақаи нави табиӣ, бо мақсади таъмини талаботи иқтисодию сиёсӣ ташкил медиҳад.

Стратегияи имрӯзаи ҷаҳонии иқтисодӣ аслан се раванди калони худро дорад, ки онро мо номбар мекунем.

1.Зиёд истифодабарии технологияи каммасраф ва баландбардории самаранокии захираҳои табиӣ;

2.Сиёсати монополии ҷорӣ намудани нархҳои баланди ҷаҳонӣ барои маҳсулоти саноатию нафтию газӣ ва дигар захираҳои табиӣ;

3.Истифодаи технологияи кӯҳнаи ба талаботи экологӣ ҷавобгӯй набуда дар давлатҳои сустараққикарда.

Чунончи панҷ равиш мушоҳида мешавад, давлатҳои пешқадам имрӯз боз роҳи нодурусти мувозинатии рушди босуботи иқтисодиро пеш гирифтаанд, ки ояндаи устувор надошта, дар шароити глобализатсияи иқтисодӣ таъсири манфиашро ба худи он давлатҳо мерасонад. То имрӯз ин масоил ҳалли дурусти худро наёфтааст. Дар байни давлатҳое, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ нобаробар тараққи кардаанд, фикру ақидаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ буда, ин ҳолатро ҳатто то даxолатҳои дохили давлатӣ ва байнидавлатӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки зиддиятҳои иҷтимоии Россия-Украина, ИМА, Афғонистону Ироқу Изроилу Эрон ва ғайра бо ин мисол шуда метавонад.

Таъминоти рушди босуботи иқтисодӣ яке аз принсипҳои унсури асосии иқтисодӣ буда, мувофиқи он вазъи некӯаҳволии мардум бояд ба таври максималӣ баланд бардошта шавад, камбизоати бо ёрии истифодаи оптималӣ ва оқилонаи захираҳои табиӣ кам гардад, дар инҷо бо чунин хулоса омадан мумкинаст, ки зимни амалисозии он

рушди босуботи иқтисодӣ дар назди мо интихоби механизмҳои идоракунии тараққиёти давлатҳо ва нигоҳдории муҳити зист мегардад.[25]

Иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон то фаропасии замони истиқлоли давлатӣ ҷузъи иқтисоди воҳиди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт ва дар қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои иқтисодӣ дар мадди аввал манфиатҳои ин давлати абарқудрат гузошта мешуд.

Унсурҳои механизми бозорӣ дар ин иқтисод, умуман, амал намекарданд.Чунин муносибат ба равандҳои иқтисодӣ, боиси он гардид, ки аксарияти канданиҳои фоиданок ба доираи коркарди саноатӣ ҷалб нашуданд. Аз нигоҳи муносибатҳои бозорӣ ин воридот танҳо зарари иктисодӣ меорад.Лекин аз нигоҳи сиёсӣ чунин ташкили робитаҳои иқтисодӣ вобастагии ҷумҳуриҳоро аз якдигар ба вуҷуд оварда зарурияти нақши ҳамоҳангсозандаи «марказро» таъкид мекард.

Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои идоракунии бозорӣ мавқеи захираҳои табииро дар таъмини рушди иқтисодӣ куллан тағйир дод. Дар марҳилаи нав давлат бо мақсади таҳкими асосҳои иқтисодияш ва ҳалли муаммоҳҳои иқтисодӣ иҷтимоӣ муносибатро ба сарватҳои табиӣ дигаргун кард. Дар шароити кунунӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк кардааст, ки ҷалби сарватҳои табиӣ ба доираи истифодаи саноатӣ яке аз омилҳои муҳими таъйини рушди босуръати иқтисоди кишвар мебошад ва бо назардошти ҳамин ҷиҳат сиёсати иқтисодии худро таҳия ва татбиқ менамояд.

Ба андешаи мо, ҳар як мамлакат дар ташкили механизми идоракунии истифодаи захираҳои худ комилҳуқуқ аст. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсиониро дар соҳаи истихроҷи маъдан дар шароити нави муносибатҳои иқтисодӣ таъмин намояд.

[25]Бобылев, С. Н., Зубаревич, Н. В., Соловьева, С. В. Вызовы кризиса: как измерять устойчивость развития. // Вопросы экономики.- 2015.-№ 1.

Таҳлили тараққиёти иқтисодию экологии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мо дар садсолаи охир нисбат ба ҳама давраҳои зиндагониамон дар мамлакат сарватҳои табииро бештар истифода карда ва ба ин васила ба муҳити зист таъсири манфии зиёд расонидем.

Дар баробари ин, инсоният боз аз аксари ниятҳои табиӣ огоҳ гаштаанд, ки барои самаранок истифодабарии сарватҳои дар иқтисодиёт моҳияти калон дошта, ивази истифодаи сарвати табииро бо роҳи кимиёвӣ аз худ намудаанд.[26]

Зарурияти инкишофи рушди босуботи идоракунии экологию иқтисодӣ дар замони истиқлолияти Тоҷикистон, пеш аз ҳама, талаби худи ҳолати иқтисодию экологии ҷаҳон мебошад.

Мақсад аз чунин консепсияи идоракунӣ тартиб додани модели идоракунии экологӣ-иқтисодие мебошад, ки дар он фаъолияти инсон бо имконоти экологӣ мувофиқа карда мешавад.Бояд қайд намуд, кираванд ҳои байналхалқии экологӣҳанӯз солҳои 60-уми асри ХХ дар комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити атроф дар маърузаи раиси комиссия Гру Харлем Брундтланд дар мавзуи «Ояндаи умумии мо» аввалин маротиба пешниҳод шуда буд. Ин модел дар саросари ҷаҳон номи модели «Инкишофи босубот»-ро ба худ ном гирифт.

Барои Тоҷикистон низ ин модел хеле зарур мебошад, чунки аксари механизми идоракунии иқтисодию иҷтимоии мамлакатро бухрони экологию иҷтимоӣ фаро гирифтааст, ки назар ба бӯҳрони икдисодӣ таъсири чандин маротиба зиёдтар дорад. Аз нигоҳи мо ба чунин ҳолат гирифтор шудани идоракунии иқдисодиёти Тоҷикистон аз ташкили роҳбарии ноокилонаи даврони шӯравӣ реша мегирад, ки асосан, аз инҳо иборат мебошанд:

**1.** Таъсиррасонии манфӣ ба сарватҳои табии Тоҷикистон дар солҳои 80-уми асри гузашта бо ду сабаб зиёд гаштааст. Дар навбати аввал, ин бад шудани сифати идоракунии сарватҳои табиӣ бо сабаби

[26]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент қисми IV Хиради роҳбарӣ С-389

химиякунонии бемайлони шӯравӣ ва истифодаи технологияи куҳнашуда, ки дорои хатари экологӣ мебошанд;

**2.** Афзоиши босуръати аҳолӣ ва зиёд гаштани талабот ба истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ. Дар ин давра аҳолии мамлакат қариб ду маротиба зиёд гашта, зиёда аз 10 млнро ташкил медиҳад ва беихтиёр талабот низ нисбати сарватҳои табиӣ меафзояд.

Омилҳое, ки сабаби пайдоиши масъалаи якуми экологию иқтисодӣ гардидаанд, ба инобат нагирифтани омилҳои экологӣ дар вақти идоракунии лоиҳакашии сохтмони заводҳои калони саноатӣ ва обёрикунии заминҳои кишоварзӣ ва рушди якказироатӣ пахта мебошад. Агар ба корхонаҳои калони саноатии Тоҷиксемент, Корхонаи воҳидӣ давлатии Алюмини Тоҷик дар шаҳри Турсунзода, корхонаи азотии Вахш ва заводҳои равғанкашии шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб назар афканем, ҳатто ба чашми оддӣ мебинем, чӣ гуна онҳо ба муҳити табиӣ ва обҳои нӯшокии атроф зарари калон расонидаанд. Ба тарзу усули обёрикунии заминҳои кишоварзӣ нигарем, дағалона вайрон кардани реҷаи обёрикунӣ, истифодабарии аз меъёр зиёди об ва ба шӯразор табдил ёфтани заминҳои обии кишоварзӣ мушкилоти зиёдро ба бор овардааст. Ё бо сабаби бе киштгардон ҳамасола кишти пахта, шӯршавии заминҳо баланд гашта, ҳатто баъзе қишлоқҷойҳо зери об мондаанд.

Истифодаи об дар аксари хоҷагиҳо аз меъёр ду-се маротиба зиёд буда, қисми болои ҳосилхезӣ хокро шуста бурдааст, ки дар натиҷа заминҳои обии мамлакат хеле камқувват ва бевосита, ҳосилхези 2-3 маротиба кам гуштааст.[27]

Дар баробари ин, инсоният боз аз аксари қонуниятҳои истифодаи табиӣ огоҳ гаштаанд, ки барои самаранок истифодабарии сарватҳои табиӣ дар иқтисодиёт моҳияти калон дошта, ивази истифодаи сарвати

---

[27]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент «Фарҳангӣ сарватшиносӣ ва созандагӣ дар роҳбарӣ» Душанбе Ирфон 2020 С-418

табииро бо роҳӣ кимиёвӣ аз худ намудаанд.[28] Зарурияти инкишофи идоракунии босуботи экологию иқтисодӣ дар замони истиқлолияти Тоҷикистон пеш аз ҳама, талаби худи ҳолати иқтисодию экологии мамлакат мебошад. Мақсад аз чунин консепсия тартиб додани модели нави идоракунии иқтисодию экологие мебошад, ки дар он фаъолияти инсон бо имконоти экологӣ фарқ карда мешавад.

Аз ин ҳолатҳо чунин бармеояд, ки дар давраи шӯравӣ бо мутахассисони иқтисодчи-экологҳои ватани камтар диққат дода мешуд.

Аз ин хотир, дар консепсияи инкишофи механизмҳои идоракунии босуботи иқтисодиёти муосир раванди асосӣ масоили экологизатси-якунонии ҷараёни истеҳсолот қарор дорад.

Ин равия, ба куллан тағйир додани принсипҳои алоқамандии инсон ва тарзи равона карда шудани менеҷментро ҳидоят ба он месозад, ки бо истифода аз технологияи пешқадами инсонӣ роҳбарӣ намояд. Ин раванд дар чорабиниҳои зерин амалӣ мегардад:

1. Даст кашидан аз системаи технологии куҳнаи идоракунии ғайриэкологӣ ва ба технологияи камхарҷи аз ҷиҳати экологӣ безарар гузаштан;

2. Гузаштан ба истеҳсолӣ молҳои истеъмолӣ бе истифода аз заҳрхимикатҳо ва консервантҳои ба саломатии одамон зиёновар. Истифодаи биотехнологии истеҳсолӣ маҳсулот дар бахши кишоварзӣ ва даст кашидан аз истифодаи нуриҳои минералӣ. Ташкили системаи илмии киштгардон, истифодаи оқилонаи нуриҳои органикӣ ва нуриҳои сабзи табиӣ.

3. Дар роҳбарӣ доимо нигоҳ доштани мувозинати экологӣ, ташкили муҳити хуби кории аз ҷиҳати экологӣ тоза. Истифодаи ҳар гуна чангкашакҳо ва тозакунандаҳои фазо. Ташкили фаъолияти боғчаҳо ва гулзорҳо дар назди ташкилотҳо ва хонаҳои истиқоматӣ.

4. Ҷорӣ кардани навовариҳои илмию техникӣ, идораи ташкили

[28]Акимова Т. А. Основы экономики устойчивого развития : учебник.-Москва : Экономика, 2013.

самаранокию истеҳсолӣ, истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиӣ, гузаштан ба истеҳсолоти бепартов ва аз ҷиҳати экологӣ тоза.

5. Ба роҳ мондани истеҳсолоти илмғунҷоишӣ ва рушди инноватсионӣ дар ҳама соҳаҳо ва баҳодихии сарватҳои табиӣ бо мақсади таъмини ҳолати хуби экологии табиӣ ва барқароркунии онҳо.

Химизатсияи бемайлони кишоварзӣ дар солҳои шӯравӣ ва истеҳсолӣ якказироати пахта дар ҶумҳурииТоҷикистон ба сифати аксари маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфии худро расонид, ки дар натиҷа аҳолӣ ва соҳаи кишоварзӣ низ заҳролуд гашт ва аз боқимондаи он то имрӯз вазъи саломатии мардуми деҳот шоҳидӣ медиҳад.

Заҳролудшавии сетарафа ё аз обу ҳавою маҳсулоти хӯрока сабаби асосии бемориҳои сирояткунандаи гардидааст, ки ин дар навбати хеш боз ба пастшавии ҳосилнокии меҳнат истифодаи нопурраи фонди вақти меҳнатӣ кормандон оварда расонидааст. Бо роҳи ҳисоб кардани мутахассисони бахши ташкили илмии меҳнат зиёда аз 30% ҳосилнокии меҳнат ба муҳити зист вобаста мебошад.[29]

Бинобар ин, механизми идоракунии рушди босуботи истеҳсолӣ аз ҷиҳати экологӣ тозаро дар мамлакат бо тартиби зайл метавон ба даст орад:

1. Бо роҳи аз захрхимикатҳо ва нуриҳои минералӣ даст кашидан.

2. Гузаштан ба истифодаи усулҳои биологию технологии истеҳсолӣ маҳсулоти азҷиҳати экологӣ тоза.

3. Ташкили занҷири сарбастаи экологии «хок-растанӣ-маҳсулоти чорво - хок».

4. Дар сатҳи ҷумҳурӣ нигоҳ доштани мувозинати экологӣ ва пурра даст кашидан аз заҳрхимикатҳо.

5. Истифодаи намудҳои нави тухмии растаниҳо, ки ба одамон осеб нарасонад ва камхарҷу серҳосил мекунанд.

[29]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент «Фарҳангӣ сарватшиносӣ ва созандагӣ дар роҳбарӣ» Душанбе Ирфон 2020 С-458

6. Раванди шашуми консепсияи экологию икдисодӣ истифодаи захираҳои обӣ ва таъмини истеъмолии оби тоза ба аҳолӣ мебошад.

Ин фаъолият низ моҳияти васеи иқдисодию экологӣ ва ҳатто сиёсӣ дошт. То солҳои 30-юми асри XXI ҳамчун раванди бартариятноки рушди саноатӣ иқдисодӣ ва энергетикӣ ҳисобида шуд, гарчанде Тоҷикистон яке аз бойтарин ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати захираҳои обӣ бошад ҳам, масъалаи механизмҳои идоракунии истифодаи саноатии об хеле рӯзмарра мебошад. Сабаби асосии муҳимии ин масъала дар он аст, ки системаи саноатии ирригатсионӣ кишоварзӣ ва обтаъминкунии шаҳрҳо тамоман куҳна шуда, ба талаботи экологӣ ҷавобгӯй намебошанд. Аз тарафи дигар, норасоии қувваи барқ кори мунтазами насосҳо сабаби таъмини пурра нагаштани заминҳо бо кишоварзӣ ва кор накардани обтозакунакҳои саноатӣ гардидааст.

Дар чунин вазъият обҳои истеҳсолӣ пурра ба дарёҳо рехта, оби дарёҳоро дар поёноб мардум онро чун оби нӯшокӣ истифодаю истеъмол мекунанд.Сабаби дуюм, дар ҳолати вазнини экологӣ қарор доштан ва истифодаи ғайрисамараноки об бепул будани ин сарвати пурарзиш мебошад. Дар аввал, аз нигоҳи иқтисодӣ ҷорӣ намудани истифодаи пулакии об имкон медиҳад, ки истифодаи меъёрии об таъмин карда шавад ва инчунин, барои беҳтар сарчашма ва нигоҳдории системаи обтаъминкунӣ маблағе пайдо мешавад ҳалли бисёр муаммоҳоро таъмин месозад.Сеюм, хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳанӯз метавонанд бо сохтани ҳавзҳои калон аз сарчашмаи дигари обҳои табии борони баҳор обро захира кунанд ва дар вақти камхарҷ истифода намоянд. Инчунин, хоҷагиҳо роҳҳои истифодаи самараноки захираҳои обиро ҷустуҷӯ намуда,аз маҳсулот обро бисёр талаб кунанд.

Раванди сеюми консепсияи идоракунии инкишофи босуботи идоракунии экологию иқтисодӣ идоракунии шаклҳои анъанавии истеҳсолӣ молҳои кишоварзӣ ва истифодаи технологияи пешқадами ҷаҳонии экологӣ мебошад ва гузаштан ба энергияи сабз ва идоракунии иқтисодии сабз мебошад.

1. Инкишофи механизмҳои идоракунии истеҳсолоти экологикунонидашудаи давлатӣ бо назардошти экологикунонии ғунҷоиши маҳалу минтақа.

2. Ба инобатгирии урфу одати таърихи ва маданияти баланди механизмҳои идоракунии хоҷагидорию роҳбарии аҳолии мамлакат ва ҷаҳонӣ имрӯза .

3. Ташкили механизмҳои инноватсионии таъмини такрористеҳсолӣвасеи сарватҳои табиӣ ва барқарорсозии сарватҳои табиии харобшуда бо мақсади таъмини идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад.

4. Молиягузории мақсадноки истеҳсолӣ моли аз ҷиҳати экологӣ тоза ва истифодаи технологияи пешқадами замонавӣ ва рушди инноватсионӣ.

5. Минтақабандии экологӣ ва ташкили иҷозатномаҳои махсуси экологии истеҳсолӣ маҳсулот ва дигар фаъолиятҳои истеҳсолӣ.

**Хулоса дар бораи зербоби 1.1.**

Дар зербоби мазкур барои таъмини рушди иқтисодиёти муосир ё рушди босубот аз сарчашмаҳои назариявӣ ва дигар тавсияҳои илмӣ истифода шудааст. Дар он бештар аз асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ҷиҳати механизмҳои самаранокиидоракунии истифодаи захираҳои табиӣ ва бемаҳдуд инкишоф додани саноати он, нигоҳдории механизмҳои мувозинати экологӣ ва дигар маълумотҳо оварда шудааст, зеро проблемаҳои асосии иқтисодиёт иҷтимоиёт-экология шумор меравад. Механизмҳои идоракунии рушди босуботи истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ, муҳофизати муҳити атроф ва омӯхтани тараққиёти истеҳсолоти нав аз ҷиҳати экологӣ яке аз вазифаҳои мутахассисони соҳаи иқтисодиёт мебошад.

Суръати рузафзуни системаи техникиву технологӣ ва иртиботиву иттилоотӣ, электронӣ, хатти интернет ва маҳдудияти захираҳои табиӣ дар фаъолияти истеҳсолот, афзоиши бемайлони аҳолӣ ба он оварда расонидааст, ки муҳити зист ба таври ногаҳонӣ ва

зудафзоянда дучори тағйироти босуръати экологӣ гардида, он боиси афзоиши гази карбон ва гарми дар атмосфера, ифлосшавӣ ва заҳролудшавии об, сӯхтори ҷангалзорҳо,обшавии пиряххо,зиёдшавии бемориҳои ҷаҳонии экологӣ эпидемиологӣ, харобшавии обию бодии замин ва партовҳои истеҳсолӣ гардидаанд. Вобаста аз ин дар зербоби мазкур пурра нуктаи назарияи донишмандони ҷаҳониву ватанӣ ва банда оид ба такмили механизми назариявӣ консептуалӣ оварда шудааст.

## 1.2.Усулҳои омӯзиши механизми назариявӣ-методологии омӯзиши механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ дар менеҷменти муосир

Гузариш ба рушди босубот зарурати ба системаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию-иқтисодӣ ва сиёсӣ дохил намудани омили экологиро ба миён меорад.Инро метавон тавассути таҳия ва баҳисобгирии нишондиҳандаҳои рушди босубот дар сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ ба даст овард.[30]

Таърихи рушди механизмҳои менеҷменти идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ дар ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад, ки инсоният дар ҷараёни зиндагӣ кору фаъолияти хеш, аслан, ба истеъмоли беандозаи сарватҳои табиӣ сарукор дошта, механизмҳои нодурусти идоракуниро истифода кардааст ки дар натиҷа имконияти табиӣ оҳиста-оҳиста маҳдуд шуда истодааст.

Олими француз Ж.Дорост пайдоиши одамро дар замин ҳамчун як ҳодисаи фалокати табиӣ номидааст, ки дар натиҷаи он қисми зиёди захираҳои табиӣ нобуд гашта, дар олами растаниҳо ва ҳайвонот тағйироти куллӣ ба вуҷу домадааст. Ё ин ки иқтисодчии немис Ф. Энгелс ҳанӯз дар замони худ навишта буд: «Мо набояд дар ғалабаи худ

[30]С.Н. Бобылев Экономика устойчивого развития Москва 2021 г С-125-131

ба табиат аз ҳад фориғболӣ намоем. Барои ҳар як чунин ғалаба табиат аз мо ҳатман қасос мегирад». [31]

Дар натиҷаи инкишоф ёфтани олоти меҳнат, инсоният ба табиат ҳукмронии худро мустаҳкам намуда, ҳарчи зиёдтар ба истифодаи ғоратгаронаи сарватҳои табиӣ шуғл меварзад. Дар навбати худ, табиат инсониятро дар ҳар як қадам хабардор менамояд, ки бояд мувозинати рушд вуҷуд дошта бошад ва риоя карда шавад. Мутаассифона, тарзу усули механизмҳои қариб аксари роҳбарии инсонӣ на барои нигоҳдории мувозинати табиӣ, балки ба таъмини талаботи афзоишёбандаи инсонҳо равона гардида, ҳатто такрористеҳсоли табиӣ сарватҳоро зери хатар гузоштааст.

Сарватҳои табиӣ бо як захираи муайян ва имконоти экологии муайян вуҷуддошта, талаботи одамонро аз рӯи он қонеъ мегардонад.

Аммо талаботи инсоният суръаташро рӯз аз рӯз афзои шдода, истифодаи сарватҳои табииро садҳо маротиба зиёдгардонидааст.

Аз дигар тараф, суръати баланди афзоиши номувозинатии табиат мебошад, ки вобаста аз қонуниятҳои хоси табиӣ чӣ қадар муҳлате ва чи қадар инсоният меҳнат кунад, табиат рӯзе мувозинати худро ба асл мувофиқ месозад. Дар натиҷа шояд ҳазорҳо ва миллионҳо одамон нобуд шуда, ба иқтисодиёт миллиардҳо сомонӣ зарар ворид гардад нишонаҳои манфии чунин тарзу усул ва методҳои механизми идоракуниро мо мушоҳида дорем, ки дар ҷаҳон милионҳо хонаҳо зери об монда ҷангалзорҳо сӯхта, киштзорҳо нобуд шуда истодааст.

Пешрафти ҷаҳонииинсоният вобаста истифодабарии сарватҳои табиӣ чор давраи калони иқтисодиро аз сар гузаронидааст.

1. Давраи аграрии рушди иқтисодии инсоният, ки то асрҳои XVIII-XIX амал карда, дар он маҳдудияти таъсиррасонии инсоният ба табиат мушоҳида мешуд ва сарварону давлатдорон доимо кӯшиш ба

---

[31]Ғаниев Т.Б.Проблемаҳои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ: (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) Москва: Диалог-МГУ, 1996. - 108 с.

харҷ медоданд, ки мувофиқа ба табиат механизмҳои идоракунии рушди иқтисодии худро идомадода, аз қонуниятҳои табиат пурра бохабар бошанд.

2. Инчунин, табиатшиносӣ ва хиради экологиро ҳамчун қисми таркибии сарварии хеш омӯхта, бо воситаи меъёрҳои диннию мазҳабӣ ва фармонҳои сарварии хеш намегузоштанд, ки ҷомеа ба табиат назари ғоратгарона дошта бошад.Масалан, бо роҳиманъ кардани шикори ҳайвонот ва ё эълон кардани ҳайвонот ҳамчун ҷонварони хусусияти динӣ дошта ё худ эълон кардани мавзеъҳои муқаддас, ки дар он ҷойҳо буридани дарахт, кишоварзӣ ва шикори ҳамагуна ҳайвонот мамнуъбуд, инчунин,тозани гоҳдории об ва сарфакорона истифодабарии он вағ.

Дар ин давра табиат имконоти такрористеҳсоли васеи худро пайдо мекард ва ҷомеаи инсонӣ боз ба табиат кӯмак ҳам мерасонд.

3. Давраи рушди саноатӣ, ки дар таърихи алоқамандии рушди инсонӣ ва табиат тағйироти куллиро ба майдон овард. Рушди саноатӣ яке аз омилҳои асосии босуръати баланд истифодабарии сарватҳои табиӣ гашта, на фақат дар соҳаи саноатӣ, балки дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, азонҷумла,кишоварзӣтаъсириманфӣгузошт.

4. Дар баробари афзоиши саноатӣ инсоният барои таъмини баробарии рушди соҳаҳо, бо истифода аз тарзу усулҳои нодуруст роҳбарӣ хоҳиши ҳарчи зиёдтар истифодава боздеҳи сарватҳои табиӣ бархоста, ҳосилнокии заминро бо роҳи химиякунонӣ баланд бардошта, то ба зинае расонид, ки замин дигар қобилияти биологии худро гум карда, қисмати зиёди он ба шӯразор ва биёбон табдил ёфтааст.

Инчунин, вобаста ба сохтмони манзил талабот ба чӯби тахта ва заминҳои кишоварзӣ зиёд гашта, инсоният аз пайи ҳар чӣ зиёдтар нобудсозии ҷангал ва аз худкунии заминҳои нави кишоварзӣ пардохт, ки дар натиҷа мувозинати экологии минтақаҳо вайроншуда, ҳаёти зинда дар минтақаҳо зери хатар мондааст.

Ҳар соле дар ҷаҳон зиёда аз 20-25 миллион гектар ҷангалзорҳо нобуд карда шуда, миллионҳо гектар  ба биёбонҳо табдил ёфта истодаанд. Мисол, дар Англия дар натиҷаи суръати баланди истифодаи чӯб қариб 80% ҷангалзорҳо нобуд карда шудаанд. Аз рӯи таҳқиқотҳои баъзе олимон, хатари зери обмонии ин давлат дар асри XXI ба миён омадааст.

Суръати бемайлони афзоиши аҳолӣ дар ҳолати маҳдуд будани сарватҳои табиӣ, бахусус, замину об ба он оварда расонидааст, ки имрӯз қариб 30% одамони  сайёра дар ҳолати қашшоқӣ умр ба сар бурда, зиёда аз 2 млрд одам ё худ зиёда аз 12 давлати ҷаҳон аз оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ  мекашанд.

Давраи сеюми рушди инсонӣ ва тараққиёти иқтисодию табиат даври баъдисаноатӣ  муаррифӣ шуда, барои давлатҳои пешқадам аз солҳои 60-70-умиасригузашта ва барои давлатҳоиқафомондаазаввали асри XXI оғозё фтааст. Ин замон чунин баҳо дода мешавад, ки акнун рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва табиат дар зинаи дигари механизмҳои инноватисонии идоракунии навин қарор  дорад. Дар баробари афзоиши технологияи электронӣ-иттилоотӣ, информатика, радиотехнология ва нано технология ва рушди иттилоотии ҷомеаи инсонӣ одамият дарк кардааст, ки бемувофиқа батабиат ва сарватҳои табиӣ ояндаи иҷтимоӣ дар хатар аст.

Инсоният дар атрофи ҷустуҷӯи таҳқиқотҳои чуқури илмии сарватҳои табиӣ, олами растаниҳо ва ҳайвонот, омӯзиши қонунияти зиёдшавии онҳо ва тарзи ҳаёту барқароршавии онҳо ва дигар масоили камхарҷи истеъмолӣ андеша намуда, роҳи илман асоснокшудаи механизмҳои  навини идоракунии босуботро пеш гирифта истодааст.

Дар охири асри XX аллакай инсоният ба тамомшавандагии сарватҳои табиӣ боварии пурра ҳосил карда, дар ҷустуҷӯи роҳҳои механизмҳои навини идоракунии  босуботи истифодабарӣ ва барқароркунии  сарватҳои табиӣ мебошад.

Ин, дар навбати худ, як қатор масоили экологию иҷтимоӣ ва технологию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯи ҳисобҳои иқтисодӣ маълум мегардад, ки инсоният ҳамагӣ 10% сарватҳои табииро самаранок истифода бурда, боқимондаро ҳамчун партовҳо хориҷ менамудааст. Дар натиҷа, ифлосшавии бемайлони муҳити табиӣ ба атмосфера бухор гашта, ҳаворо ифлос гардонидани партовҳо, боридани боронҳои кислотавӣ мушоҳида мешаванд, ки ин албатта ҳаёти одамонро зери хатар гузошта, боиси ба ҳар гуна бемориҳо дучор гаштани онҳо мешавад. Мисоли равшании онро мо молҳои 2019-2020 дар бемории ҷаҳонии “COVID-19” пурра мушоҳида кардем.

Аз чунин сурат гирифтани рушди иҷтимоию иқтисодӣ на фақат инсоният, балки табиат низ зери хатар қарор дорад. Ҳар соле ҷомеаи инсонӣ шоҳиди оташгарии табиии ҷангалзорҳо гашта, мебинанд, ки чи қадар ҷангалзорҳо сӯхта хокистар мегардад. Ё инки чи қадар обхезиҳои зиёд ба амал омада, шаҳрҳо ва заводу фабрикаю роҳҳо ва дигар молумулки одамон зери об монда нобуд мешавад. Аз рӯи ақидаҳои аксари олимони бахшитабиатшиносӣ ва муҳитшиносӣ солҳои охир тағйирёбии босуръати иқлими ҷаҳон ба назар мерасад, ки асосашро таъсири антропогенӣ ташкил медиҳад. Ин, дар навбати худ, хатари обшавии яххои антрактикиро ба миён оварда, боиси нобудшавии олами растанию ҳайвонот ва зери об мондани шаҳрҳои калонтарин ва ҳатто давлатҳо мегардад.

Аз рӯи гуфтаи олими соҳа В.И. Четверов имрӯзҳо дар табиат зиёда аз 120 намуди ҳашаротҳои хурд, 150 намуди парандаҳо, зиёдааз 1000 намуди ҳайвонот нобут гаштаанд ва ё дар сарҳади нобудшавӣ қарор доранд, киқариб 50% онҳо ба 30-40 соли охири инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ рост меоянд.Табиат онҳородартӯли 1000 солаҳо тавлид сохтааст. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад дар натиҷаи химизатсиякунонии беандоза, имрӯзҳо дар аксари кишварҳои ҷаҳон тақрибан то 30-40% ҳосилнокии замин ё худ қабати гумусӣ нобуд гашта,

қисми зиёди заминҳои обёришаванда ба биёбон табдил ёфта хушкшавии баҳрҳо ва дарёҳою обҳои зеризаминӣ мушоҳи дамегардад.

Ҳамчунин, дар ҳамин росто дар бораи рушди иқтисодиёти минтақаҳо ва гурӯҳбандии онҳо сухан меравад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, то ҳол аксари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба рушди миқдори истифодаи сарватҳои ҷаҳонӣ фаъолият карда, иқтидори биологии табииро зери хавфи калон қарор дода истодаанд. Бинобар ин, дар ин соҳа низ талаботи навини мувозинатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва истифодабарии сарватҳои табиӣ ба миёно мадааст, ки асосашро коркарди моделҳои нави консептуалӣ рушди устувори иқтисодии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи нерӯи инсонӣ ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин байни одам ва табиат бояд меъёрҳои нави муносибатҳои рушд ҷорӣ карда шавад. Масоили дигари алоқаманди иичтимоию экологӣ низ бояд ҳалли худро ёбад. Таърихи башарӣ ҳодисаҳои мудҳиши ҷангҳои ҷаҳонӣ, муборизаи беамони байнидавлатҳо ва дигар хунрезиҳои таърихию замонавиро медонад, ки асосашро масоили тақсимоти сарватҳои табиӣ ва ба даст овардани минтақаи нави табиӣ бо мақсади таъмини талаботи иқтисодию сиёсӣ ташкил медиҳад.

Стратегияи имрӯзаи механизми идоракуни рушди босуботи бозорӣ ҷаҳони ииқтисодӣ аслан се раванди калони худро доранд, ки онро мо мушоҳида кардаем:

1. Ҳаракати ҳарчи зиёд истифодабарии технологияи каммасраф ва баландбардории самараноки идоракунии истифодаи сарватҳои табиӣ;

2. Сиёсати монополии ҷорӣ намудани нархҳои баланди ҷаҳонӣ барои маҳсулоти саноатии нефтию газӣ ва дигар сарватҳои табиӣ ва дар баробари ин ҷорӣ намудани нархҳои арзон ба ашёи хоми истеҳсолоти сарватҳои табиӣ;

3. Ҷорӣ намудани технологияи навини идоракунии босубот баталаботиэкологӣҷавобгӯ набуда дар давлатҳои сусттараққикардаи дунё.

Чуноне ки мушоҳи дамешавад, давлатҳои пешқадам тарзу усул ва роҳи нодурусти мувозинатии рушди устуворӣ иҷтимоию экологиро пеш гирифтаанд, ки ояндаи устувор надошта, дар шароити глобализатсияи иқтисодию иҷтимоӣ таъсири манфиашро ба худи он давлатҳо мерасонад. То имрӯз ин масоил ҳалли дурусти худро наёфтааст. Дар байни давлатҳое, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ нобаробар тараққӣ кардаанд, фикру ақидаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ мавҷуд буда, ин ҳолатро ҳатто то дахолатҳои дохили давлатӣ ва байнидавлатӣ мушоҳида кардан мумкинаст, ки зиддияти иҷтимоии ИМА, Руссия, Украина, Израил, Лубнон ва ғайра ба ин мисол шуда метавонанд.

Бухрони молиявӣ ҷаҳонӣ, ки саршавиашро донишмандон аввали соли 2014-2015-ум муайян намудаанд ва охираш то ҳанӯз маълум нест, мувофиқи фикру ақидаи олимони соҳа ва баъзе сиёсатмадорон бухрони энергетикию экологиро ба миён меорад, ки солҳоиназдикдарназараст.

Аз ин нуқтаи назар, имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро зарураст, ки дар асоси ташкили ҷомеаҳои байналмиллалии ҳимояи муҳити зист ва институтҳои дигари иҷтимоии юиқтисодӣ меъёрҳою арзишҳои навини ҷаҳониро коркарда амалӣ созанд, ки иҷрои он барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳонӣ шарти зарури инкишоф гардад.

Гузаштан ба технологияи каммасрафи замонавӣ ва нано технологӣ самараи калон дошта, мамнуъ будани истеҳсол ва истифодаи технологияи куҳнаи саноати ифлоскунандаи муҳити зист ва гузаштан ба ҷараёни технологии экологӣ масоили муҳими рушди ҷомеаи инсонӣ дар асри XXI мегардад. Механизмҳои инноватсионии идоракунии рушди ҷомеаи инсонӣ ва таъмини талаботи одамон аз ҳисоби истифодаи ғоратгаронаи сарватҳои табиӣ, аллакай дигар ба талаботи

экологию иқтисодӣ ҷавобгӯй набуда, он дар оянда хатари нобудшавии худи инсониятро дорад.

Хатари мавҷудияти яроққҳои атомӣ ва истифодаи нодурусти атом ба ҳодисаҳои ногувори байналмилалӣ оварда, ҷомеаи ҷаҳониро дар изтироб гузоштааст. Садамаҳои неругоҳҳои атомӣ дар Украина (Чернобил) ва кандашавии оби дарёҳо дар Чину Туркия ва якчанд ҳодисаҳои мудҳи шитабиӣ, ки ҷомеаи башарӣ дар даҳсолаи охир шоҳид аст, ҷони чандин ҳазор одамонро бурда, боиси миллионҳо хароҷоти молию пулӣ гаштааст, ки дар ҳисоб аз самараи истифодаи ин нерӯ садҳо мароти ба зиёд аст.

Агар ба таърихи рушди иҷтимоӣназарафканем, инсоният дар натиҷаи рушди худ ба хулосае омадааст, ки  самаранокии меҳнати озоди касбии ақлонӣ нисбат ба меҳнати маҷбурии ғуломӣ садҳо маротиба баландаст. Сатҳи баланди иҷтимоӣ боиси баланд гаштани ҳосилнокии меҳнатгашта, рушди босуботи иқтисодро таъмин месозад.

Аммо чунин пешравӣ дар муносибат ба сарватҳои табиӣ дар ҷаҳони муосир кам ба назар мерасад. Аз ин хотир, имрӯз ҷомеаи инсониро заруаст, ки сарватҳои табииро аз зери истисморгарони иқтисодӣ озод ва арзишҳои экологиро дарбаробари арзишҳои  волои ҷомеа  қадршиносӣ  намоянд. Ин ақидаро ҳанӯз олимон дар  нимаи дуввуми  асри  гузашта ба миён гузошта будаанд.

Масалан, аз рӯи ақидаи олими машҳур Сен-Марк «...вақти он расидааст, ки асосҳои ҳуқуқии андозавии инсониятро нисбат ба табиат муайян созем, то ин ки табиат низ дар навбати худ ҳуқуқи тоза нигоҳдории худро дошта бошад.[32]

Дар баробари афзоиши босуръати саноатию технологӣ соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои фаъоли истифодабарии сарватҳои табиӣ қарор гирифтаст. Дар натиҷа, дар зери таъсири он системаи нави

[32]Ғаниев Т.Б. „Менеҷмент“ боби 125  Идоракунии стратегии иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамчун талаботи бехатарии ташаккули рушди босуботи  иқтисодӣ ва шоистасолорӣ дар менеҷменти  асри XXI  2019 сол  С-408

экологие бавуҷуд меояд, ки хислати хоси географию физикиро гирифта, мувозинати навини системаи муҳити зист ва табиатро бавуҷуд меорад.

Пайдоиши минтақаҳои калони заминҳои обёришаванда ва обанборҳои калон, афзоиши химиякунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди заминҳои релефу иқлими гуногундошта, боиси пайдоиши як қатор масоили калони экологии ҷаҳонӣ мегарданд, ки бояд дар баробари маблағгузорӣ ин соҳаҳо барои нигоҳдории мувозинати экологӣ ҳам маблағгузорӣ карда шаванд.

Ҳанӯз дар замони худ табиатшиноси машҳури русВ. В. Докучаев гуфтабуд: «Рушди боақлона ва одилонаи кишоварзӣ якбора ба соҳибмулк ва ҳам ба коргари кишоварзӣ манфиатовар буда, аз соҳибмулк дониши баландро тала бмекунад, нисбат ба тамоми соҳаҳои саноатӣ, барои ноил гаштан ба мувафақият дар ин соҳа зарур аст, ки системаи табиӣ маҳал ва одамони онро хуб донем. Ба урфу одат ва фарҳанги зироаткории онҳо шинос бошем ва умуман ҳаргуна зироаткорӣ ҳатман минтақабандии экологӣ-табииро талабдоранд».[33]

Аз нигоҳи мо рушди босуръати афзоиши аҳолии ҷаҳон ва соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, махсусан, саноат, нақлиёт ва кишоварзӣ дар даҳсолаи охир гувоҳи он аст, ки афзоиши як тарафаи иқтисодӣ, бе назардошти сарватҳои табиӣ боиси дар зери хатар мондани зиндагии одамон гаштааст. Масоили экологӣ дар ҷаҳони муосир дар ҷойи аввала қарор дошта, инсоният дар аксари мамолики дунё ба бухрони норасоии сарватҳои табиӣ дучор гаштааст, ки ҳатто ҳаллашро дар дохили як давлат ёфтан ғайриимконаст.

Аз дигар тараф бухрони экологӣ ба бухрони сиёсӣ оварда расонидааст. Аз ҷумла, норозигии байни давлатҳо барои истифодаи сарватҳои обии аз якчанд давлат мегузашта, боркашони тариқи ҳудуди як давлат ба давлатҳои дигар ва ё масоили муҳоҷиратӣ маҷбурии аҳолӣ барои таъмини талаботи иҷтимоии худ.

---

[33] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент Менеҷменти экологӣ қисми ду „Ташкили фаъолиятҳо“ С-392-406

Одамон ба ҳар роҳ худро ба давлатҳои тараққикардаи дунё мерасонанд, то аз гуруснагӣ нобуд нагарданд. Инчунин, боз яккатор масоили экологию иҷтимоие вуҷуд доранд, ки онҳо фақат ба номувозинатии масоили иҷтимоию иқтисодӣ ва табиии замони муосир хос мебошанд. Ҳар як соҳибкор ва фарди соҳибақл бояд андеша намояд ва дар фаъолияти худ набояд истифодаи ғоратгаронаи табииро амалӣ гардонида фоидаи ночизе гирад, ки зарараш баъди муҳлате аз фоидаи гирифта садҳо маротиба зиёд бошад.

Фаъолияти хоҷагидорию соҳибкории замони муосир имрӯз дар тамоми ҷаҳон зери танқиди донишмандону олимони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва экологӣ қарор дорад. Ин ба он хотираст, ки рушди бемайлони иқтисодӣ ва нобудшавии ландшафҳои табиӣ, инчунин болоравии арзиши молу хизматрасониҳо ва қиматшавии моддии зиндагии мардум боиси зиёд шудани тафовути байни мардуми сарватманд ва камбағал гардидиааст. Мувофиқ ба он дар ҷаҳон давлатҳои пешқадам ва қафомонда ва ё қашшоқ пайдо шудаанд, ки шумораашон имрӯз зиёда аз 30-фоиз аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Аз тарафи дигар, ифлосии муҳити зист ва норасоии ғизои мардуми камбағал боиси зиёдшавии бемориҳо, махсусан, бемориҳои сирояткунанда дар ҷаҳон гаштааст. Масоили равиши онро мо дар бемории ҷаҳонии COVID-19 дида, инчунин, химиякунонии маҳсулоти ғизоӣ аксар маврид дар ин мамолик ба заҳролудшавии одамон дар натиҷаи истеъмоли ғизои аз ҷиҳати экологӣ нотоза оварда расонида, боиси хароҷоти зиёди одамон барои табобати саломатӣ ва паст шудани боздеҳии неруи ақлонии инсонӣ гаштааст, ки масоили мавҷудаи иҷтимоиро дар ин мамлакатҳо мураккабтар мегардонад.

Ҷомеаи инсонӣ чандин сол боз ҳудуди инкишофи саноатиеро гузаштааст, ки афзоиши онбоиси боз ҳам харобгардии муҳити табиӣ гашта истодааст. Аммо рушди иқтисодӣ, махсусан, саноат барои солимгардонии муҳити зист мабалғҳои хеле кам ҷудо менамояд

Масалан, агар ба давлати тараққикардаи Ҷопон назар андозем, ҳамагӣ 10-15% ММД-ро хароҷоти ҳифзи муҳити зист ташкил медиҳаду халос. Аз рӯи ҳисобҳои мутахассисон хароҷоти солимгардонии муҳити зист барои таъмини самаранокӣ на бояд камтараз 20-30 ММД ҳар як мамлакати пешқадами саноатиро ташкил намояд.

Чуноне ба мушоҳида мерасад хароҷоти давлатҳо барои оби нӯшокӣ ва тоза кардани он чӣ қадар зиёдгашта истодааст. Қариб 9 давлати ҷаҳон аллакай оби нӯшокиро аз дигар давлатҳо ба воситаи нақлиёт мекашонанд. Маълум мегардад, ки новобаста аз шакли моликият, фаъолияти соҳибкорӣ аксар маврид аз ҳисоби истифодаи ғоратгаронаи сарватҳои табиӣ сурат мегирад. Баъд аз муддате чунин рафтор ба мушкилоти калони глобалии экологӣ оварда мерасонад.

Бухрони экологӣ аз бухронҳои молиявию иқтисодӣ куллан бо ҳаҷм ва зарару мухлати бартарафнамоӣ фарқи калон дорад. Агар бухрони иқтисодӣ ин номувозинатии байни истеҳсолоту истеъмолот бошад, пас бухрони экологӣ номувозинатии байни ҷомеа ва табиат аст, ки дар асоси яктарафагии афзоиши техникаю технологӣ ва рушди бемайлони саноатӣ бе назардошти қонунияти экологӣ ба майдон омадааст.

**Дувум** ин ки, бухрони экологӣ ҷараёни барқароршавии зиёдеро дар бар гирифта, рафтори бешуурона ва ё худ беандоза боиси аз байн рафтани мавзеъҳои табиӣ ва ҳатто одамон низ шуда метавонад. Аз тарафи дигар, номувозинатии экологӣ ғайр аз номувозинатии олами растанию ҳайвонот номувозинатии ҳаётӣ-табиии худи одамон аст, ки дар натиҷаи вайроншавии ҳолати атмосфера, норасоиҳои ғизоӣ ва обхезиҳою сӯхторҳою шамолҳои чанголуд инсон ҳаёти худро зери хатари экологӣ гузоштааст.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки механизми идоракуни дуруст сармояи рушди иҷтимоии ҷомеа, тарзу усул ва роҳҳои механизми идоракунии босуботи истифодабарии сарватҳои табиӣ дар алоқамандии

зич амал карда, инсоният бояд дар баробари рушди иқтисодию иҷтимоӣ мувозинати табиӣ-географӣ ва экологии муҳити зистро нигоҳ дорад, то рушди устувори ҷомеаи инсониро дар давоми ҳазорсолаҳо боз нигоҳ дошта тавонад.

Ҳудуди ташаккули механизми системаи стратегии идоракунии рушди устувори иқдисодӣ ва шоистасолории бевосита талаботи олии креативию когнитивии рушдёбандагии одиву созандагии зеҳнӣ ва кашфиётиву ихтироотии инсоният мебошад. Ин имконияти озоду пуррае медиҳад, ки ҳар як фарди ҷомеа шароитҳои фазоӣ озоду орому сулҳу амонӣ, механизми самараноки амалисозии истеъдоди табииву қудрату тавонмандии касбиву ҳунарии худро бевосита амалӣ созад. Дар ин замина сатҳи зиндагонии худро боло бурда, хушбахтона зиндагонӣ ва коруфаъолияти касбиву ҳунарӣ дошта бошад.

Аз ҷониби дигар, масъулиятшиносии иҷтимоиву экологии менеҷменти муосири касбӣ ва муносибатҳои иҷтимоиву меҳнативу касбии имрӯзаиҷаҳонӣчӣдарсатҳи корхонаву ширкат ва ҷӣ дар сатҳи давлату ҷаҳон шакли интегратсиониву глобалӣгирифтааст.

Имрӯз ҳеҷ як корхонаву ширкати алоҳида дигар наметавонад, ки дар шакли пешина тарзу усули роҳбарӣ ва ё механизму муносибати меҳнатии куҳнашударо ташкил намуда, мардумро истисмор кунад.

Ёин ки шароити хуби меҳнатӣ пайдо насозад ва ё маоши онҳоро саривқт надиҳад ва ё ҳолати экологии вазнинро барои ҷомеаи инсонӣ пайдо созад.

Имрӯзҳо тамоми ҷаҳон ба он хулосае омадаанд, ки танҳо ҷомеаи иттилооти касбӣ метавонад шаклу усули навини механизмҳову муносибатҳои иртиботноку иттилоотиро ташаккул дода, талаботи баланд ба фаъолиятҳои олии креативӣ когнитивии идоракунӣ дошта бошад.

Аз ҷониби дигар, рақобатҳои соҳибкории касбиву ҳунарӣ ва меъёру андозаҳои солими соҳибкорӣ маҳз дар ҷомеаи рушдёфтаи

ҷаҳонӣ мавқеъ ва мартабаи баланди худро пайдо карда, самараноку фоидавовар мебошанд.

Инчунин, худи суръати афзоиши аҳоливу зиёдшавии миқдори одамон дар ҷаҳон ва маҳдудияти сарватҳои табиӣ, вайроншавии ҳолати атмосфера вобастааст, ба зиёдшавии партовҳои саноативу болоравии моли кимиёвӣ ва таъсиррасонии баланди он ба табиат то зинае расидааст, ки дигар муҳити табиат танҳо худашон наметавонад қобилияти худбарқароркуниро дошта бошанд.

Таъсиррасонии антропогении инсон дар рӯизамин, балки дар қабатҳои чуқуриуқёнусиҷаҳонӣ, минтақаияхбастаи ҷаҳонӣ обшавии пиряххои чандинҳазорсолаи рӯи Замин ва ҳатто ифлосшавии қабатҳои атмосферӣ ва ба бемориҳои табобатнашаванда гирифтор шудани одамону олами ҳайвонот боиси он гаштааст, ки боз як маротиба инсоният андешаи рушди механизми инноватсионии идоракунӣ иқтисодиву техникиву технологии худро дар мувофиқа ба мувозинати экологиву муҳити солими атроф дошта бошад.

Дар идоракунии механизмҳои инноватсионӣ стратегии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ саҳмгузори таърихӣ бошем.

Барои соҳибкории имрӯза мутобиқсозии бехатарии иҷтимоии ҳама иштироккунандагони ҷараёни фаъолиятҳои касбӣ-ҳунарӣ ҳамчун унсури асосии механизмҳои стратегияи рушдёбандагӣ бояд қабул карда шавад.

Имрӯзҳо аксари давлатҳои пешқадами ҷаҳонӣ ба он хулосаи умумӣ омадаанд, ки фазои орому озод дошта бошанд, ки дар он шаклҳои навини иттилоотиву иртиботӣ тавлид гардида, рақобатҳои солими риояи меъёрҳои навини байналмилалӣ беҳтаршавии фарҳангӣ соҳибкории байналмилалӣ механизмҳои идоракунии креативию когнитивии истеҳсоливу хизматрасонӣ ҳукмфармо бошад.

Масоили бехатарии масъулияти роҳбарии босуботи иҷтимоиву экологии соҳибкорӣ чандин сол боз диққати иқтисодшиносону сотсиологҳо ва экологҳову сиёсатмадоронро ба худ ҷалб намудааст.

Ҳанӯзсолҳои 50-умиасригузашта олими амрикои Г. Боуен дар китоби худ «Масъулияти иҷтимоии соҳибкор» қайд карда буд, ки соҳибкор бояд он сиёсатеро пеш бубарад ва қарореро қабул намояду роҳеро пеша гирад, ки аз нигоҳи арзишҳо ва мақсадҳои ҷомеаи инсон қабул ва зарур бошад.

**Г.** Боуен ва ҳаммаслаконаш К.Девис ва Р. Бломстром дар китоби «Соҳибкорӣ ва муҳити атрофи он» (1966)оид ба масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ навишта будаанд, ки барои он шахсиятҳое, ки қарори роҳбарии соҳибкорӣ қабул менамоянд, бояд роҳу равишеро пеша намоянд, ки на танҳо манфиатҳои хеш, балки барои ҳимоя ва зиёдгардонии боигарии ҷомеа низ бошанд.[34]

Дар илми идоракунии муосир аслан панҷ равиши масъулияти бехатарии идоракунии иҷтимоиву экологии соҳибкорӣ ҷудо карда мешавад:

1. Нишонагириву гӯшандохтанбафикруақидаҳовахоҳиши ҷомеае, ки дар механизмҳои идоракунии корхонаву ширкатҳо ва равишҳое, ки кору фаъолият менамоянд, истеъмолкунандаи молу хизматҳои шумо мебошанд ва ашхосе, ки дар гирду атрофи шумо эиндагонӣ менамоянд.

2. Доимо нигоҳдории муносибати хуби идоракунии иттилоотиву иртиботӣ ва тиҷоративу ахлоқӣ бо истеъмолкунанда ва таъмини баланди талаботи харидории онҳо, инчунин ҳамкории зичи рущдёбандагиву созандагии олии креативию когнитивӣ.

3. Диққати асосӣ ба истеъдоду қобилияту ҳунари баланди касбиву эҷодӣ ва тавонмандиву созандагии кормандон дар вақти қабул ба корхонаву ширкат ва ҳамкориҳои пайвастаи фаъолияти меҳнатӣ.

4. Нигоҳдории механизмҳои ҳавасмандӣ масъулияти баланди бехатарии иқтисодӣ, хуқуқӣ ва ахлоқӣ дар назди ҷомеа, роҳ надодан ба

---
[34] Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳимов Ҷ.Р. Танзими давлатии иқтисодиёт.- Душанбе Ирфон 2010 с.

истеҳсоли молу хизматрасониҳои зараровар бо ҳаёти инсон ва риояи бечунучарои тамоми қонунҳои ватаниву байналмилалӣ.

5. Пайваста амалисозии барномаҳои амалисозии механизмҳои инноватсионӣ идоракунии дастгириву кумаки мардуми камбағал нотавон ва барномаҳои экологии солими атроф ва дигар равишҳои рушдёбандагиву таъмини бехатарии иҷтимоиву экологии ҷомеа.

Аз панҷ равиши дар боло овардашуда пурра маълум мегардад, ки ҳар шаклҳоисоҳибкор дар назди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳам масъулу ҷавобгариву қарзи инсонӣ дошта, барои таъмини зиндагонии шоистаи кормандони худ мебошад.

Барои мардуми ҷопонӣ бошад, ин кирояи якумра буда, ҳар як соҳибҳунарро корхонаву ширкат ба кор қабул намуда, то охири умр шаҳрванди ҳамон ширкат ҳисобида шуда, аксари хизматрасониҳои иҷтимоӣ худаш ва оилаашро ширкат ба ухда мегирад. Яке аз равишҳои дигари илмии масъулияти иҷтимоиву экологии донишманд В.А. Остроухова дар китоби «Модели 3-Р» (Одамон, Сайёра Фоида) рушдёбандагии ин се унсурро дар қонунияти ягонагии алоқамандии рушд шинохта, таъкид бар он дорад, ки рушдёбандагии яке аз онҳо ба рушдёбандагии дигарашон оварда мерасонад.

Аз ин нуқтаи назар, ин қонуниятро ҳамчун талаботи стандарте» рушдёбандагии корхонаву ширкатхо қабул намуда, оид ба пайвастагии «иқтисодӣ-иҷтимой-экологи- сиёсӣ»бояд доимо ҳисобот дода шазад.

Ҳатто ин моделро ҳамчун модели иртиботии соҳибкории ҷомеа ва табиат солҳои охир ҳамчун сарчашмаи рушдёбандагии механизмҳои идоракунии соҳибкорӣ ва ҷомеа низ шинохтаанд.

Аз ҷониби дигар, имрӯзҳо дар олами соҳибкорӣ механизми дигари мустақил ҳаллу фасл намудани масоили иҷтимоиву экологии корхонаву ширкат ба роҳ монда шудааст, ки барои амалигардонии он худи менеҷмент мебошад. Сухан дар бораи он меравад, ки барои фоидаи баланд гирифтану истифодаи пурраи истеъдоду қудрату

тавонмандии касбиву ҳунарии кормандони болаёқат корхонаву ширкат манфиатдор аст.

Тамоми талаботи бехатарии иҷтимоиву экологии онро пурра таъмин сохта, дигар кормандонашон ягон андешаву муаммоҳои иҷтимоиву экологӣ надошта, танҳо андешаи хубу самаранок фаъолият карданро дар корхонаву ширкатҳо дошта бошанд, яъне ин равиш аллакай барои аксари корпоратсияҳову ширкатҳои байналмилалӣ як равиши пурқуввати консептуалӣ гашта, тамоми масъулияти иҷтимоиву экологии вобаста ба ширкатро пурра ба уҳдаи худ гирифтаанд.

Эҳтирому нигоҳдории арзишҳои баланди фарҳангии рушди ҷомеаи инсонӣ ва дастгириву рушду равнақи он дар бозори ҷаҳони обрӯю эътибори ширкату корпоратсияҳоро хеле баланд гардонида, ҷомеа низ дар навбати худ таъсири калони рушдёбандагӣ дорад.

Албатта, масъулияти корпоративии менеҷменти иҷтимоӣ-экологӣ ин ҷараёни сармоягузории корхонаву ширкат барои бехтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва дастгирии фаъолияти касбиву ҳунарӣ равона сохтани сармояи молиявию пулӣ, захиравию техникиву технологӣ ва идоракунӣ бо мақсади фаъолгардонии неруи зеҳнии инсонӣ ва ташкили муҳити солими бехатари экологии соҳибкорӣ мебошад.

Барои пурра ва пайваста амалисозии чунин барномаи менеҷменти муосири касбӣ вазифадор мебошад, мувофиқ ба стандартҳои байналмилалии сифатии иҷтимоиву экологии иҷроиши кору хизматҳо ва истеҳсолӣ молу хизматрасониҳо фаъолиятро ба роҳ монда, мақсадгузориву барномасозиву лоиҳаҳои сармоягузориҳои стратегии худро ба ин равиш мувофиқ гардонад.

Аз нигоҳи дигар, дар доираи фаъолияти функсионаливу вазифавии худи корхонаву ширкатҳо, дар вақти ташкили истеҳсоли молу хизматҳо риоя кардани талаботи стандартии сифатӣ, нарху нархгузории молу хизматҳо ба роҳ монда мешавад. Андозсупории

корхонаву ширкат, тарзу усули музддиҳӣ ва ҳавасмандкунии кормандон, ташкили суғуртаиичтимойватиббӣ, дастгириҳои дигари нигоҳдории солимии кормандон, ташкили реҷаи вақти кории онҳо ва дигар равишҳои ташкили фаъолиятҳои касбӣ-ҳунарӣ дар доираи қонун ва меъёрҳои стандартӣ байналмилалӣ бояд сурат гиранд.

Имрӯзҳо модели зинаи баланди менеҷменти давлативу байнидавлативу ҷаҳонӣ муҳокима ва мавриди таҳлилу баррасии пайваста қарор доранд.

Моделҳои паҳнгаштаи менеҷменти ҷаҳонии дар илмӣ менеҷерҳо модели амрикоӣ, ҷопонӣ, англисӣ, олмонӣ ва омехта шинохта шудаанд, ки яке дар доираи фаъолияташон бартарияту талаботи иҷтимоиву экологии хоси худро доранд. Аз рӯи баъзе маълумотҳои имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 1000 ширкатҳои калони байналмилалӣ аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ пайваста ҳисобот месупоранд.

Яке аз стандартҳои байналмилалӣ, ки имрӯзҳо дар ҷаҳон бисёр талаботи босубот пеш гузоштааст, инстандарти ИСО-26000:2010 мебошад. Ин стандарт равиши интегратсиякунонии ҷаҳонӣ дошта, равишҳои алоҳидаи фаъолияти идоракуниро дар менеҷменти муосири касбӣ пурра дар бар мегирад. Дар баробари ин, боз стандартҳои АА 1000:1999, СА 8000:2001, ОНСАС 18001:1999:2000 ва дигар стандартҳое мебошанд, ки тамоми паҳлуҳои талаботи дар сатҳи менеҷменти байналмилалӣ пурра ба худ гирифта, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳанд.

Вобаста аз талаботи дар боло овардашудаи стандартҳо имрӯзҳо ширкату корхонаҳо маҷбур мебошанд, ки диққати асосиро ба ҳисоботи ғайримолиявӣ, яъне ҳисоботи бехатарии иҷтимоиву экологӣ диҳанд.

Чунки ин воситаи иттилоотиву иртиботии менеҷмент оид ба амалисозии фаъолияти рушди босуботи иқтисодӣва шоистасолорӣ бо мақсади таъмини бехатарии иҷтимоиву экологӣ барои имрӯзуфардои ҷомеаи инсонӣ мебошад. Аз ҷониби дигар, ин пурқувват гаштани

боварии одамон ба ин равиши фаъолияти соҳибкорӣ ва устувориву рақобатпазирӣ, болоравии обрўюэътиборисоҳибкорон дар назди халқу миллаташон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Барои ноил гаштан ба чунин дастовардҳои бузург соҳибкории менеҷменти корпоративиро зарур аст, ки равишҳои зерини идоракунии рушди босуботро пеша намоянд:

**1.** Ташаккул ва рушдёбандагии ризоияти иҷтимоии ҷомеа оид ба фаъолияти шартномавии меҳнатӣ дар асоси риояи талаботи байналмилалии стандарти ташкил ва бехатарии идоракунии фаъолияти меҳнатии касбиву ҳунарии одамон;[35]

**2.** Ташаккул ва рушд додани масъулияти механизми рушди босуботи «Ҷомеаи шаҳрвандии корпоративӣ;

**3.** Фаъолгардонии ҷараёни ҷалби зиёди кормандон ба идоракунии босуботи стратегии корхонаву ширкатҳо, иттиҳодҳо зеҳнҳо ва эҷоду кашфиёт дар соҳибкорӣ;

**4.** Гузашган ба тарзу усули таълими бефосилаи касбӣ-электронӣ барои тамоми кормандони корхонаву ташкилот ва таъмини озоди рушдафзояндагиву созандагии эҷоду кашфиётии ҳар як корманд дар ҷараёни фаъолияти идоракунии рушди босуботи касбиву ҳунарӣ мебошад.

**5.** Ҳамкории пайвастаироҳбарон бо истеъмолкунандаву харидор ва ҷалбсозии онҳо дар ҷараёни рушдёбандагии соҳибкорӣ, сифати истеҳсолу навсозиву беҳтарсозии молу хизматрасониҳо дар корхонаву ширкатҳо.

Ҳамин тариқ, гузаштан ба модели васеи фаъолгардонии худи ҷомеаро дар ҷараёни рушдёбандагиву созандагии механизми идоракунии рушди босуботро таъмин намуда, хоҳиши баланди харидории онҳоро боло бурда, дар навбати худ боздеҳии зиёдеро барои соҳибкорон низ дорад.

---

[35]Григорьев, Л., Макаров, И., Павлюшина, В., Соколова, А., Степанов, И. Изменение климата и неравенство: потенциал для совместного решения проблем.//Вестник Международных организаций.-2020.-Т. 15-№ 1.

Ҷараёни гузариш ба идоракунии рушди босубот дар менеҷмент иқтисоди навини донишҳову ҷомеаи шаҳрвандии иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии глобалии бозори иқтисодӣ зарурати дигар дар назди менеҷменти корхонаву ширкатҳо гузошта, бевосита таъмини химояи иҷтимоиву бехтарарии экологии ҷомеаро талаб дорад.Имрӯзҳо созандагиву рушдёбандагии корхонаву ширкат бе идоракунии рушди босуботи иҷтимоӣ ва ягонагии сиёсати бехатарии «иҷтимоӣ-иқтисодӣ-экологӣ-сиёсӣ» хеле мушкилу мураккаб аст.

Ҳатто, дар тарзу усули давлатдориву ҳокимиятдорӣ низ тағйироти бузурге ба амал омада истодааст, ки ҷомеаи инсонӣ ба шакли давлати иҷтимоӣ ва таъмини зиндагонии шоиставу рушди эҷоди инсонӣ гузаштанро талаб доранд. Ҳангоми баҳодиҳии нишондиҳандаҳои механизми давлатии идоракунии рушди босуботи иҷтимоӣ ченакҳои зеринро ба инобат гирифтем:

1. Мутаносибии азнавтақсимкунии даромадҳо, рушдёбандагӣ ва равишҳои умумииқтисодии ҷомеа ва эҳтирому рушди анъанаҳои милливу фарҳангӣ, арзишҳои меъёрии рушди ҷомеа.
2. Мутаносибии рушдёбандагии давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди соҳибкорӣ ҳамчун субъектҳои сиёсиюиҷтимоии давлатӣ;
3. Ҳимояи конунии давлатӣ ва таъмини бехатарии идоракунии иҷтимоиву экология ҷомеаи шаҳрвандӣ;
4. Гузариш ба ташкилу идоракунии истеҳсолоти босубот бо наздикшавии моликияти фардии креативи эҷодиву сотсиализатсия-кунонии пурраи соҳибкорӣ;
5. Шакли умумии ҳамкориҳои давлатии иҷтимоӣ ва соҳибкорӣ ҳамон мебошад, ки дар он иттиҳоди ногусастании байни кормандону иштироккунандагони ҷараёни роҳбарӣ ва ҷомаеи шаҳрвандӣ дида мешавад.

Аз равишҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ки механизми идоракунии рушди босубот ин худ рушдёбандагиву

созандагии соҳибкории менеҷменти  корхонаву ширкатҳо буда, пеш аз ҳама дар холе пурра амалӣ карда мешавад, ки агар дараҷаи баланди муносибатҳои бехатарии  идоракунии босубот касбии  меҳнатӣ механизмҳе  мавҷуд бошанд. Албатта, ширкату корхонаҳо ҳамон вақт ба дастовардҳои баланд ноил мегарданд, ки дар муносибатҳои меҳнатии касбӣ моделу системаҳои истифода ва ҳамкориҳои зичу пайвастаи идоракунии рушди босубот бо шарикони рушдро аз хати интернетӣ пайдо карда, дар реҷаи фаъоли онлайн фаъолияти самарноки эҷодиву кашфиётӣ ва созандагиву ихтироотӣ намуда, устувориву мувозинативу мутобиқатии роҳбарии худро ба талаботи давру замон мувофиқ  гардонида, ба пеш ҳаракат менамоянд.Махсусан,идоракунии рушди босубот модели шарикии иҷтимоии рушдёбандагӣ ҳамчун институти махсуси ҷомеаи шаҳрвандӣ имконоти баланди мувофиқасозиву мутобиқаткунонии бехатарии ҷомеаи шаҳрвандиро ба соҳибкорӣ дошта, барои ҳалли аксари масоили мунокишавию баҳсҳо ва нофамоиҳои кумаки калон мерасонад. [36] Мо имрӯзҳо аз сайтҳои расонаҳои хабарӣ мебинему мешунавем, ки чӣ тавр ҷомеаи иттилоотии шаҳрвандӣ норизогии худро нисбат ба қарорҳои беадолатонаи давлативу соҳавӣ ва ё ширкатҳои байналмилалӣ баён намуда, ба кӯчаҳо мебароянд, корпаративу дигаргунсозии сохтори давлативу аз сари қудрат дур сохтани президентони ноуҳдабарову роҳбарони сиёсиву иҷтимоӣ ва пешвоёни корхонаву корпоратсияҳо ва ҳолатҳои нохушу носолиме меорад, ки аз ҳамин масъулиятшиносии соҳибкориву давлатдорӣ маншаъ мегиранд.

Бо мақсади рух надодани чунин ҳолатҳои носолим ҷомеаи шаҳрвандӣ  ҳамарӯзаталаби механизми инноватсионии идоракунии рушди босуботро бо ҳамкории иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоиро пеша кардан шарти зарурӣ мебошад. Дар натиҷа чунин механизми

---

[36]С.Н. Бобылев, П. А. Кирюшина, О. В. КудрявцевойЗеленая экономика и цели устойчивого развития для России // под ред...- Москва:Экономический факультет МГУ им. М. В. Ломоносова, 2019.

идоракунии менеҷменти рушди босубот шароити хуби муҳити иҷтимоиву иқдисодӣ ва экологиву сиёсиеро таъмин созем, ки ҳар як фардисоҳибақли ҷомеа то ба зинаи худтасдиқкунӣ расидани худро таъмин карда тавонад ва дар шароити ороми сиёсиву иқтисодӣ кору фаъолият намояд.Шарикии иҷтимоӣ-ин шакли алоқамандии иҷтимоии ҷомеа ва ё гурӯҳи одамон ва ҷамъияти иҷтимоиву корхонаву ташкилоту ширкатҳо ва давлат мебошад, ки дар асоси арзишҳои баланди эҳтироми инсонӣ ва адолати манфиатҳои тарафайн ва ташкили фаъолиятҳои самараноки идоракунии рушди босуботи касбиву ҳунарӣ ташкил карда мешавад. Аз нигоҳи дигар, шарикии иҷтимоӣ ин худ менеҷмент системавии муносибатҳоиидоракунии рушди босубот мебошад, ки дар асоси гуфтушуниду ризогии дутарафаю якчандтарафа ташкил карда мешаванд. Уҳдадориҳои идоракунии функсионаливу вазифадории тарафҳои сохтори давлатӣ, иттифоқи касаба, соҳибкоронро муайян сохта, онҳоро мустаҳкам гардонида, барои таъмини зиндагонии шоистаи инсонӣ роҳбаладӣ менамояд.Объекти асосии шарикии иҷтимоӣ ин муносибатҳои воқеии иҷтимоӣ, иқтисодии меҳнатӣ байни гурӯҳҳои гуногуни касбиву ҳунарӣвадигарсохторҳои ҷамъиятӣ барои ташкили шароити шоистаи зиндагонӣ ва озодии солимии одамону муҳити атрофи табиӣ мебошад.Имрӯз ҳеҷ як корхонаву ширкати алоҳида дигар наметавонад, ки дар шакли пешина тарзу усули истифодаи захираҳои табӣ ё муносибатҳои дағалонаро бо табиат ё муносибати куҳнашударо ташкил намуда, мардумро истимор мекунад.

Имрӯзҳо аксарияти давлатҳои ҷаҳон ба хулосаи умумие омадаанд, ки фазои орому озод, паст будани офатҳои табиӣ, гармшидани ҳаво, аз байн рафтани пиряххо ва дигар офатҳои табии ба миён омада як модели оқилонаи истифодаи захираҳои табиӣ ва роҳҳои пешгирии офатҳои табииро пешниҳод намудаанд.

Модели механизми ташаккули менеҷменти муосир ба он ишора мекунад, ки дар асоси қонунгузории давлатӣ, паст намудани сатҳи андозҳо, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ҷалб кардани захираҳо ба

саноат ва дигар масъалҳои ба он монандро доир ба азхудкунии захираҳои табиӣ метавонад бо пуррагӣ ҳал намояд (расми 1.1.).

Усули барномавӣ-мақсадноки танзими давлатии ҳудудҳои тараққиёти минтақаҳо имконият медиҳад, ки воситаҳоро муттаҳид намуда, истифодаи самараноки онро барои ба даст овардани мақсадҳои рушди босубот ба роҳ монем.[37]




**Расми 1.1. Механизми ташаккули модели идоракунии менеҷменти рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ**
***Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.***

Барои мо нуктаи муҳим он нест, ки на танҳо дар мавқеи ҷаҳонӣ, балки дар фаъолияти ҳаррӯзаи кориамон аз роҳбарони касбӣ, то ҳар як аъзои даста оид ба муҳити атрофамон дониши мукаммали экологӣ ва табиатшиносӣ дошта бошад.[38] Мураккабиву мушкилии ин талаботи такмили механизми идоракунии рушди босубот худ такимли муносибатҳое шарикии иҷтимоӣ дар ҳама сатҳои идоракунӣ-аз сатҳи

[37]Исайнов Ҳ.Р. Иқтисодӣ миллӣ Душанбе «Ирфон», 2018 С. 594-595

[38]Мақолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷаллаи-Нигориши СММ|| таҳти унвони-Об барои рушди устувор (Water for Sustainable Development) [манбаи электронӣ]. -26.05 .2020.- ҳолати дастрасӣ: https://medt.tj/tj/news/novosti-ministerstva-ekonomiki/568-statya-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-v-zhurnale-khronika-oon-pod-nazvaniem-voda-dlya-ustojchivogo-razvitiya.

давлатӣ то менеҷменти соҳа, корхона,ширкат, оилаву ҳар як фард бояд такмил дода шаванд. Чунки дар ҳама мавридҳо дар атрофи масоили манфиатҳову тақсимоти даромадҳову захираҳо сухан рафта, таъмини пурраи тарафҳо хеле мушкилу мураккаб шудааст.




**Расми. 1.2. ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР НИЗОМИ ОМИЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАХОИ ТАБИӢ**

**Сарчашма: А.В. Неверов., Л.Н. Мороз., В.Н. Марцуль Экологический менеджмент Минск Белоруский Государственны Университет 2005 г**

Танҳо дар асоси базаи мустаҳкамии қонунҳои иҷтимоии давлативу стандартҳои байналмилалии ташкили муносибатҳои меҳнатӣ ва истеҳсоливу фурӯши молу маҳсулоту хизматарсониҳо мо имконоти мувофиқатсозиву мувозинату одаткунониву рушди босуботро дошта метавонем.

Сармоя иқтидори истеҳсолиро дар заминаи илмӣ-техникӣ ташаккул дода, мавқеи рақобатнокии минтақаро дар бозори дохили муайян месозад. Нақши хеле ҷиддиро ҷалби сармояи хориҷӣ дар шакли инвеститсияҳои мустақим ва дигар активҳо барои рушди саноатӣ коркарди захираҳои табиӣ барои давлат, ки аз вазъити ногувори иқтисодию иҷтимоӣ мебароянд нақши ҳалкунанда мебозад. Дар модели овардашуда менеҷменти муосир ҷиҳатҳои заифӣ ва пурқуватии рушди иқтисодиёти минтақаҳо нишон дода шудааст, аз қабили коркарди нақшаҳо ва барномаҳои рушди иқтисодӣ, ташаккулёбӣ ва баландбардории бозори инфрасохтор, ҷобҷогузори ва таъсисдиҳии корхонаҳои нав дар ноҳияҳои аҳолинишин, баландбардории смаранокии Барномаҳои сармоягузорӣ, шуғли самаранок, омодасозии кормандони касбӣ, афзоиши ҷойҳои корӣ ва дигар омилҳои ба рушди иқтисодӣ алоқамандро мемӯзонад.

**Хулоса дар бораи зербоби 1.2.**

Дар ин зербоб бештар бо масъалаҳои механизмҳои менеҷменти идоракунии рушди босубот самаранок истифодаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди босуботи иқтисодиёт бо иқтидори зиёд аз худ намудани онҳо, таъмини рушди соҳаҳо ва бо ин васила таъмини рушду пурсамар мебошад. Зеро имрӯз зарурати пеш омадааст, ки модели бехатарии менеҷменти рушди босуботи касбӣ- ҳамчун системаи ягонаву пайвастаи иқтисодию-экологӣ мушкилоти ширкатҳои ҷаҳони муосир буда онро метавон технологияи ба мақсадрасии устувору мувофиқсоз дар ҳама давру замон барои корхонаву ширкатҳои ватанию байналмиллалӣ пешниҳод намоянд.

Дар айни замон вайрон кардани табиати атроф ба шароити табиӣ минтақа таъсири ҳалокатовар мерасонад. Дар хусуси он, ки ба

шароитҳои ҳаёт қабл аз ҳама саломатии инсон бади худро мерасонад ва он дар сурати тадбирҳои лозимаи таъҷили андешидан оқибатҳои ҷиддии ҳалокатовараш таҳдид мекунад. Вазъияти ҳозираи экологӣ аз мо талаб мекунад, ки таъсири инсонро ба табиат ҷиддан мавриди омӯзиш қарор диҳем,усулҳои нигоҳдории бағоят мусоиди механизмҳои менеҷменти муносибатҳои байни ҷамъият ва табиатро дар шароитҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дарёфт намуда, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи бо ҳам вобастаи тағйироти муҳити табиат ва тараққиёти энергетика, саноат, нақлиётро дақиқ намоем, инчунин пешгуиҳои экологӣ намуда, беҳдошти табиатро идора карда, дар менеҷменти ширкатҳову корхонаҳо некуаҳволии одамонро дар назар дошта бошем. Суръати хеле баланди азхудкунии захираҳои табиӣ ба зуд ифлосшавии табиат оварда расонида истода аст. Имрӯз дар Замин ҳатто ба андозаи як метрии мурабаъ ҷой намондааст, ки дар он натиҷаи хочагидории бепарвоёнаи инсон, фаъолияти манфии он менеҷменти корпоратсияҳои ҷаҳонӣ эҳсос нашавад.

### 1.3.Механизми инноватсионии бехатарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ

Равишҳои назариявии омӯзиши навтарини рушди босуботи иқтисодӣ, ки тайи 50 соли охир дар аксари менеҷменти корхонаву ширкатҳо давлатҳои ҷаҳонӣ қабул доштааст, ҳамчун пойдевори асосии рушдёбандагиву созандагии иқтисоду иҷтимоиёт ва сиёсату роҳбарии экологи шинохта шудааст ва дар роҳи бамақсадрасии ҷомеаи ҷаҳони хизмат карда истодааст.

Мо давраҳои фарққунандаи назариявӣ-таҳқиқотии ташаккули механизми идоракунии рушди босуботи бехатарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологиву сиёсиро дар ҷаҳон ба панҷ давраи фарққунандаи идоракунии хос ҷудо менамоем:

1.Давраи аввали механизми рушдёбандагии консептуалии идоракунии рушди устувор аз декларатсияи СММ оид ба муҳити атроф (табиат) ки дар Стокголм соли 1972 дар асоси маърӯзаи «Клуби рим»,

киқабул шуда, баъдан ҳамчун узви консепсияи экологӣ ном бароварда баҳсҳои зиёдеро оид ба рушди ояндаи бехатарии ҷомеаи башарӣ ба майдон овардааст ва то аввали солҳои 90-уми асри гузашта амал доштааст.

Дар байни баромадҳои ин давра аз ҳама хубтару пурмазмунтар баромади донишманд Д. Медоуза бо номи «Марзҳои рушдёбанагӣ»ном дошт, ки боиси баҳсу мусоҳибаҳои зиёди байналмилалӣ гардидааст. Аз нигоҳи аксари донишмандони ин давраи таҳқиқоти маҳдудияти сарватҳои табиӣ биосфераи замин ва модели анъанавии истифодабарии сарватҳои табииро дар бар гирифта, ҳамон замон дар аксари минтақаҳои рӯи замин инсоният аз ҳадди ғунҷоиши экологии биосфераи замин гузашта буд, дар натиҷа як қатор қитъаҳои замин ба хушкшавӣ, харобшавию шӯрашавии қабати болои хок оварда расонид, ки қисмати зиёди заминҳои кишоварзиро аз гардиши истифодабари ин соҳа баровардa буданд.

Давраи дувуми омӯзиши консептуалии идоракунии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорииро, ки азсолҳои 90-уми асри гузашта оғозшуда, то аввали солҳои 2000-ум давом кардаст, мо ҳамчун давраи аз нав дида баромадани тамоми нишондиҳандаҳову параметрҳо, системаву модели менеҷментҳо идоракунии истифодаи сарватҳои табиӣ ва равишҳои рушдёбандагии худи ҷомеаи инсонӣ шинохтаем.

Дар ин давра солҳои 1987 дар назди СММ Комиссияи махсус оиди ба муҳити атроф ва рушдёбандагӣ ташкил карда шуд. Аввалин маърӯзабономи «Ояндаи умумии мо (инсоният)» (раиси комиссия Г.Х. Брундтланд) шунида шуда, хулосаи аниқи илмии консептуалии гузариши инсоният ба модели руши босуботи иқтисодӣ қабул карда шуд, ки он дар таърихи рушди башарӣ як таккони бузурги илмиву амалӣ гаштааст.

Мақсади асосии менеҷменти инноватсионӣ рушди босуботи иқтисодӣ таъмини талаботи имрӯзаи инсоният бо назардошти насли оянда ном гирифта, то ин давра ҳанӯз моҳияту манфиати худро гум накардааст. Дар хуҷҷати тасдиққунанда баъдтар соли 1992-юм

мувофиқи қарори Конференсияи СММ дар Рио-де-Жанейро бо номи «Мавзуи рӯз дар асри XXI» ном гирифта, ин ҳуҷҷатро тамоми давлатҳои аъзои СММ дастгирӣ намуданд ва боз таклифҳои навин оиди аз нав дида баромадани роҳу равиши навини механизмҳои рушди неруи инсонӣ ба инобатгирии масоилии ҷтимоӣ ва экологии рушди ҷомеа пешниҳод карда шуданд, ки ин, махсусан хислати фарққунанда аз давраи аввалаву механизмҳои консептуалӣ ба ҳисоб меравад.

Махсусан,барои мамолики рушдёбанда масоили гуруснагиву қашшоқӣ ва бесаводӣ аз номгӯи масоили умдатарини рушди босуботи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Давраи сеюми ташаккули механизми идоракунии стратегии рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолориро давраи рушди тақсимоти байналмилалии меҳнат ва ташкили корпоратсияву ширкатҳои трансмилливу байналмилалӣ меноманд, ки тақсимоту аз нав тақсимсозии ҷаҳонии меҳнат ва сарватҳои табииву иқтисодиро дар бар гирифта, аз аввали солҳои 2000-ум оғоз гашта, то солҳои 2008-2009-ум давом ёфтааст.

Коршиносон ин давраро давраи рушди корпоративҳои ҷаҳонӣ ва фурӯравии корхонаҳои хурду миёнаи ҷаҳонӣ номиданд, ки оқибат ба буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ оварда расониданд. Ин равишро ҳамчун механизми идоракунии истифодаи максималии имконоти табииву сарватӣ инсонӣ дар давлатҳои рушднаёфтаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, иқтисодшиносон ба он назаранд, ки бе амалисозии механизми рушди босуботи инсонӣ мо наметавонем рушди бехатарии босуботи иқдисодиро таъмин созем.

Давраи чоруми стратегии механизми идоракунии ташаккули рушди босуботи иқдисодиро донишмандони бахши менеҷмент давраи рушди комплексии бехатарии «иқтисодӣ ва экологи-сиёсӣ» номидаанд, ки бе ба инобатгирии ин чор равиши консептуалӣ дилхоҳ идоракунӣ натиҷаи мақсаднок дода наметавонад. Ин равиши рушди иқтисодиро «иқтисоди сабз» ва ё иқтисоди аз нигоҳи экологӣ тоза низ меноманд.

Равишҳои асосии ин давраи ташаккули механизми идоракунии рушди босуботи иқдисодӣ ҳамон ҳуҷҷатҳои консептуалӣ маншаъ гирифта, онро ҳамчун механизми идоракунии иқтисодие ном мебаранд, ки адолати иҷтимоиро таъмин сохта, ба одамон ва муҳити табиӣ таъсири манфӣ ва ё зарар нарасонад ва дараҷаи таваккалу хатарнокии фаъолияти касбиву ҳунариро хеле паст мегардонад.

Вобаста ба ин равиш соли 2015-ум конференсияи сентябрии Ню-Йорк ҷомеаи инсонӣ ҳадафҳои рушди устуворро ҳамчун ҳадафҳои рушди инсонии то солҳои 30-юми асри XXI шуморида, дар 17 равиш тамоми давлатҳои аъзои СММ қабул карданд.

Давраи панҷуми ташаккули механизми идоракунии рушди босуботи иқдисодӣ, аз солҳои 2015-ум оғоз гардида, то замони мо идома ёфта истодааст. Ин давра хислати ба худ хоси идоракуни рақамиро гирифта, пайвастагии модели системавии рушди босуботи иқдисодиву иҷтимоӣ ва экологиву сиёсӣ хислати пайвастагии ногусастании интегратсиониву системавии хати электрониро гирифтааст.

Рушдёбандагӣ имконоти васеи ташкили идоракунии ҷаҳониро гирифта, инсонияти рӯи замин дархати ягонаи интернети пурра пайваст шуда, қудрату тавоноии назорати мониторингӣ ва ё реҷаи онлайни вақтиро дошта, ширкатҳои байналмилаливу корпоратсияҳои ҷаҳонии глобалӣ аллакай пайваста ҳисоботи махсуси оид ба рушди устуворро ҳамасола пешниҳоди ташкилотҳои бонуфузи назоратии ҷаҳонӣ менамоянд.

Равишҳои консептуалии механизми идоракунии рушди бехатарии босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ ҳам моҳияти назариявӣ ва ҳам моҳияти бевоситаи амалӣ дорад.

Албатта, моҳияту манфиати менеҷменти бехатарии иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологию сиёсӣ доштани консепсияи идоракунии стратегии рушди босуботи иқдисодӣ ва шоистасолорӣ дар равишҳои рушдёбандагии креативию когнитивии менеҷменти муосири касбии ширкату корхонаҳо бевосита сурат гирифта, хислати баландбардории

дараҷаи некуаҳволии одамон ва таъмини рушди устувору мувозинативу мувофиқии корхонаву ширкатҳо буда, моҳияти корпоративӣ миллӣ ва байналмилалӣ ва имконоти баланди таъмини самараноки истифодабарии захираҳои инсонӣ ва табиӣ, инчунин, имконоти техникиву технологии электронии замони муосирро дорад. Новобаста ба он ки корхонаву ширкатҳо дар кадом ҳолату дар кадом давлате қарор дошта бошанд, бояд ҳатман стандартҳои байналмилалии сифати бехатариро таъмин намоянд.

Имрӯзҳо фаҳмишҳои пешинаи механизмҳои идоракунии рушди босубот, ки гӯё давлатҳои рушдкардаи дунё аз сарватҳои табиӣ бисёр истифода мебаранду табиатро бисёр ифлос мекунанд, комилан дигар шуда, донишмандони бахши менеҷмент исбот намудаанд, ки дар баробари болоравии рушдёбандагиии саноату рушди техникиву технологӣ имрӯздавлатҳои пешқадами ҷаҳон бо истифода аз равишҳои олии идоравӣ, бо истифода аз маҳвораҳои кайҳонӣ ва нанотехникиву нанотехнологӣ имконоти баланди сарфакориву сариштакориро дошта, қариб пурра ба истеҳсолоти кампартову бепартов ва роботикунонии истеҳсолоту хизматрасониҳои навин гузаштаанд.

Ҳолати таъсиррасонии худро ба табиат ва муҳити атрофу самаранокии истифодабарии сарватҳо хеле хуб карда, бо сарфи каме хароҷот даромаднокии баланд ба даст меоранд.[39]

Аз ин хотир, давлатҳои рушднаёфтаи дунёро бояд маҷбур созем, ки аз истифодаи тарзу усули куҳнаи хатарноки истеҳсолӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ даст кашида, аз тарзу усулҳои навини истифода карда дараҷаи даромаднокии худро ба ҳар як сари аҳоли боло бардошта, холати хуби экологии минтақаву ҷаҳонро таъмин созанд.

Албатта, барои ноил гаштан ба ин нишондиҳанда баланди рушдёбандагии роҳбарӣ дар менеҷменти корхонаву ширкатҳо омилхои устувори таърихии анъанавию фарҳангии рушди ҷомеаи инсонӣ, ҳолати

[39]Стратегияи рушди “Иқтисодиёти сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2026.

рушдёбандагии техникиву технологии истеҳсолӣ ва дараҷаи касбиятнокии аҳолй ва хислати милливу фарҳангии шуғлиионҳо ҳолати табиӣ захираҳои минтақаву давлату реҷаи сарҳадоту ҷойгиршавии географию иқлиму релефи мамлакат омилҳои таъсиррасони асосӣ буд, метавонад, ба ҳалли аксари масоили экологиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву сиёсии рушди ҷомеа таъсири манфӣ дошта бошад.

Дар ин робита маълум мегардад, ки давлатҳои сусттараққиёфта ва рӯй ба инкишоф доштаро то ба ин зинаи ақлониву касбӣ расидан хеле дур буда, механизмҳои идоракунии рушдёбандагии даромадҳои миллиашон боз чандин солҳо ба ҳолати деградатсия ва ё харобшавии сарватҳои табиӣ оварда, хосилнокии меҳнат ва дараҷаи саводнокии аҳолӣ дар сатҳи паст боқӣ мемонад. Аз ин рӯ,вазифавууҳдадориҳои таъмини бехатарии механизмҳои функсионаливу сохтории идоракунии менеҷери корпоратсияҳо ва ширкатҳои байналмилалӣ пайваста дар роҳи беҳтар кардани ҳолати экологиву иҷтимоӣ, бозори навини соҳиб гаштаашон буда, онҳо имкони баланди истифодаи техникаву технологияи навин ва сарфаю сариштакоронаи истифодаи сарватҳои табииро доранд. Бо имконоти баланди бозомӯзиву таълимоту тарбияи насли ҷавони ин давлатҳои сусгрушёфта метавонад, ки аз ҳолати ниёзмандӣ ва сарватмандӣ гузаранд, ки ин, албата, ҳолати хубтари таъйини бехатарии иқдисодиву иҷтимоиву экологӣ ва сиёсӣ мебошад.

Аммо рушдёбандагии яктарафаи ғайримувозинатӣ имкон намедиҳад, ки мо рушдёбандагиро пурра ба манфиати ҳизфи иҷтимоиву экологӣ равона созем. Азиннигоҳ моро зарур аст, ки модели олии идоравии ташаккули рушди босубот иқтисодӣва пайваста ба талаботи навини ташаккули механизмҳои идоракунӣ созандагиву худ тасдиққунии касбиву ҳунариро истифода карда, молу хизматрасониҳои бехатар ва аз нигоҳи экологӣ тозаро истеҳсол намоем.

Масоили глобалии экологиву иҷтимоии бехатарии сайёра ба монанди гармшаваии иқлиму обшавии пиряххҳои азиму нобудшавии олами растаниҳову ҳайвонот, сӯхтори ҷангалҳову обхезиҳову

кандашавии кӯҳҳо ва ифлосшавии атмосфераву заминҳои кишоварзӣ даст мекашем, ба он хотир, ки ин бевоситаи доираи менеҷменти касбиву ҳунарии корхонаву ширкатӣ набуда, ҳамчун масоили бехатарии давлативу байнидавлатии экологиву иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ сармоягузориву молиягузориҳо, сиёсатҳои ҷаҳонии рушди иқтисодиву иҷтимоиро талаб дорад.[40] Аз нигоҳи мо, ин масоили рушди ояндаи инсоният дар замин буда, қарору қонунҳои навини байналмилаливу сайёравию байнисайёравиро талаб дорад.

Аммо ин маънои онро надорад, ки имрӯзменеҷменти корхонаву ширкатҳои байналмилалӣ ва трансмиллӣ худро аз ҳалли ин масоил дар канор гиранд, баръакс, менеҷменти ин ширкатҳои ҷаҳонӣ бояд бевосита ба ин равишҳо пайванд буда, барои расидан ба он 17 ҳадафи рушди устувори ҷаҳонӣ ҳаматарафа талош варзад.Чунки масоили таъминоти энергетикии арзон, ташаккули нерӯиинсоният баланди зехнии созанда, дастрасии захираҳои ашёи хоми табиӣ,муҳити солим ва экологии зиндагониву меҳнатӣ ва дигар равишҳои механизми идоракунии иҷтимоиву экологие мебошад, ки бевосита таъсиррасонӣ ба фаъолияти самараноки корхонаву ширкатҳо дорад.

Гузаштан ба истеҳсолоти бепартови саноатӣ, истифодаи энергияи электрикии барқароршаванда, истифодаи захирахои нано технологӣ ва тағйир додани рушди равишҳои дурусти ташкили идоракунии стратегии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ яке аз мақсадҳои ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад.

Дар ин равиши омӯзиши масъалаҳои ҷустуҷӯи роҳу усули механизмҳои идоракунии консептуалиеро пеша кардаем, ки барои рушдёбандагии хислати фарҳангиву иҷтимоӣ ва экологии менеҷмент судовар мебошад. Яъне муносибати идоравиро нисбат ба объекти идоравӣ ва худи субъекти идоравӣ дода, чунин андешаи консептуалии

[40]Шоҳиён А.Н. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир уфуқҳои нави ҳамкориҳои илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва инноватсионӣ дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2021-2025" мавзуъ: Рушди хоҷагии кишлоқи кишвар ва болоравии иқтисодиёти минтақаҳои Тоҷикистон 28-29, октябри соли 2022

худро дорад, ки дар шароити дигаргуншавии ҳолатҳову мақсадҳо менеҷменти корхонаву ширкатҳо имконоти баланди нишонагирӣ ба тарзу услӣ навини роҳбариро дошта бошанд.

Аз ин нуқтаи назар, пайдоиши аспектҳои созандагии механизмҳои бехатарии идоракунӣ ва қувваҳои таъсиркунанда ба ин равишро ҳамчун объектио мӯзишии рисолаи худ шинохта, методологияи ягонаву самарноки таъминкунандаи системавии рушди босуботро пешниҳод намудааст. Имрӯзҳо аллакай ҳама медонанд, ки афзоиши босуръату бемайлони истеҳсолӣ аз ҳисоби сарватҳои табиӣ ва қувваи арзони қобили меҳнат хоҳу нохоҳ, ба буҳронҳои иқтисодиву иҷтимоиву экологии ҷаҳонӣ оварда истодаанд.

Аз ин хотир, мавқеи фарҳангиву креативию когнитивии менеҷменти муосири касбӣ дар худ арзишҳову нишонаҳои хоси зинаҳои баланди зеҳнӣ-эҷодиро бигиранд. Он аз як қатор тарзу усулҳои фардии кордониву истеъдоду тавонмандӣ ва муҳити иҷтимоиву дастаҷии идоракунии созандагӣ иборат буда, аз стратегияи идоракунии рушди босубот рафториву иттилоотиву иртиботии иҷтимоии кормандон хеле вобастагии калон дорад. Дар баробари таъсиррасонии иқтисодиву техникиву технологӣ боз дигар унсурҳои таъсирасонии иҷтимоӣ-равонӣ, ҷавобгарии иҷтимоиву ахлоқии иштироккунандагони лоиҳа ва ё ҷараёни роҳбарӣ, инчунин гуманизми халқӣ ва дигар омилҳову унсурҳои таъсиррасонии иҷтимоие мебошанд, ки дар вақти қабули қарори роҳбарӣ ҳатман бояд онҳоро ба инобат бигирем.

Махсусан, ба инобат гирифтани дараҷаи воқеии рушдёбандагии илму эҷод ва ҳақиқати аслии ҳолатҳои роҳбарии моро вазифадор месозад, ки пайваста роҳу равиши навини идоракунии рушдёбандагиву созандагии касбиву ҳунариеро пайдо намояд, ки таъмини идоракунии стратегии бехатарии рушди босуботи иқтисодӣ ҳамин холигии бузургро пурра созад.

Чунин равиш модели рушди босуботи иқтисодӣ-экологиро донишмандони бахши менеҷмент А.С Гринин, Н.А. Орехов ва дигарон низ дар китобашон «Менеҷменти экологӣ» ҳамчун ҷамъи нишондиҳандаҳо ва пайвасткунандаи системао»,яъне омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ сиёсӣ ва фарҳангиву анъанавӣ номидаанд.

Аз ин нуқтаи назар, ин донишмандон ба чунин назаранд, ки андешаву мафҳуми «рушди босуботи иқтисодӣ» хислати глобалӣ дошта, ҳалли пурраи бехатариро танҳо дар сатҳи тамоми сайёраи замин ба даст овардан мумкин аст.

Баъзе аз дигар донишандони Донишгоҳи давлатаи Москва ба номи М.В. Ломоносов: С.Н. Бобилев, В.М. Захаров, К.В. Папенов, И.Ю. Ховавко, Алла Николаевна ва дигарон тарафдори механизми консептуалии мувозинативу мутобиқатии бехатарии рушдёбандагии экологиву иқтисодӣ-ин, зарурати омӯзиши пурраи сикливу зинавии занҷири паивастаи истеҳсолӣ молу хизматҳоро бо назардошта пайваста ивазшавии ҳолатҳову суръатаокии баланд ва тағйирёбандагиву хислати истеъмолкунанда номидаанд, ки бевосита пайрави ин мактаби бузурги ҷаҳони буда, ин консепсияи илмиву амалии ҷаҳонӣ онҳоро пурратарафдору рушддиҳанда мебошем.[41]

Инчунин, мувофиқи хулосаҳои комиссияи байналмилалии СММ ва дигар сохторҳои назди СММ имрӯзҳо танҳо нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ шудана метавонад. Чунки ин натиҷа шояд дар худ хатари экологиву вайроншавии муҳити атроф, паст будани маоши кормандон ва ҳато ошкориро низ дошта бошад.

Механизмҳои идоракунии бехатарии рушди босуботи иқтисодӣ аз ҳар як давлату корхонаву ширкатҳо таъмини талаботи тамоми шаҳрвандону кормандонро бо роҳи васеъ кардани истеҳсолӣ молу хизматрасониҳои аз нигоҳи экологӣ тоза бо роҳи додани имконоти

---

[41]Индикаторы устойчивого развития России (эколого-экономические аспекты) / под ред. С. Н. Бобылева, П. А. Макеенко Москва: ЦЭПР, 2001.

якхела ба ҳамагон талаб менамояд. Имконоти аввалаи иштирок дар механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ барои ҳамагон мавҷудияти системаи сиёсии боадолатона мебошад, ки дар ҳамаи чараёнҳои ҳалли қарорҳои идоракунии масоили иқтисодӣ-экологӣ иштироки фаъолона дошта шароити иштироки озоди ҳар як шаҳрвандро дар фаъолиятҳои меҳнатӣ таъмин месозад.

Он сиёсати давлатие, ки имконоти нобаробари бозори меҳнатро ҳимоя карда, ба ифлосшавии муҳити атрофу норасоиву нобудшавии сарватҳои табиӣовардамерасонад, хатари калон барои имрӯзуфардои ҷомеа дорад. Онро наметавон сиёсати идоракунии «Ғайри озодии иқтисодӣ» номид.

Аз ин хотир, менеҷменти идоракунии стратегии рушди босуботи иқдисодиро ҳамчун равиши пешгӯии рушдёбандагӣ ва эҷоду кашфиёти неруи созандаи инсонӣ номидаем. Зиндагонии одамонро дар замин хушбахт гардонида, пайваста роҳу равиш ва тарзу усули истеҳсолӣ молу хизматҳоро ба як низоми солиму созанда равона месозад.

Аз ин хотир дар механизмҳои консептуалии идоракунии бехатарии соҳибкории муосир рушди босуботи иқдисодиро ҳамчун чараёни бефосилаи роҳбарӣ шинохта, навсозиву эҷоду кашфиётро оиди истифодаи ками захираҳо ва таъмини фоиданокии баланд бо мақсади таъмини талаботи афзояндаи истеъмолкунандаву кам кардани таъсиррасонӣ ба муҳити атрофи табиат меноманд. Инчунин фарҳанги менеҷменти байналмилалии муосир талаб дорад, ки идоракуниро мо имрӯз дар механизмҳои системабароҳ монда, аз комёбиҳову дастовардҳои пешқадами ҷаҳонӣ пурра истифода карда, аз тарзу усули куҳнашудаи идоракунии истеҳсоливу истеъмолӣ даст кашида, ба тамоми дунё техникаву технологияи пешқадамтарини дунёро таъмин сохта, нагузорем, ки муҳити атроф ифлос ва истеҳсолӣ моли зараровару хатарноки ҳаёти инсонӣ ба роҳ монда шавад. Беҳтар кардани механизми идоракунии сармоягузории стратегии рушди

устувори иқтисодӣ ва молиягузории лоиҳаҳои бузурги созанда ва беҳтар кардани рушди босубот бояд дар мадди аввали менеҷменти ҷаҳонӣ қарор дошта бошад. Кам кардани таъсиррасонии манфиро ба табиат ва муҳити қарордошта бошад. Кам кардани таъсиррасонии манфиро ба табиат ва муҳитиатрофу истисмори сарватҳои табииро ҳамчун қарзи инсонии ҳар як корхонаву ширкат ва менеҷеру поешвоёни комили касбӣ дар назди ҷомеаи башар бояд донист.

Барои мисоли намунавии модели шведии идоракунии иқдисодиву иҷтимоии рушди босуботи иқтисодӣвашоистасолорӣ, ки идоракунии равишҳои асосии рушдёбандагӣ дар дасти давлат буда, 95% истеҳсолу хизматрасониҳо аз ҳисоби соҳибкории хусусӣ мебошад.

Бо мақсади пурзӯр сохтани сектори иҷтимоӣ, киаслан давлат ба уҳда дорад, андозҳо то 66% маҷмуи маҳсулоти ҷамъиятиро ташкил медиҳанд.

Оид ба устуворсозии ин равиши таъмини бехатарии иҷтимоиву экологӣ ҳамасола лоиҳаҳои бузурги сармоягузории давлатӣ, барномаҳои махсус таҳия ва баррасӣ мешаванд, ки аксарияти онҳо бевосита мақсаднокии баланди ҳимояи иҷтимоиву экологиро доранд.

Аз рӯи ақидаи баъзе аз донишмандони бахши менеҷмент инро «модели сотсиализми шведӣ» низ мегӯянд.

Дар модели олмонии идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ, мақоми асосиро роҳи банақшагирии индикативӣ гирифтааст, ки аслан талаботи зеринро дорад:

- Нигоҳдории идоракунии касбии устувору созанда дар ҳама ҳолатҳо ва сатмҳоироҳбариидавлатӣвасоҳибкориихусусӣ.
- Интихоби роҳу равиши ризогии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масоили идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ дар тамоми зинаҳо ва давраҳои роҳбарӣ. Яъне он модели иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологиву сиёсие, ки аксари ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул дорад, ҳамон бояд дар ҳама сохторҳову зинаҳои

идоракунии давлативу ғайридавлатйтаъминкардашаванд.

- Доимо нигоҳ дошгани муҳити солимии хуби иҷтимоии ҳамкориҳои шарикиву якҷояи меҳнатии касбӣ-ҳунарӣ байни фардҳои алоҳидаи касбӣ, дастаҳои меҳнатӣ, менеҷменти корхонаву ширкатҳо ва давлату сохторҳои идоравии он.
- Дар ҳама холатҳо нигоҳ доштани низоми устувори шоистасолорӣ ва арзандагии функсионаливу вазифадорӣвасохтории касбии корманди одӣ, менеҷерону роҳбарон ва пешвоёни комили касбӣ.
- Доимо кӯшиши нигоҳдории зинаи баланди таъмини созандагиву рушди босуботи фарҳангиву анъанавии ташкилии идоракунии миллати пешқадами ҷаҳонро доштан.

Аз равишҳои талаботи рушдёбандагии ду миллати рушдёфтаи дунё шумо хулосаи зарурии худро оид ба дар мадди назари аввал гузоштани масоили ҳифзу бехатарии иҷтимоӣ ва экологии рушдёбандагии иқдисодиву сиёсӣ мушоҳида кардаед.

Аз равишҳои дар боло овардашуда пурра маълум мегардад, ки дар сатҳи давлатӣ гузоштани чунин талаботи идоракунии олии рушдёбандагиву созандагии корхонаву ташкилотҳои хусусиву сохторҳои давлатӣ нишонаи он аст, ки аллакай дар ин мамлакатҳо пештар аз дигарон дарку фаҳмиши хеле баланд буда, озодии иҷтимоии иқтисоди бозоргонӣ ва рушдёбандагии ҷомеаи иттилоотии шаҳрвандӣ таъмин карда мешавад.

Аксар аз ин равишҳоро дар зинаи микроиқтисодии роҳбарӣ, яъне дар зинаи менеҷменти корхонаву ширкатҳо ва баъзе аз онҳоро дар зинаи макроиқдисодӣ пешниҳод намоем, ки ин, албата, хислати илмиву мантиқии пайвастагии занҷирии ҳалли масоили бехатарии идоракунии стратегии рушди босуботи иқтисод ва роҳбарӣ дар менеҷменти муосири касбӣ мебошад. Дар шароити имрӯзаи мураккаби сиёсию идоракунӣ бехатарии иҷтимоиву фарҳангӣ ва шоистагии модели технологияи идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ дар менеҷменти муосири

касбӣ,пеш аз ҳама, талаботи идоракунии олии креативию когнитивии замона муосир буда, дар худ моделу система, сохтору функсияи нав, таҳлилу муқоисаву ҳолат ва дараҷавӣ, инчунин дараҷаи баланди иртиботиву иттилоотии навинг техникиву технологии электронии сарвариро тақозо дорад.

Аз ҷониби дигар, ин худ фалсафаву иҷтимоиёт ва иртиботу равоншиносӣ рафтору фарҳанги навини касбиву ҳунарие мебошад, ки мақоми асосин бехатарии идоракунии иртиботиву иттилоотӣ ва иқтисодиву иҷтимоин менеҷменти муосирро таҷассумгар аст.

Инчунин, таҳлили таъриxиву системавин ҳамарӯзаи ҳаракатҳои роҳбарӣ ва натиҷагириву суръатнокии рушдёбандагии муосир гувоҳӣ аз зарурати гузаштан ба консепсияи навини технологизатсияи иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳатто фарҳангиву маданӣ дар бозори ҷаҳонии глобалӣ рост меояд.

Дар ҳақиқат муҳиму зарур ва навину созанда будани ин равиш дар илми менеҷмент аз он иборат мебошад, ки равиши олии идоракуниро ҳамчун равиши асосии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ шинохтаем. Онро дар моделу технологияи системаи муносибатҳои алоқамандии байни давлат, ҷомеа ва соҳибкории ватаниву байналмилалии геоиқтисодиву неоиқтисодӣ ворид сохтаем.

Роҳбарии пайваста дар чунин модели навини бехатарии созандагӣ ин худимконоти баланди ташаккулёбии стратегии рушди босуботи иқтисодӣ дар менеҷменти муосир мебошад.

Роҳбарии олӣ ҳамчун талаботи зарурии рушди техникиву технологии менеҷменти муосир дар муносибати байни «корхона-ҷомеа ва давлат» ва нишонаи асосиву инъикоскунанда ва шинохти дараҷаи рушди ҷомеаи солими дилхоҳ давлату мамлакат дар бозори глобалии ҷаҳони имрӯзаи соҳибкорӣ мебошад.

Яъне, ин алоқамандии рушди фарҳанги ҷомеа ва касбу ҳунари сарварӣ буда, дар як вақт метавонад ҳамчун таъминкунандаи бехатарии

такроristeҳсолӣ ташаккули неруисозандаи ҷомеа ва муҳиту муносибати фаъоли ҷомеаву давлатро таъмин созад. Чунки технологияи роҳбарӣ ба равиши алоқамандии субъектҳои идоравӣ,махсусан фаъогардонии истеъмолкунандаи ҷомеаи шаҳрвандии касбӣ ва худидоракуниву худрушдёбандагӣ равона карда шуда, манфиатҳои ҳар як шаҳрвандро ҳимоятгар мебошад. Идоракунии олӣ ин худ ҷараёни муҳитсозии бехатару солими касбӣ иҷтимоӣ ва фарҳангсозии иқтисодӣ навин буда, рушди босуботи беҳтарини алоқамандии ҷомеа ва давлатро дар шароити ҷаҳонишавии иҷтимоиву иқтисодӣ таъмин месозад.

Моделсозиву систематикунонии сохторӣ ва функсионалии рушди бехатарии сарварӣ дар менеҷменти муосир вобаста аз рушди техникиву технологии иртиботии иттилоотии электронӣ ин худ пайдарпайии мантиқии таъсиррасонии субъектони идоравӣ бар объекти идоракуние мебошад, ки ҳатман тағйирёбандагии рушдидастаҳои меҳнатии корпоратсияву ширкати алоҳида ва дар ҷамъоҷамъ ҷомеа ва давлатро таъмин месозад.

Чунин раванди тағйирёбандагии сохторӣ ва механизми идоракуниро на танҳо дар менеҷмент, балки роҳу равиши навинро барои кулли ҷомеа ва сохторҳои идоравии давлатӣ низ таъмин менамояд. Албата, мураккабии амалисозии чунин ҷараёни инноватсионии роҳбарӣ пеш аз ҳама ба дараҷаи рушдёбандагиву фаъолнокии касбии ҳар як шаҳрванди алоҳида, халқу миллатҳо вобастагии калон дорад. Чунки номувозинативу нобаробарии суръатнокии рушдёбандагии иҷтимоӣ,зиддияти равонии касбиву ҳунарӣ ва монеаҳои иртиботиву иттилоотии соҳибкорону роҳбарону пешвоёни комили касбӣ, мутахассисони алоҳида ва истеъмолкунандагони аксар боиси норизоиву мунoқишаву нофаҳмии ин қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандии касбӣ мегардад. Аз ин хотир, маҳз идоракунӣ ин имконоти васеи таъмин сохтани устувории босуботи

бехатарии ин муносибатҳо гардида, самаранокии идоракуниро дар ҳама зинаҳо ва сохторҳо мустаҳкам хоҳад кард.

Таҳлилҳои пайвастаи илмиву таҳкиқоти дар бахши менеҷмент аз он шаҳодат медиҳад, ки ворид сохтани чунин нишондиҳандаи сифатии саводнокии кадрӣ ва талаботи қатъии он дар ҷараёни идоравӣ имкон медиҳанд, ки одамон рафтору андешаву гуфтору равони худро куллан ба тарафи таъмини солимиву бехатарӣт ағйирдода, пайваста ба он кӯшиш намоянд, ки рушдёбандагии бефосилаи касбиву ҳунариашонро худ таъмин намуда, дараҷаи шоистасолориву созандагии худро дар ҳолати тагйирёбандагии босуръати бозори ҷаҳонӣ пайдо месозанд.

Маҳз фаҳмиши бехатарии идоракунии олӣ ҳамчун равиши самараноки механизми рушдёбандагии техникиву технологии иттилоотиву иртиботии электронии менеҷменти муосир барои хизмат расонидни ҷомеаи иттилоотии касбӣ дар байни мутахассисин, менеҷерон, роҳбарону пешвоёни комили касби вазифаи аввалиндараҷа ва зарурии роҳбарии замони муосири менеҷмент мебошад.

Амалисозии чунин талабот барои ҳар як зинаи идоракунӣва категорияи кормандону роҳбарон, албатта ҳамчун пойдевори ташаккулёбии бехатарии стратегии рушди босубот ва шоистасолорӣ дар менеҷменти соҳибкориву давлатӣ мебошад.

Агар мо ин равишро барои кулли ҷомеа таъмин карда тавонем, пас, он барои ҷараёни истеҳсолии корхона низ ҳамчун пойдевори рушди босубот хизмат карда метавонад. Мо бовари дорем, ки чунин моделу системаи рушдёбандагии бехатарии техникиву технологии менеҷменти муосир метавонад на танҳо ҳамчун механизми танзиму идоракунии самараноки истеҳсоливу истеъмолӣ, балки ҳамчун механизми идоракунии арзишҳои рушди ҷомеаи инсонӣ барои имрӯзу фардо хизматрасон бошад. Яъне дар шароити ҷаҳонишавии иқдисодиву иҷтимоӣ ва бемаҳдудиятии муносибатҳои имрӯза талаботи арзишҳои навини ҷомеаи инсониро ба майдон овардааст, ки дар зарурати

рушдёбандагии креативӣ ва когнитивии бехатарии менеҷменти тамоми соҳаҳо ва зинаҳои роҳбариро дар асри XXI талаб дорад. Ба миён омадани бухронҳои иқдисодиву иҷтимоӣвасиёсиву экологии замони муосир пеш аз ҳама аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки роҳбарии ҷомеаи инсонӣ имрӯз талаботи болотару босифаттару бонизомтари ақлонии бехатарии созандагиву эҷоду кашфиёту шоистагиро тақозо дорад, ки дар навбати аввал дараҷаи баланди креативию когнитивии касбиву равониро аз ҳарроҳбари шоистасолори таърихӣ ва менеҷерону роҳбарони зинаҳои алоҳидаи идоравӣ талаб дорад. Аз нигоҳ дигар, ин ҳамон тавонмандиву шоистагии инсонӣ мебошад.

Аз нигохи сиёсӣ, таъмини рушди демократикунонии ҷомеа бо мақсади зиндагонии шоиставу арзанда ва сулҳу осоиш дар ҷомеа ва давлату ҳукумат мебошад. Ба андешаи муаллиф нигоҳи низ ин шинохту ҳимояву муносибати арзанда ба табиат ҳамчун асоси таъмини зиндагонии солим барои ҳаёти имрӯзаву ояндаи ҷомеа мебошад.Ҷаҳони глобалии имрӯза ва бозори ҷаҳонӣ низ тақозои онро дорад, ки ҳунари гиромидошти сатҳи баланди рушди илму маърифат ва касбу ҳунари эҷоду тавонмандӣ новобаста ба халқияту миллату дину оину урфу одати фардони алоҳидаи таърихиву шоистасолори таърихӣ ҳатман бояд қадрдониву дастгириву молиягузорӣ ва ҳаматарафа ривоҷ дода шаванд.

Чунин талабот ҳатман бояд дар талаботи бехатарии сохториву функсионалии давлатҳои хурди миллӣ низ пурра ҷой дошта бошад.

Яъне чунин равиши рушдебандагиву бехатарии иҷтимоиву иқдисодӣ ва экологиву сиёсӣ ин худ таҷассумгари техникиву технологии рушдёбандагии демократикунонии ҷомеа буда, метавонад ҳамчун зинаи баланди муносибатҳои ҷомеаи иттилоотии касбӣ баромад намояд. Аз ҷониби дигар, чунин зинаи иттилоотиву иртиботии касбиву ҳунарии ҷомеа пайваста талаби фаҳмишу дастгирии роҳбариро дошта, ба майдон овардани пешвои комили касбии шоистасолори таърихӣ зарурати вақту замони бехатарии рушдёбандагии креативию когнитивӣ мебошад.

Ҷараёни механизмҳои идоракунии рушди босубот дар зинаи олии ин худ моделу технологияи иртиботу иттилооти хоси таъмини рушди бехатарии асри XXI буда, аз ҷараёни пайдоиш, воридсозӣ ва истифодаву нигоҳдории он дар хатти электронии интернет оғоз гардида, то ба зинаи мақсаднокиву натиҷагириву пуррасозӣ ва барномасозиву иловагии навини созандагӣ ва алоқамандии баръаксро пурра дар бар гирифта, бо ин роҳ фаъолнокии иҷтимоиро дар идоракунии рушдёбандагии касбӣ таъмин хоҳад кард.

Модели бехатарии рушди босуботи касбӣ ҳамчун системам ягонаву пайвастаи «иҷтимоӣ-иҷтисодӣ-сиёсӣ ва экологӣ»-и ҷаҳони муосир буда, онро метавон технологияи бамақсадрасии устувору мувофиқасоз дар ҳама давру замон барои ҳама халқу миллатҳо истифода намуд.

Муаммои бехатарӣ ин худ дар мураккабиву зинаи баланди фаҳмишҳову моделу системаҳои замонбуда, вобаста аз он ки фардҳои алоҳида, роҳбарону пешвоёну менеҷерон дар кадом соҳа хоҳиши расидан ба ин зинаву касбро доранд, фаҳмишҳову донишҳо ва рамзу нишондиҳанда, сатҳи дониши навину махсусро талабгор мебошад.

Аз нигоҳи дигар, ин донистани як қатор донишҳои иқдисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, экологӣ, фалсафию фарҳангшиносӣ ва ҷомеашиносиро талаб дошта, аз дигар равишҳову зинаҳои идоракунӣ куллан фарққунанда буда, ҳамчун меъёри олии «касбиятнокӣ»шинохта шудааст. Яъне ин зинаи баланди эҷодиву созандагӣ ва дарку шинохти ҳаводис буда, дар худ модели муайяни бехатарии техникиву технологии идоракунии харакатҳои касбиву ҳунариро дар бозори глобалии ҷаҳонии имрӯзатаҷассумгар мебошад.

Аз нигоҳи дигар, ин худ меъёрҳову арзишҳои институтсионаливу фарҳангии муносибатҳо, системаву моделу технологияи навини муносибатҳои байни пешвоёни комили касбӣ, саварони давлатҳо, президентҳо ва роҳбарону менеҷерони зинаҳои олии роҳбарӣ буда, дараҷаи баланди созандагиву судоварӣвататашаккули рушди стратегии

босуботи иқтисодӣ  дарменеҷменти солҳои гуногуни муосири касбии асри XXI таъмин хохад кард.

**Хулоса дар бораи зербоби 1.3.**

Дар зербоби мазкур механизми давраҳо ва  механизмҳои моделҳои назариявӣ, консептуалӣ ва  идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ бо пайвастагии механизмҳои идоракунии рушди захираҳои табиӣ таҳия  шудааст. Дар боби мазкур доир ба самтҳои асосии механизмҳои идоракунии захираҳои табиӣ фикру ақидаҳои олимони ҷаҳониву ватанӣ ва давраву равишоҳои  он  дар системаи идоракунии муосир  оварда шудааст.

Дар кори илимии диссертатсиони бештар таъсири идоракунии рушди босуботи башарӣ дар ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад, ки инсон дар ҷараёни рушдёбандии касбиву ҳунарӣ кору фаъолияи хеш аслан ба истеъмолуистифодаи беандозаи захираҳои табиӣ сару кор дорад, ки дар натиҷаи имконияти табиӣ оҳиста-оҳиста  маҳдуд шуда истодааст.

Ҳамин буд, ки  вобаста ба пешрафти  касбиву ҳунарӣ инсонӣ масоилҳои идоракунии рушди экологию-иҷтимоӣ- сиёсӣ-иқтисодӣ зиёд гардида олимон дар даврони зиндагонии худ масоили беҳтарсозии рушди босубот истифодаи онро ба ҷамъият пешниҳод намудаанд.

Мо ҳамаи инро ба назар гирифта  равишҳои назариявию андешаҳои донишмандони ватанию хориҷиро  дар ҳамин боб мавриди омӯзиш ва азхудкунӣ нишон дода механизмҳои навини идоракунии рушди бехатарии босуботи иқтисодиро дар шакли назариявӣ омӯхта онро дар ин саволи кори диссертатсионии худ  таҳия намудем.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМ ВА ИДОРАКУНИИ РУШДИ БОСУБОТИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ

## 2.1.Самтҳои иқтисодии такмили идоракунии захираҳо ва риояи стандартҳо дар равандҳои ташаккули рушди босубот дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масоили такмили механизми идоракунии экологӣ-иқтисодии имрӯза яке аз проблемаҳои асосии механизми идоракунии иқтисодиёт ба шумор меравад. Идоракунии истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ, муҳофизати муҳити атроф ва омӯхтани тараққиёти истеҳсолоти нав аз ҷиҳати экологӣ яке аз вазифаҳои мутахассисони соҳаи иқтисодиёт мебошад.[42]

Дар аввали асри XXI як қатор равандҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла мушкилотҳоиидоракунии муҳити зист, норасоии ғизо, оби ошомиданӣ, обшавии пиряххо, сухтори ҷангалзорҳо ва эрозия шудани заминҳо тавҷҷуҳи муносибати инсон ба табиат андозаву миқёси хатарноки биологиро оварда истодаанд. Муносибати худбинона идоракунӣ ва ҳатто баробаронаи инсоният дар тули асрҳо ба табиат боиси торафт маҳдуд шудани захираҳои ҳаётан муҳим мегардад.

Ҳамчунин, ҳар сол бо сабаби афзоиши аҳолӣ ва болоравии талабот, камшавии заминҳои кишоварзӣ ва сухтори ҷангалзорҳо миллионҳо гектар ҷангал сухта нобуд шуда, сабаби гармшавии иқлим мешавад.

Бо ақидаи олимон дардавоми 50-соли охир дар кӯҳҳои Помир,ки ганҷинаи табиӣ оби тоза мебошад, захираи пиряххо ду баробар кам шудааст. Агар ин ҳолат бетағйир монад, оқибатҳои ногуворро на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми Осиёи Миёна ба бор хоҳад овард.

Афзудани миқдори корхонаҳои хурди саноатӣ дар минтақаҳо, зиёдшавии нақлиёт дар минтақаҳои мамлакат истифодаи зиёди нуриҳои

[42]Ғаниев Т.Б. Одинаев Ҳ.А. Иқтисодиёти истифодабариии сарватҳои табиӣ, Душанбе 1993 сол С-3

кимиёвӣ боиси ифлос шудани ҳаво мегардад.Дар системаи идоракунии экологӣ мақоми махсусро шуъбаи менеҷменти экологиикорхонаҳо мебозад, ки дар баъзе корхонаҳои хурд мутахассис оид ба экология фаъолият дорад. Дар таҷриба чор шакли сохторӣ системаи идоракунии экологиро доир ба хизматҳои экологӣ фарқ мекунанд:[43]

1.Сохторе, ки дар он масъалаҳои рӯзмараи экологӣ ё худ мутахассиси бахши иқтисодчи-экологҳо вуҷуд надорад;

2.Сохторе, ки хизмати экологӣ бо дигар сохторҳо якҷоя амал мекунад;

3.Сохторе, ки хизматҳои экологӣ дар сохтори алоҳида вазифаи алоҳида вуҷуд дорад;

4.Сохторе, ки хизматҳои экологӣ, ҳамчун сохтори таркибии алоҳида бо роҳбари алоҳида дорад, ки дараҷаи ҳуқуқии ҷонишини директори корхонаро соҳиб аст.

Мавзеи сохтани бисёр корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон Комбинати заводи электрохимиявии Ёвон, заводи нуриҳои азотии Вахш, корхонаҳои сементбарорӣ дар минтақаҳои вилоят, корхонаи муштарки Тоҷикистону Англия, корхонаҳои пахтатозакунӣ дар ноҳияи Данғара, заводи равған ва пахтатозакунии шаҳри Кӯлоб бидуни релефи маҳал ва ҷойгиршавии зиёди аҳолӣ дар деҳот ташкил шуда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар корхонаҳои зикршуда нарасидиани мутахассисони варзидаи соҳаи иқтисодчи-экологҳо мебошад. Фаҳмиши пасти роҳбарияти корхонаҷиҳати вайрон кардани муҳити зист ва нодуруст истифодабарии захираҳои табиӣ мебошад.[44]

Шиддатнокии эрозияи заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои гуногуни кишвар ҳархела буда,ба гуногуншаклии релеф, шароитҳои иқлимӣ, майдони ҷангалзорҳо ва таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ алоқаманд мебошад. Аз рӯйи маълумоти мавҷуда майдониазминҳои ба эрозия гирифташудаи кишвар дар вилояти Хатлон то 6% ташкил дода, вазъи

[43]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент «Менеҷменти экологӣ» қисми 2 «Ташкили фаъолиятҳо » боби 22 С-392-406
[44]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент «Менеҷменти экологӣ» қисми боби 22 «Ташкили фаъолиятҳо » боби 22 С-392-406

дар ноҳияҳои алоҳида хеле муташаниҷ мебошанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ зиёда аз 68-фоизи заминҳои обёрии Тоҷикистон ба эрозияи об гирифтор шудаанд.

Суръати шусташавии хок дар ноҳияҳои гурӯҳи Кӯлоб гуногун аст, чунончи, дар ноҳияи Муъминобод соле аз ҳазор га замин аз 0,4 то 3,2 тонна ва дар ноҳияи Данғара бошад 0,65 то 14,4 тонна хок шуста бурда мешавад. Дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Рӯмӣ, Абдураҳмонӣ Ҷомӣ ва Кушониён вазъияти хеле муташаккил аст.

Дар баробари ин дар вилоят ва минтақаҳои он барномаҳо ва нақшаҳо барои нигоҳдории ҳифзи муҳити зисти минтақа таҳия шуда дар давоми сол амалӣ карда мешаванд. Дар бораи нигоҳдории минтақаҳои ҳифзшаванда бар зами ин дар вилояти Хатлон дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, нигоҳдории ҳифзи муҳити зист 22-адад ташкилоту муассисаҳо дар марказҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба хизматрасониҳои коммуналӣ,нигоҳдории ҳифзи муҳити зист кор ва фаъолият доранд. Ин микдор ташкилотҳо 16 ададаш муомилот бо партовҳо буда, боқимондаи онҳо барои корҳои ободинию кабудизоркунӣ, хизматрасониҳои манзилӣ ва ҷароғонкунии маркази шаҳру ноҳияҳоҳамарӯза фаъолият менамоянд. Таҳлили рафти татбиқи Барномаи мазкур дар соҳаи таъминоти оби нӯшокии амалкунанда нишон медиҳад, ки дар соли 2020 маблаггузориҳо дар ин самт 2021 2,6 милиону 48 ҳазор сомониро ташкил доданд, ки аз ин 3864,4 ҳазор сомонӣ маблағҳои мутамарказ, 737,1 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети маҳаллӣ, 13975,7 ҳазор сомонӣ ҷалби сармоягузориҳо ва 1975,2 ҳазор сомонӣ маблағҳои худи корхонаҳои обтаъминкунӣ мебошад.[45]

[45] **Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025**

**Ҷадвали 2.1. - Таҳлили маблағгузорӣ ва нигоҳдории муҳити зисти минтақа вилояти Хатлон ҳазор сомонӣ**

| Нишондиҳанда | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 |
|---|---|---|---|---|
| Буҷаи муттамарказ | 12607 | 3550,2 | 3469,9 | 3474,4 |
| Буҷаи маҳаллӣ | 52000 | 112,0 | 115,0 | 737,1 |
| Сармоягузориҳо | 24647 | 44722,5 | 45466,7 | 13975,7 |
| Маблағҳои худӣ | 1115,5 | 1053,5 | 1987,4 | 1975,2 |
| Ҳамагӣ: | 90369,5 | 49438,2 | 51039,0 | 20162,4 |

**Сарчашма:** *Барномаи рушди вилояти Хатлон барои солҳои 2019-2022*

Мақсади барномаи мазкур ин таъмини аҳолӣ бо манзилҳои истиқоматӣ,бунёди маҳаллаҳои нав буда дар ҳамин раванд ба нигоҳдории муҳити зист диққати хоса дода мешавад.

**Ҷадвалӣ 2.2. - Партовҳо ба ҳавои атмосферӣ аз корхонаҳои саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 2018-2019**

| **Шаҳру ноҳияҳо** | **Ҳамагӣ, тонна** | **Партовҳо ба ҳаво тонна/ аз он ҷумла** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҷисмҳои сахт** | **Оксиди карбон** | **Дигар газҳо ва моддаҳо** |
| шаҳри Кӯлоб | 252,46 | 189 | 61,17 | 2,192 |
| ноҳияи Восеъ | 202,299 | 192 | 8,31 | 1,659 |
| ноҳияи Фархор | 386,423 | 386 | 7,4 | 1,365 |
| ноҳияи Данғара | 293,595 | 293 | 1,6 | 0,32 |
| ноҳияи Ҳамадонӣ | 204,709 | 201 | 3,4 | 3,62 |
| шаҳри Бохтар | 161,8 | 95 | 65,83 | 1,09 |
| ноҳияи Ёвон | 436 | 122 | 313,352 | 1,63 |
| ноҳияи А.Ҷомӣ | 545,4 | 493 | 52,4 | 0,32 |
| ноҳияи Қубодиён | 366,7 | 289,9 | 67,8 | 1,336 |
| ноҳияи Сарбанд | 580,1 | 368,9 | 211 | 2,97 |
| ноҳияи Вахш | 1111 | 127 | 3,47 | 1,54 |
| ноҳияи Ҷ.Румӣ | 634,231 | 1067 | 44,167 | 0,26 |
| ноҳияи Қумсангир | 110,966 | 339,2 | 295 | 2,23 |
| ноҳияи Ҷиликул | 77,085 | 88,514 | 22,45 | 1,58 |
| ноҳияи Шаҳритус | 16,110 | 77,04 | 0,314 | 0,95 |
| шаҳри Норак | 91,190 | 14,100 | 2,10 | 1,27 |
| ноҳияи Хуросон | 39,40 | 9,2 | 913,80 | 0,258 |
| ноҳияи Панҷ | 20,150 | 36,560 | 2,480 | 0,391 |
| Ҳамагӣ | **5529,618** | **4388,414** | **2067,043** | **25,017** |

**Сарчашма:** Бюллетени кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 с. С.16-18

Ҷадвали мазкур гувоҳи аз он аст, ки аз тарафи корхонаҳои саноатии минтақа партовҳо ба ҳавои атмосфера таҳлил шуда бештар корхонаҳои шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Фархор, ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, ноҳияи Ҳамадонӣ, ноҳияи Қумсангир, ноҳияи Вахш ба шумор меравад.

**Ҷадвали 2.3. - Масоҳати заминҳои таназзулёфта ва чораҳои андешидашуда дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар солҳои 2020-2021**

| Шаҳру ноҳияҳо | Масоҳати умумии заминҳои таназзулёфта (га) | Заминҳои шуршуда (га) | Заминҳои ботлоқшуда (га) | Ҷарима | Зарар |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Басташуда | ситонид ашуда |
| Бохтар | 652,2 | 125,3 | - | 120000 | 2074 |
| Вахш | 737,28 | 11529 | 61,3 | 84000 | - |
| Ҷ.Румӣ | 12691 | 2969 | - | 4560 | 850 |
| Дусти | 3016 | 1458,63 | - | 1080 | - |
| Хуросон | 1489 | - | - | 680 | 231 |
| Қумсангир | 151 | 278 | 92 | 320 | 120 |
| Ёвон | 1030 | 500 | 75 | 1040 | 500 |
| А.Ҷомӣ | 500 | 410 | - | 480 | 1140 |
| Шаҳритус | 787,57 | 62 | 80 | 1120 | - |
| Қубодиён | 84 | 4 | - | 3800 | - |
| Панҷ | 158 | 70 | 118 | 400 | 58 |
| Сарбанд | 250,86 | - | 113 | 400 | - |
| Норак | - | - | - | 200 | - |
| Н.Хусрав | 2028 | 856 | - | 200 | - |
| Кӯлоб | 37 | - | 170 | 1360 | - |
| Восеъ | 2075 | 1838 | - | 1840 | - |
| Ҳамадонӣ | 210 | 128 | 169 | 1520 | - |
| Фархор | 2526 | 1933 | 82 | 3400 | - |
| Данғара | - | 99 | - | 2280 | 320 |
| Темурмалик | - | - | - | 520 | 825 |
| Балҷувон | - | - | - | 240 | - |
| Ховалинг | - | - | - | 600 | - |
| Муминобод | - | - | - | 1000 | - |
| Ш.Шоҳин | - | - | - | 360 | - |
| Ҳамагӣ | **28422,91** | **22259,93** | **960,3** | **231800** | **6118** |

**Сарчашма:** Бюллетени кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 с. С.22-29

Таҳлилҳои дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳанд, ки ҷиҳати истифодаи нодурусти замин, ифлос кардани он ва вайрон кардани қабати ҳосилхезии хок ба 2145 нафар ба маблаги 231800 ҳазор сомонӣ ҷарима ситонида шудааст. Масоҳати умумии заминҳои таназзулёфтаёта 28422,91 гектарро ташкил дода дар баробари ин заминҳои шӯршуда 22134,63 гектар муайян шуда ки аз ин миқдор гектар замин 960,3 гектарро заминҳои ботлоқшуда ташкил медиҳад. Дар баробари заминистифодабарӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқони ва дигар шалкҳои

фаъолият ба маблағи умумии 12 ҳазору 118 сомонӣ зарар ситонида шудааст.

Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ҳуҷҷати асосии давлатӣ ба шумор меравад, ки самтҳои асосии рушди устувори ҷомеа, мувозинати захираҳои табиӣ ва истифодабарандагони он, ташкил ва ҳамоҳангсозии муносибати истифодабарандагони захираҳои табиӣ ва худи табиат, рушди солими ҷомеа, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин роҳҳои барқароркунии фазои экологии вайроншударо муайян менамояд.

Амалии Барнома барои ба давраи рушди босубот гузаштани мамлакат, анъанаи истифодаи фаъоли захираҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ ҳамасола авҷ мегирад. Дар оянда бо сабаби афзоиши теъдоди аҳоли масъалаи истифодаи табиат боз ҳам тезу тунд мегардад. Дар ин алоқамандӣ, дар доираи таҳқиқоти мазкур, зарур аст, то усулҳо ва принсипҳои ташаккулёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар илм ва таҷрибаи иқтисоди минтақавӣ оид ба азхудкунии сарватҳои табии коркард карда шаванд. Ҳодисаҳои табиат бо вуҷуди ин ки зарари зиёди ҷонию моддӣ меоранд, тарбия ҳам мекунанд: инсон дар ин мавриду муборизаҳо муттаҳид, башардӯст, андешаманд ва ҳушёру зирак мешавад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муҳити аз лиҳози экологӣ тоза ва безарар умр ба сар мебарад ва ҳамчун ҷузъи таркибии табиат ба қалам дода мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи омӯхтани қонуну қоидаҳои табиат ва муҳити зист низ самти муҳими фаъолияти инсон дониста шудааст.

Асри XXI давраи ташаккули навини илму техника ба ҳисоб меравад ва дар чунин вазъият аллакай биосфера (қабати олами зиндаи замин) аз ҳолати ботадриҷ инкишофёбанда ба фаъолияти антропогенӣ ва техногенӣ (инсон ва техника) табдил ёфтааст, ки дар натиҷаи назорати раванди табиӣ рӯз аз рӯз мураккабтар шуда истодааст.

Нишондиҳандаҳои мақсадноки идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ, коҳиш додан таъсиррасонӣ ба дигаргуншавии муҳити зисту

солимии ҷомеа ва кам кардани партовҳову хароҷоти энергетикӣ дар сатҳи миллию минтақавӣ дар роҳи амалисозии равишҳои фарҳангии сарватшиносиву созандагӣ як қадами бузургро мемонад.[46]

Ҳалли кадом масоили экологие, ки набошад, хоҳ но хоҳ ба масоили иқтисодӣ вобастааст. Аз дигар, тараф нодуруст истифодабарии сарватҳои табиӣ зарари иқтисодӣ оварда, дар навбати худ норасогии воситаҳои иқтисодӣ барои иҷрои ҳалли масъалаҳои экологӣ халал мерасонад.

Механизмҳои идоракунии нигоҳдории мувозинатӣ дар вилоят системаи ҳуқуқии танзимкунӣ, ҷаримабандиҳо, ҳавасмандгардониҳо ва ҷиҳати камтар шудани зарар ба муҳити зист ҳавасмандкунии муҳофизати муҳити атроф мебошад. Унсурҳои асосии он иборат аз инҳо аст:

❖ банақшагирӣ ва молиягузории чорабиниҳои муҳофизати табиат;

❖ муайян кардани лимити истифодаи сарватҳои табиӣ, партовҳо ва ҷойгиркунии партовҳо;

❖ муайян кардани меъёрҳо барои пардохти таъсири хатарнок ба муҳити зист ба монанди ҷаримаҳо,қонуншиканиҳо ва дигар фаъолияте, ки қонун манъ кардааст;

❖ додани имтиёзҳои андозҳо ва дигар ҳавасмандӣ ба корхонаҳое, ки технологияи кампартов ва бепартовро ҷорӣ менамоянд.

Механизми экологии батанзимдарорӣ бояд кулли усулҳои бо ҳам алоқаманд ва воситаҳои идоракунии истифодабарии табиатро дар бар гирад. Дар солҳои 60-70-уми асри XX муҳофизати муҳити зист дар асоси системаи маъмури фармондеҳӣ, яъне як қатор манъкуниҳои фаъолият, лимитҳо, ҷавобгариҳои маъмурию ҳуқуқӣ амалӣ мегашт.

Солҳои 80-90-уми асри XX барои системаи идоракунии экологии Тоҷикистон ва аксари давлатҳои собиқ Шӯравӣ солҳои муносибати

[46]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент «Фарҳангӣ сарватшиносӣ ва созандагӣ дар роҳбарӣ» Душанбе Ирфон 2020 С-402

ғоратгарона дар таърихи ҷамъиятӣ қайд шудааст, ки боқимондаҳои он то 50 солаҳои дигар давом мекунад.[47] Махсусан, барои Тоҷикистон, ки ҳамчун ҷумҳурии аграрӣ дар байни дигар ҷумҳуриҳо шинохта мешуд, хоҷагии қишлоқ пурра монополияи якказироати пахта гашта, дар натиҷа қариб 70% заминҳои обӣ, 65% аҳолии қишлоқҷойҳо ба касалӣ дучор гаштанд, 40% обҳои зеризаминӣ мавзеҳои обёришаванда заҳролуд шудаанд.

Дар шароити имрӯза, ки зиёда аз 32 сол боз Тоҷикистон мустақилияти худро эълон намудааст, пурра аз ин қоида на фақат дар кишоварзӣ, балки дар ҳамаи соҳаҳои алоқаманди табиат ва одамон бояд даст кашида, қоидаҳо ва механизмҳоинави идоракунии рушди иқтисодиётро аз дигар давлатҳо таҷриба, гирифта онро дар иқтисодиёт амалӣ намоем.[48]

Сиёсати иқтисодие, ки имрӯз Тоҷикистон пеш гирифтааст, иқтисоди бозорӣ буда, дар системаи идоракунии экологӣ низ бояд механизмҳои идоракунии иқтисодии батанзимдарорӣ истифода карда шавад. Ба фишангҳои иқтисодӣ дохил мешаванд:

- ❖ пардохт барои истифодаи сарватҳои табиӣ;
- ❖ пардохт барои ифлосшавии муҳити атроф ва нодуруст истифодабарии сарватҳои табиӣ;
- ❖ пардохтҳо барои партовҳо ва махсусан, партовҳои химиявӣ, ки гуронидани онҳо хароҷоти зиёдро талаб мекунад;
- ❖ ҷорӣ кардани системаҳои гуногуни имтиёзҳо ва сиёсати баргардонидани хароҷотҳои экологӣ, ташкили фондҳои экологӣ ва суғуртаи экологӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии омӯзиш, ҳифз ва истифодабарии сарватҳои зеризаминиро муқаррар намуда, муносибатҳоро дар ин соҳа танзим менамояд. Дар (Қонуни Ҷумҳурии

[47]Ғаниев Т.Б. Менҷмент қисми дуюм «Ташкили фаъолияти роҳбарӣ» боби 27 Менеҷменти экологӣ С-393

[48]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент Хиради роҳбарӣ қисми 4-ум боби 49 Хиради экологӣ ва дӯсторӣ дар менеҷменти муосири тоҷик С-486

Тоҷикистон аз 5.01.08 №351)системаи зерини пардохти сарватҳои табиӣ ҷудо карда шудааст:[49]

1. Пардохт барои истифодаи сарватҳои табиӣ дар ҳудуди лимити муайяншуда;

2. Пардохт барои истифодаи сарвати табии берун аз лимит ва нодуруст истифодабарии сарватҳои табиӣ;

3. Пардохт барои такрористеҳсол ва муҳофизати сарватҳои табиӣ.

Маблағсупорандагон корхонаҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳое мебошанд, ки аз сарватҳои табиӣ истифода мебаранд ва ба муҳити атроф новобаста аз шакли моликиятдориашон таъсир мерасонанд.

1. Пардохт барои истифодабарии сарватҳои табиӣнархи миқдори захираҳо ё хизматҳое мебошанд, ки дар вақти истифодабарии сарватҳои табиӣ иҷро шудаанд. Дар шакли қонуни пардохт барои сарватҳои табиӣ ин дар шакли андоз муайян карда шудааст, ки ташкилотҳо онро андоз барои захираҳо меноманд;

2. Пардохт барои истифодаи ғайрисамараноки сарватҳои табии ин шакли масъулиятноки иқтисодии ташкилотҳо мебошад, ки онҳо барои зарари овардаашон ба муҳити зист дар натиҷаи истифодаи ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ оварданд, маблағ месупоранд;

Дар натиҷа ду меъёри ҳудуди иҷозати маводи экологӣ ва ҳудуди иҷозатии консентрат муайян шудааст.

Асосан, пардохт аз ташкилоте гирифта мешавад, ки ба табиат таъсири зерин мерасонанд:

Ҳамчунин, дар ин боб омӯзиши таҷрибаи аксари давлатҳои рушдёфтаи хориҷӣ дар системаи идоракунӣ ва рушди босуботи иқтисодии давлат омӯхта шуда нишон дода шудааст. Мақсади асосии боби мазкур дар он мебошад, ки аз руи таҳияи накшаи кории илми бештар ба омӯзиш ва азхудкунии истифодаи захираҳои табиӣ Тоҷикистон низ пайдо хоҳад кард. Барои баланд бардоштани рақобатнокии иқтидори иқтисодиёти вилояти Хатлон бояд ба самтҳои хеле муҳими рушд, ки дар марҳилаи имрӯза то ҳануз истифода нашудаанд, диққати бештар дода шавад. Махсусан, бо андешаи муаллиф бастани созишномаҳои манфиатноки чандинкарата дар самти коркарди саноатии захираҳои табиӣ ва баҳодиҳии онҳо, ташкили идоракунии рушди босуботи корхонаҳои истеҳсолии кампартов ва дигар мушкилотҳо бояд дар кутоҳтарин муҳлат ҳалли худро ёбанд.

---

[52] Морозова Г.А.Устойчивое развитие региона: моногр./ Г.А. Морозова, В.А.Мальцев, К.В. Мальцев.-Н.Новгород:НИУ РАНХ и ГС, 2012.130с

## 2.3. Такмили механизми идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити ҳозира дар ҷумҳурии мо, яке аз минтақаҳое, ки дорои захираҳои бузурги меҳнатию табиӣ мебошад ин вилояти Хатлон ба шумор меравад. Дар яке аз бузургтарин конҳои газу нафти ҷумҳурӣ-кони Бештентак дар ноҳияи Балҷувон, ки захираи нафти он қариб 2,7 миллион тонна, газ 2,5 миллиард метри мукааб пешбинӣ гардидааст, корҳои таҳқиқотӣ геологӣ дар назар дошта шудааст.Яке минтақаҳое, ки захираҳои бойи табиӣ дорад  минтақаи вилояти Хатлон мебошад.

Вилоят Хатлон минтақаи калони кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, 53 фоизи заминҳои корами ҷумҳурӣ, аз ҷумла, 54 фоизи майдонҳои кишти ғалладонагӣ ва 63 фоизи заминҳои кишти пахта ба вилояти мазкур рост меояд. Дар вилоят 63 фоизи ғалладонагиҳо, 71 пахта, 55 сабзавот, 78 полезӣ, 40 мева, 52,2 гӯшт ва 48 фоизи шири ҷумҳурӣ истеҳсол мешаванд.

Айни замон аҳолии шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Сарбанд ва як қисми аҳолии ноҳияҳои Ҷ. Румӣ, Бохтар ва Балҷувон бо гази табиии аз ҳисоби 3 адад конҳо (Қизилтумшуқи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, Хоҷа Сартез ва Бештентаки ноҳияи Балҷувон) таъмин гардида истодаанд. Аз нафти вазнини конҳои Ақбошидир, Кичик Бел ва Куми Ҷанубии ноҳияи Қумсангир навъҳои гуногуни мазут ва битум истеҳсол карда мешавад.

Конҳои оҳаксанги ноҳияҳои Хуросон ва Носири Хусрав, кони гили Табақчии шаҳри Сарбанд ва кони гаҷи Шар-шари ноҳияи Хуросон барои дар вилоят тараққӣ додани истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ нақши калон бозида метавонанд. Захираи оҳак дар кони Пустхур, намак дар кони Тутбулоқ, доломит дар кони Ёвон, ки захираи онҳо тибқи ҳисобу китоб ба сесад сол басанда аст, мавҷуд мебошад.

Дар қисми ҷануби вилоят кони оҳаксанги Туюнтоғ ва кони гили Қубодиён вуҷуд дошта, инчунин, ду кони дигари намаксанг: кони Хоҷамуъмин (захирааш 4,4 млрд. тонна) ва кони Хоҷа-Сартез (40 млрд.

тонна) мавҷуд мебошанд, ки қисман мавриди истифодабарӣ қарор доранд. Дар заминаи манбаъҳои оби минералии шаҳраки Совет бо истифодаи лойи табобатии кӯлҳои ҷамоати деҳоти Танобчии ноҳияи Темурмалик барои сохтани минтақаи истироҳатӣ-табобатӣ имкониятҳои зиёд мавҷуданд. Захираҳои обҳои маъданӣ 993 метри мукааб дар як шабонарӯз мавҷуд буда, таркиби онҳо аз хлориду натрий хеле бой аст.

Иқтидори истеҳсолии неругоҳҳои барқии обии Норак, Бойғозӣ, Шаршара, Сарбанд ва Марказӣ дар дарёи Вахш, беш аз 16171 млн квт соат барқ дар як сол буда, 92 фоизи барқи ҷумҳуриро истеҳсол менамояд. Дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон НБО-ҳои «Сангтуда-1» бо иқтидори 670 млн кВт ва «Сангтӯда-2» бо иқтидори 220 млн кВт ба истифода дода шуд.[53]

Аҳолии вилояти Хатлон ба 1 январи соли 2020-ум 2971,5 ҳазор нафарро ташкил додааст, ба ҳисоби миёна ба майдони 1 км$^2$ 121 нафар рост меояд. Дар вилоят зиёда аз 62 миллат, бисёртар тоҷикҳо, ӯзбекҳо, туркменҳо ва русҳо зиндагонӣ мекунанд. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 535,2 ҳазор нафар, аҳолии деҳот 2436,3 ҳазор нафар, мардон 1494,7 ҳазор нафар ва занон 1476,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Вилояти Хатлон аз рӯи шумораи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои аввалро ишғол менамояд.

**Ҷадвали 2.5. SWOT – ТАҲЛИЛИ САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ БОСУБОТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| Мавҷуд будани коммуникатсияи роҳҳои автомобилгард ва ҳавоӣ бо бозорҳои бузург | Солҳои тӯлонӣ бастани роҳи оҳан аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон |
| Роҳи автомобилгард бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба воситаи пули Панҷи поён | Нарасидани корҳои хизматрасонии логистикӣ |
| Мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, рӯзҳои зиёди офтобӣ дар давоми сол; | Иқтидори пасти мутахассисони маҳаллӣ дар баъзе масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ |
| Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши зироатҳои растанипарварӣ ва боғдорӣ | Набудани маблағ барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ ва нигоҳдории онҳо; |
| Мавҷуд будани заминҳои шудгоршаванда ва дигар заминҳо барои бунёди боғу токзори нав; | Қисман кор накардани корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурду миёна; |

[53]Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбароидавраитосоли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159)

*Идомаи ҷадвали 2.5.*

| | |
|---|---|
| Мавҷуд будани минтақаҳои озоди иқтисодии Панҷ ва Данғара | Кам будани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа; |
| Мавҷуд будани қувваи кории мутахассисони соҳибихтисос | Нокифоя будани сармоягузорӣ дар соҳаи саноат |
| Захираи калони меҳнатӣ | Нокифоя будани маркетинги самарабахш дар бештари корхонаҳо |
| Донистани аксарияти аҳолӣ ду ё се забон | Сатҳи пасти рақобатпазирӣ дар бозори дохилӣ |
| Қувваи кории нисбатан арзон | Нокифоя ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоте, ки метавонист маҳсулоти воридшавандароивaз намояд |
| Рушди алоқаи мобилӣ | Сатҳи баланди коррупсия дар мақомоти давлатӣ |
| | Нокофӣ ҷудо гардидани захираҳои молиявӣ |
| Мавҷуд будани ашёи хоми минералӣ, маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки дар вилояти Хатлон истеҳсол мешаванд | Фоизи баланди захираҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ. |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз вилояти Хатлон ба бозорҳои дохилию хориҷӣ содирот мешаванд | Ҷой доштани масъалаҳои ҳалталаб дар соҳаи иҷтимоӣ |
| Захираи бойи оби ошомиданӣ ва полезӣ | Корношоям гардидани шабакаҳои обтаъминкунӣ |
| Захираҳои калони канданиҳои фоиданок | Иқтидори истифода нашудаи саноати сабук ва хӯрокворӣ |
| Захираҳои назарраси мавзеъ ва иншоотҳои фароғатӣ барои рушди туризм | Нарасидани мутахассисон барои ташкили инфрасохтори туризм |
| | Нокифоя будани дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| Сохтмони роҳи оҳани Душанбе-Хатлон ва байни Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон | Маҳдудияти дастрасӣ аз бозорҳои калон ва марказҳои логистикӣ |
| Ҳаҷми назарраси интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон | Сатҳи баланди бекорӣ |
| Дастгирии ислоҳот ва барномаҳо аз ҷониби шарикони рушд дар соҳаҳои афзалиятнок | Кам будани кадрҳои соҳибихтисос |
| Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба рушди соҳибкорӣ | Таъмирталаб ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани қисмати инфросохторҳо |
| Баланд бардоштани иқтидори саноати сабук ва хӯрокворӣ | Хароҷоти калон барои нақлиёт ҳангоми кашондани бор |
| Мусоидат намудан ба рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, махсусан, кишоварзӣ ва саноат | Ба амал омадани офатҳои табиӣ |
| Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ёдгориҳои таърихӣ барои рушди туризм | Таъсири бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ |
| Истифодаи захираҳои бойи ошомиданӣ | Ҷой доштани монеаҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда бинобар, сабаби тез ворид шудани тағйиру иловаҳо |
| Нархҳои баланди ҷаҳонии ашёи хоми минералӣ, маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки дар вилояти Хатлон истеҳсол мешаванд | Нокифоя будани дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ |
| Талаботи баланди маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз вилояти Хатлон ба бозорҳои дохилию хориҷӣ содирот мешаванд | Нархи гарони сӯзишвории нафтӣ, равғанҳои молиданӣ ва нақлиёти боркаш |
| Ҳамкорӣ бо барномаҳои байналмилалӣ | |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар ҷадвали мазкур ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии рушди механизми рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон нишон дода шудааст.

Дар вилояти Хатлон таҷрибаи таҳия ва татбиқи барномаи дарозмуддати рушд қарор дорад, зеро «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025» таҳия гардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2005 сол, таҳти № 420 тасдиқ гардидааст.[54] Ин барнома бо мақсади пешбинии болоравии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят, ташкили ислоҳот дар минтақа, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ вобаста буд. Натиҷаи тағйиротҳои иқтисодӣ ба рушди босуръати қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар ва минтақаҳои онҳо, эҷоди шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ гардид. Ҳамчунин, дар доираи Барнома барои ноил шудан ва фароҳам овардани шароити баробаршавии минбаъдаи сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар, бо назардошти иқтидорҳои босуботи табиию иқтисодӣ ва меҳнатии ҳар яки онҳо пешбинӣ шуда буд.

**Ҷадвали 2.6. - Тақсимоти маблағҳои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2018-2022" аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҳаз. сомонӣ**

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 850538,6 | 38500 | 223269 | 195772, | 196872, | 196122, | 200000 |
| Саноат | 2687416 | 744290 | 777940 | 574785 | 340001 | 250400 | 301400 |
| Барқтаъминкунӣ | 2362051 | 216545 | 180774 | 531386 | 630646 | 802700 | 982300 |
| Хизматрасонӣ ва туризм | 15400 | 1600 | 5270 | 5570 | 2480 | 480 | 5900 |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо | 3587817 | 587 538 | 519 767 | 719 142 | 785 992 | 975 378 | 11000 |
| Алоқа | 3299 | 619,8 | 719,8 | 719,8 | 619,8 | 619,8 | 700 |
| Ҳамагӣ, бахши таъмини рушди устувори иқтисодиёт | 9 506 522 | 1 589 093 | 1 707 741 | 2 027 376 | 1 956 612 | 2 225 701 | |
| Маорифва илм | 92660 | 0 | 5400 | 34490 | 30170 | 22600 | 25220 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 221592 | 13378 | 34178 | 63578 | 63830 | 46628 | 65000 |
| Фарҳанг | 198675 | 1743 | 43032 | 59250 | 56265 | 38385 | 48550 |
| Варзиш | 97670 | 0 | 4530 | 28380 | 32380 | 32380 | 55200 |

[54] Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2025

*Идомаи ҷадвали 2.6.*

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | 16000 | 2000 | 5000 | 5000 | 3000 | 1000 | 1500 |
| Ҳамагӣ, бахши рушди иҷтимоиёт | 626597 | 17121 | 92140 | 190698 | 185645 | 140993 | 15213 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 388054 | 97583 | 109439 | 70749 | 52716 | 57567 | 61234 |
| Беҳдошт ва хадамоти манзилию рифоҳӣ | 181399 | 43433 | 42433 | 32633 | 28800 | 34100 | 55500 |
| Ҳифзи муҳити зист | 72560 | 0 | 13700 | 16800 | 19400 | 22660 | 4000 |
| Таъмини бехатарии аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои табиӣ ва садамаҳо | 176672 | 450 | 41470 | 44232 | 47780 | 42740 | 51238 |
| Ҳамагӣ, бахши таъмини бехатарии ҳаёт | 818685 | 141466 | 207042 | 164414 | 148696 | 157067 | 25147 |
| Ҳамагӣ, арзиши умумии Барнома | 10 951 804 | 1 747 680 | 2 006 923 | 2 382 488 | 2 290 953 | 2 523 761 | 253641 0 |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 718233,2 | 16853 | 117486, | 200396, | 206918, | 176577, | 179412 |
| Буҷети маҳаллӣ | 578 140 | 10 518 | 102 732 | 172 140 | 151 795 | 140 955 | 150550 |
| Маблағҳои худӣ | 375 472 | 99 730 | 103 158 | 61 520 | 64 220 | 46 845 | 55600 |
| Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | 9 245 558 | 1 618 47 | 1 678 84 | 1 931 31 | 1 863 01 | 2 153 88 | 28734 |
| Қарзи бонкӣ | 34400 | 2100 | 4700 | 17100 | 5000 | 5500 | 7514 |

**Сарчашма:** Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҷадвали мазкур мблағгузорӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят таҳлил шуда, он маблағгузориҳои зиёд аз солҳои 2021 то соли 2025-ро дар бар мегирад.

Таҳқиқот ва ташкили иттилоотӣ техникӣ барои беҳтар кардани маълумотнокии шахсоне, ки қарорҳоро қабул мекунанд, дахл дорад. Ин корҳо бояд аз барӯйхатгирии заминавӣ ва тарҳрезии ҳолати феълии ҳар яке аз се навъҳои набототи ҷангалӣ ва системаҳои экологии асосӣ (аз ҷумла системаи экологии кишоварзӣ ва шаҳрӣ) оғоз ёбанд. Дар он кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки маводҳои навтарини барои дарки дурусти масъалаҳои экологии дар саноати истихроҷию коркард бамиёномада мувофиқ ҷой дода шаванд. Механизми такмили самаранокии махсуси истихроҷу истифодаи сарватҳои табиӣ нишон дода шудаанд, ки онҳо тавсифи стратегии рушди манбаи ашёи хоми

минералӣ ва саноати кӯҳкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таъсироти он ба муҳити атроф инъикос меёбад.

**Ҷадвали 2.8. - Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2015-2022, млн. сомони (тонна)**

| Номгӯ | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона (бо ҷуворимакка) | 542857 | 586379 | 774005 | 780094 | 728811 | 798384 | 878336 | 828709 |
| Пахта | 259643 | 241133 | 197860 | 202027 | 272184 | 282569 | 275116 | 262816 |
| Картошка | 147704 | 156715 | 197020 | 209664 | 240270 | 253352 | 284568 | 227016 |
| Сабзавот | 299995 | 358938 | 461914 | 533887 | 600654 | 669544 | 772796 | 846050 |
| Полезиҳо | 212012 | 240349 | 360533 | 409871 | 342825 | 368432 | 397779 | 422938 |
| Меваҷот | 64526 | 82227 | 89670 | 95437 | 106599 | 116115 | 125825 | 135012 |
| Ангур | 51464 | 57955 | 61186 | 61236 | 70766 | 78163 | 83039 | 87346 |
| Хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока | 249526 | 268129 | 340222 | 375453 | 409007 | 451402 | 501780 | 543798 |
| Истеҳсоли гӯшт (дар вазни зинда) | 55190 | 60649 | 63521 | 69696 | 76276 | 83191 | 90859 | 103658 |
| Истеҳсоли шир | 241925 | 254087 | 267808 | 290708 | 319328 | 360761 | 392395 | 409990 |
| Истеҳсоли тухм (ҳазор дона) | 30760 | 39324 | 42145 | 44241 | 48883 | 52352 | 57299 | 60842 |
| Истеҳсоли пашм | 3334 | 3468 | 3582 | 3811 | 4051 | 4239 | 4359 | 4488 |
| Истеҳсоли пила | 1218 | 1213 | 752 | 521 | 573 | 556,5 | 629,6 | 359,5 |
| Истеҳсоли асал | 320 | 383 | 482 | 521 | 614 | 705,5 | 840,1 | 914,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон.//Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Қурғонтеппа-2015 саҳ.131-182.

Албатта, шароит, иқлим ва имконият барои ҳама намуди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ баробар таъмин буда наметавонад, вале новобаста ба таъсири омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ дар муқоисаи солҳои пешин дар маҷмӯъ дида мешавад. Ин аз беҳтаршавии соҳаи кишоварзӣ дар вилоят ва ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад. Омили асосие, ки ба соҳаи кишоварзӣ дар вилоят таъсири манфӣ мерасонад, ин вобастагии вилоят ба маҳсулотҳои озуқаворӣи беруна мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии дохилӣ аз ҷиҳати шароити табиӣ хуб буда, вале аз лиҳози миқдор талаботи аҳолии минтақаро пурра қонеъ гардонида наметавонанд. Аз ин рӯ, воридоти маҳсулотҳои кишоварзии хориҷӣ назар ба содирот бештар мебошад. Содироти маҳсулоти кишоварзии

вилоят, дар шакли ашёи хом пешкаш мегардад. Ба ин омил таъсири кам истифода шудани заминҳои кишт, рӯ овардани аҳолӣ ба маҳсулотҳои тайёри воридотӣ, дар соҳаи кишоварзӣ истифода нашудани технологияи муосир, набудани корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва ғайра бараъло эҳсос мегардад.

Суръатҳои афзояндаи таназзули агроэкосистемаҳо, коҳиш додани ҳосилхезии хок, ифлосшавии ҷузъҳои муҳити атроф таҳдидкунанда мешаванд. Гузашта аз ин, буҳрони тӯлонии иқтисодӣ, коҳиши истеҳсолот, афзоиши бекорӣ, тавсеаи минтақаи камбизоатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ғайра. Ҳадафҳои экологиро дар рӯйхати афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ба яке аз ҷойҳои охирин гузошт.[55]

Консепсияи истихроҷию экологиро бояд дар рафти фаъолияти майдони алоҳидаи коркарди рӯизаминӣ ва ё нақби истихроҷӣ таҳлил намуд, чунки самаранокии баланди иқтисодию истеҳсоли аз нуқтаи назари корхонаи алоҳида ба вазъи хоҷагии халқ монанд буда наметавонад. Зеро, он дар натиҷаи хароҷоти зиёди захираҳои табиӣ ва ифлосшавии муҳити атроф аз тарафи корхонаҳои истихроҷӣ ба миён меояд.[56]

Стратегияи истифодабарии захираҳои табиӣ бояд дар асоси мақсадҳои ояндабинӣ ва муосиртарини истеҳсолот коркарда карда шавад, ки таъсироти он ба муҳитнарасад.

**Тоҷикистон як қатор механизмҳои идоракунии рушди босуботро қабул намудааст ва ин механизмҳо барои се мақсади асосӣ хизмат мекунад:**

- танзими механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ;
- муқаррар намудани пардохт барои истифодабарии захираҳои табиӣ ва риоя намудани стандартҳои байналмилалӣ;

[55]Одинаев Ҳ.А. Эколого-экономический механизм регулирования природопользования в сельском хозяйстве Москва 2004 с С.15-17

[56] Қонуни Ҷумҳурии ТоҷикистонДар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1992, №8, мод.118; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1996 №3, мод.48; с. 1997, №23-24, мод.333; с. 1999, №12, мод.333; с.2002, №11, мод.678)

- муайян кардани андозу пардохтҳо, ҷарима бо мақсади пешгирии ифлосшавии ҳифзи муҳити зист ва нодуруст истифодабарии сарватҳои табиӣ;

Ба усулҳои механизмҳои идоракунии иқтисодӣ дар ин соҳа ба қонуни мазкур, яънеасосҳои ҳуқуқии омӯзиш, ҳифз ва истифодабарии сарватҳои зеризаминиро муқаррар намуда, муносибатҳоро дар ин соҳа танзим менамояд. (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.01.08 №351)
чунин ҳолатҳо ворид карда шудаанд;

- муқаррар намудани фоизи маблағ ва пардохтҳои иловагии барои таъсири манфӣ ба муҳити атроф;
- муқаррар намудани ҳудуди муайян барои партови маводи ифлоскунанда ва организмҳои хурд, маҳдудиятҳо ба ҷойгиронии партовҳои истеҳсолӣ ва дигар намудҳои фаъолият ба муҳити атроф;
- гузаронидани баҳодиҳии иқтисодии объектҳои табиӣ ва антропогению табиӣ мувофиқ ба талаботҳо ва стандартҳои байналхалқӣ;
- гузаронидани баҳодиҳии иқтисодии таъсироти фаъолиятҳои хоҷагидорӣ ва дигар намудҳои фаъолиятҳои роҳбарӣ ба муҳити атроф;
- муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзот ҳангоми ворид намудани технологияи замонавӣ, намудҳои ғайри энергия, истифодаи захираҳои дуюмдараҷа ва азнавкоркарди партовҳо, инчунин дар ҳолати ҷорӣ намудани чораҳои самаранок оид ба ҳифзи муҳити атроф;[57]
- дастгирии фаъолиятҳои соҳибкорӣ, инноватсионӣ ва дигар намудҳои фаъолият (аз он ҷумла суғуртаи экологӣ), ки барои ҳифзи муҳити атроф равона шудаанд;
- мувофиқи тартиби муқаррargардида ҷуброни зарари ба муҳити атроф расонидашуда ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ;

[57]Бобоев С.О., Самиев М.Б., Самиҳов Ш.Р.Экологияи истихроҷ ва коркарди сарватҳои табиӣ.- – Душанбе : «Ирфон» - 2010, 147саҳ. С-101

Самаранокии фаъолияти истифодабарӣ вобаста ба ҳифзи табиат ба ҳавасмандсозии молиявӣ ва ҷорӣ намудани воситаҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии корхонаҳо ва ташкилотҳо алоқаманд мебошад.

Ҳавасмандгардонии истифодабарандагони табиат дар гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи табиат ва истифодаи дурусти захираҳои табиӣ бояд бо кӯмаки механизмҳои инноватсионии идоракунии иқтисодии истифодабарии табиат, ки системаи пардохтҳои экологиро пешбинӣ менамояд, доир карда шавад.

Тоҷикистон як қатор механизмҳои инноватсионии идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодабарии захираҳои табииро дар даҳсолаи охири аср XXI таҳия кардааст. Ин механизмҳо дар асоси қонунгузорӣ оид ба ҳифзи табиат ва санадҳои дахлдори зерқонунӣ таҳия ёфтаанд, аз ҷумла Қонун «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (2011, №7-8, мод. 614) қабул шудааст. Механизмҳои иқтисодӣ барои ҳифзи табиат барои якчанд мақсад хизмат мекунанд.

Дар навбати аввал онҳо ба механизми танзими идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ бо роҳи ҷаримабандӣ равона шудаанд, ки мақсад аз ин пешгирии ифлосшавии муҳити зист ва зарари экологӣ аст.

Механизмҳои идоракунии иқтисодӣ барои се мақсади асосӣ хизмат мекунанд:

- танзими механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ;
- муқаррар намудани пардохту андозҳои навин барои истифодаи захираҳои экологӣ ва табиӣ;
- муайян кардани ҷарима ва иловапулиҳо бо мақсади пешгирии ифлосшавии муҳити зист ва зарари экологӣ ва барқарорсозии ҳолати экологӣ;
- Пардохти истифодаи захираҳои табиӣ ба тариқи ҳатмӣ бояд ситонида шавад ва салоҳиятнокии фаъолияти роҳбариро танзим созад;

- Пардохт барои ифлосшавии муҳити зист ва барои гӯронидани партовҳо ва пурра безарар гардонидани муҳити атроф ситонида мешавад;

Дар соҳаи захираҳои обӣ механизмҳои асосии иқтисодӣ ҷаримаҳо барои партофтани обҳои тозанашуда дар манбаъҳои обрасонӣ, пардохти хизматҳои обрасонӣ ва ташноб, инчунин ҷаримаҳо барои вайрон кардани қонунгузории обро дар бар мегиранд. Дар айни замон пардохт барои обрасонӣ ва ташноб аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ чунон ночиз аст, ки барои онҳо пардохти ҷарима нисбат ба харидан ё таҷдиди таҷҳизоти обтозакунӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ бештар фоиданок мебошад. Ҳоло фароҳам овардани хизмати обрасонӣ ва ташноб наметавонанд пардохти муқарраршударо ҷамъоварӣ намоянд. Ин боиси бад шудани сифати хизматрасонӣ, инчунин ҳаққи хизматро пардохт нанамудани истифодабарандагон гардида, дар натиҷа доираи сарбаста ба миён меояд ва система рӯ ба таназзул меорад. Барои ҷоннок намудани истифодаи захираҳои табиӣ бисёр масаълаҳои иқтисодии давлатиро, ки муайян шудааст, бояд роҳандози намуд.

Ҳалли кадом масоили иқтисодию экологие, ки бошад, хоҳ нохоҳ ба масоили иқтисодӣ вобаста аст. Аз дигар тараф нодуруст истифодабарии сарватҳои табиӣ зарари иқтисодӣ оварда, дар навбати худ норасогии воситаҳои иқтисодӣ барои иҷрои ҳалли масъалаҳои экологӣ халал мерасонад.

Баҳои нодида гирифтани омили экологӣ дар қабули қарорҳои иҷтимоию иқтисодӣ асосан аз мавҷуд набуда нинишондиҳандаҳои анъанавии рушди инъикоси арзиши сармояи табиӣ ва таназзули муҳити зист вобастааст.

Нишондиҳандаҳои анъанавии макроиқтисодии ҳоло истифодашаванда (ММД, ММД, даромад ба ҳар сари аҳолӣвағ.) ҳангоми иҷрои вазифаи муҳими худ оид ба (ҳам) ченкунии миқёс ва сохтори иқтисодиёт, динамикаи иқтисодӣва иҷтимоӣва ғайра

объективӣнаметавонанд, ё ба андозаи нихоят махдуд дигаргунихои назарраси манфӣ, баъзан бухронӣ ва ҳатто фалокатоварро дар сифати мухити зист ва сарватҳои табиӣ инъикос намояд, ки барои шароити зиндагонӣ ва фаъолияти истеҳсолии одамон окибатхои вазнин доранд.

Равишҳои имконпазири арзёбӣва андозагирии нишондиҳ-андаҳои рушди босуботро дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣчунин баррасӣ намудем, ки ин нишондиҳандаҳо барои ҳалли вазифаҳои зерин заруранд:

1) Муайян кардани ҳадафҳо:

- муайян намудани ҳадафҳои мушаххаси сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ оид ба гузариш ба рушди устувор дар марҳилаҳои худ;
- таҳияи стратегияҳо, аз ҷумла, дар соҳаҳои (энергетика, иқтисодиёт, иҷтимоӣ, экологӣ) барои рушди оянда;
- пешгӯии таъсири чорабиниҳои пешбинишуда доир ба муайян кардани хавфҳо.

2) Идоракунӣ:

- мониторинги ноилшудан ба ҳадафҳои рушди устувор;
- арзёбии пешрафт ва натиҷагирии солҳои гузашта ва барасии мушкилотҳои оянда;
- маълумот барои банақшагирӣ ва қабули қарорҳо аз ҷониби мақомот.

3) Арзёбии муқоисавии вазъи ҷаҳон, кишвар ва минтақаҳои алоҳида:

- муқоисаҳои байниминтақавӣ, муқоисаҳо соҳаҳо,ташкили маниторинг ва рейтингҳо дар минтақаҳо;
- муносибатҳои кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, минтақа бо мақомоти марказӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ,ташкили барномаҳои хурд ва грант дар минтақаҳои қафомонда.[58]

[58]С.Н. Бобылев Экономика устойчивого развития Москва 2021 г С-125-131

Барои муайян кардани он ки башарият дар маҷмӯъ, минтақа, кишвар ва воҳидҳои маъмурии он ба суи устуворӣ ҳаракат мекунанд ё баръакс, онро аз даст медиҳанд, ба мо хусусиятҳои миқдорӣ, нишондиҳандаҳои махсус сохташуда, ки маъмулан нишондиҳандаҳои рушди устувор номида мешаванд, лозим аст, ки нишондиҳандаҳо бараъло таҳлил карда шаванд. Ин нишондиҳандаҳо худ аз худ муҳим амалӣ намешаванд, балки ҳамчун воситаи ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор, назорат ваислоҳи ин рушд мебошанд.

Онҳо инчунин, барои банақшагирӣ ва барномарезии фаъолиятҳо дар самти рушди устувор, таҳияи сиёсат дар ин самт асос мебошанд.

Назорати самараноки ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор, идоракунии самараноки ин раванд, баҳодиҳии дурусти воситаҳои истифодашаванда ва сатҳи ноил шудан баҳадафҳои гузошташуда бидуни нишондиҳандаҳои рушди устувор ғайриимконаст. Маҷмӯи чунин нишондиҳандаҳо бояд дар тавсифи (ташхиси) ҳолати системаи “табиат- иқтисод-аҳолӣ”, ки дар ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати пешниҳоди мушкилоти гузариш ба рушди устувор қабул гардидаанд, нақши калидӣ бозанд, ки инимконияти ислохи ин ҳолат дар асоси тартиб додани барномаҳои муосири сайёра тартиб дода шудааст.

Ба андешаи муаллиф таври кофӣ тавсиф карда шавад, устувору тараққиёт, нишондиҳандаҳои иқтисодии дар амал истифодашаванда, аз ҷумла нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро (маҳсулоти умумии дохилӣ, даромади умумии миллӣ ва ғайра) хеле аз нав дида баромадан лозим аст.), зеро тамоми тараққиёти пештара ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва истеъмол дар асоси торафт васеътар истифодабурдани захираҳоро талаб мекунад. Чунин аст максади стратегия ва тактикаи тараққиёти иктисодиёти гузашта ва ҳозира. Дар баробари ин баходиҳии зарари экологӣ, хароҷоти барқарор намудани мухити табиӣ доимо тахти назорат қарор гирад.

**Ба андешаи муаллиф нишондиҳандаҳои идоракунии рушди босубот дар шароити муосири иқтисодиро чунин гурӯҳбанди кардан мумкин аст:**

- Имконияти истифодаи ҳамаи захираҳои иқтисодӣ бо мақсади тараққиёти рушди босубот дар сатҳи микро ва макроиқтисодиёт;
- Нигоҳдории ҷанбаҳои экологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣва сиёсӣ дар асоси банақшагирии онҳо;
- Истифодаи маблағҳои ҷудошуда банақшагирии онҳо дар мақсадҳои муҳими такмили механизми идоракунии рушди босубот;
- Ба низоми мавҷудаи омори миллӣтакя карда, барои ҷамъоварии маълумот ва ҳисобҳо барои банақшагирии корҳои ояндаи такмилдиҳии механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ;
- Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва муқоисаҳои системаи моделҳои механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Имкониятибаҳодиҳӣдардинамикаи рушди устувор барои ҳар як корхонаву ширкат ва умуман давлат;
- Роҳҳои гуногуни ҳалли муаммоҳои экологӣ (азнавсозии сохтори иқтисодиёт, ташкили иқтисодиёти самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ безарар, тағйир додани сиёсати содиротӣ ва ғайра);
- Тараққӣ додани технологияи кампартов ва бепартов, тағйиротҳои технологӣ дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолии ҷараёнҳои истеҳсолот;
- Чорабиниҳои мустақими ҳифзи муҳити зист (сохтмони иншоотҳои тозакунии ҳаво, ҷой додани филтрҳо дар корхонаҳое, ки миқдори партовҳоро ба муҳити зист аз меъёр зиёд берун месозанд, ташкили ҳудудҳои муҳофизати, шинонидани дарахтони ороиши, кабудизоркунӣ) ва ғайра;

❖ Гузариш ба намуди инноватсионии рушди босуботи иқтисодӣ, бахусу дар замони муосир, яке аз самтҳои муҳими рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Айни замон, як назарияи муайян ва таҷрибаи амалии таҳияи нишондиҳандаҳои идоракунии рушди босубот дар аксари давлатҳои ҷаҳон амалӣ шуда истодааст.Ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида нишондиҳандаҳо ва системаву механизмҳои идоракунии пешниҳод мекунанд, ки аксарвақт системаи хеле мураккаби нишондиҳандаҳоро дар бар мегиранд.

Барои таҳияи гурӯҳҳои нишондиҳандаҳои рушди босубот панҷ равиш вуҷуд дорад, дар арзёбиирушдиустувористифодамешаванд:

1) системаҳоинишондиҳандаҳое, кифаъолияти корхонаро беҳтар мекунанд ва вазъи экологии онро хубтар нигоҳ медоранд.

2) нишондиҳандаҳои интегралӣ, ки нишондиҳандаҳои гуногунро ҷамъ мекунанд барои гирифтани як индекс бештари вақт нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣва экологӣҷамъ карда мешаванд;

3) нишондиҳандаҳои махсусӣ ифлосшавӣ, зиёд кардани даромад, паст кардани сатҳи бекорӣ, паст кардани ҳолатҳои фавти модару кӯдак, ва гайра;

4) нишондиҳандаҳое, ки дар асоси таҳқиқоти сотсиологӣ ба даст омадаанд, ки муносибати аҳолӣ ба масъалаҳои алоҳидаро инъикос мекунанд;

5) Нишондиҳандаҳое, ки самаранокии механизми идоракунии рушди босуботро муайян мекунанд.

Гузариш ба рушди босубот тақозо менамояд, ки омилҳои экологиро ба қатори нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимои дохил намоянд. Ин ҷараён метавонанд ба воситаи индикаторҳои рушди уствувор амалӣ гагрдонида мешаванд.

Индикаторҳои мазкур бояд ба барномаҳои байналмилалӣ ва миллии рушди босубот дохил карда шуда, на танҳо тараққиёти иқтисодӣ, балки сатҳи ҳифзи муҳити зистро арзёбӣ карда тавонанд.

Бисёре аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодии анъанавӣ (маҳсулоти умумӣ МУ), даромади миллӣ (ДМ), МММ, ММД, даромад ба ҳар сари аҳолӣ тараққиёти иқтисодиро баҳогузори карда, аммо ҳалли муаммоҳои экологиро маҳдуд месозанд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки ба назар гирифтани танҳо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ метавонад дар ниҳояти кор сабаби ғайриоқилона истифодабарии захираҳо ва ифлосшавии муҳити зист гардад.

Бо ақидаи олими америкоӣ, иқтисодчӣ-эколог Герман Делӣ то он вақте ки меъёри беҳдошти сатҳи зиндагии одамон нишондиҳандаҳои макроиқтисодии анъанавӣ мебошад, дар роҳи тараққиёти иқтисодӣ ва умуман башарӣ монеаҳои бузург ба амал меоянд. Бозор танҳо самаранокиро ба назар гирифта, адолатнокӣ ва устувориро дарк карда наметавонанд.

Ба андешаи муаллиф, индикаторҳои такмилдиҳии идоракунии рушди босубот бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгу бошад:

- ❖ бояд бо имконоти истифодабарӣ дар дараҷаи бузург ва масоҳати миллӣ қарор гирифта бошад;
- ❖ ҷиҳати экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳодисаҳоро дар бар гирифта тавонад;
- ❖ бояд ба воситаи нишондиҳандаҳои микдорию сифатӣ арзёби гардад;
- ❖ бояд ба низоми омори миллӣ такя, карда, тақозои хароҷоти зиёдатиро ба ҷамъи ахбор ва ҳисобҳо надошта бошад;
- ❖ бояд шаффофияти ҳодисаҳо бараъло мушоҳида шавад.

Таҳлили вазъ ва натиҷаҳои рушди босубот низоми иқтисодию иҷтимоӣ асосноксозии индикатор (нишондиҳандаҳо) ва усулҳои ченкунии онро талаб менамояд. Аз рӯи хусусияти ташкилӣ ҳамаи индикаторҳои рушди устувор ба умумӣ, натуралӣ (ҳаҷми ҷамъшуда ва

афзоишёбанда) ва нисбӣ ба ҳар як воҳиди натиҷаҳои ниҳоӣ (нишондиҳандаҳои энергоғунҷоиш, фондғунҷоиш, табиатғунҷоиш, ифлосшавии нисбӣ ва ғайра) ҷудо карда мешавад. Ба ақидаи илмии муаллиф аст, танҳо яке аз индикаторҳои алоҳидаи рушди устувор имкон намедиҳад, ки бо устувор будан ё набудани идоракунии босубот баҳогузори карда тавонем. Аз ин ҷост, ки истифодабарии индикаторҳои дар боло овардашуда дар ҳолати истифодабарии комплексии онҳо дар вақт ва муқоисаи фазою макон мумкин аст.

**Ҷадвали 2.9. - Индикаторҳои баҳодиҳии вазъи хоҷагии ҷаҳонӣ ва муҳити зист аз тарафи Бонки умумиҷаҳонӣ пешниҳодгардида.**

| Индикаторҳо | Дар ҷаҳон дар маҷмуъ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|---|
| Аҳолӣ,млн нафар | 7850,8 | 8,6 |
| Масоҳат, ҳаз. км кв. | 130,331 | 143,1 |
| **ММД** | **77,8 трлн длл. ИМА** | **5,7 млрд. долл. ИМА** |
| **Кишоварзӣ** | | |
| Заминҳои кишоварзӣ, % масоҳат | 38 | 28,6 |
| Заминҳои обӣ, млн. га | 8700 | 0,742 |
| Масоҳати ҷангал | 36611 ҳаз. км кв | 421,2 ҳаз. га |
| Масоҳати ҷангал бо % масоҳат умумии замин | 29,7 | 3,0 |
| **Энергия** | | |
| ММД ба ҳар як воҳиди энергияи истифодашаванда, доллар ИМА бо назардошти қобилияти харидорӣ, 2000/кг ҳамарзиш (эквивалент)-и нафтӣ | 4,6 | 1,2 |
| Истифодаи қувваи барқ ба ҳар сари аҳолӣ (ҳамарзиши нафтӣ), кг | 1699 | 4288 |
| Истифодаи қувваи барқ, ки аз ангишт истеҳсол карда мешавад, бо % аз ҳаҷми умумӣ | 2225 | 4291 |
| Саҳми қувваи барқ, ки аз ангишт истеҳсол карда мешавад, бо % аз ҳаҷми умумӣ | 39,1 | 16,4 |
| **Партовҳо ва ифлосиҳо** | | |
| Партовҳои дуоксид ба ҳар сари аҳолӣ, тоннаи метрӣ | 3,8 | 9,9 |
| Автомобилҳои сабукрав, ба 1000 одам | 105 | 132 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Умуман, Комиссияи СММ оид ба рушди устувори иқтисодӣ истифодаи 134 номгӯи индикаторҳоро пешниҳод менамояд. Аммо тавре маълум аст, муайян намудани чунин миқдори нишондиҳандаҳо ва

бахусус ташкили мушоҳидаи онҳо хеле вазифаи мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст. Аз ин хотир, пешниҳоди СММ ва Бонки умумиҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои самараноки муайяншуда, яъне шохис (индекс)-ҳоро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ҳолати истифодаи нодуруст, ё ғайрисамаранок ҷарима ва дигар ҷазоҳои иқтисодӣ ба ташкилотҳо ва шахсони инфиродӣ дода мешаванд.

Пардохти маблағ барои истифодаи сарватҳои табиӣ ва ифлосшавии муҳити табиӣ дар асоси қоидаҳои истифодабарии сарватҳои табиӣ муайян карда мешаванд, ки яке аз методҳои менеҷменти экологӣ мебошад.Яке аз системаи пардохт ин муайян кардани самаранокии иқтисодии чорабиниҳои муҳофизати муҳити табиӣ ва баҳои зарари иқтисодӣ ва тарзи ҳисоб кардани зарари он, ки бо сабаби қонуншиканӣ ба миён омадааст, мебошад. Мувофиқи ин ҳуҷҷатҳо ду усули муайян кардани пардохт вуҷуд дорад:

1. Пардохт аз рӯи зарари пурраи иқтисодӣ, ки дар натиҷаи ифлос кардани муҳити табиӣ ба вуҷуд омадааст;
2. Пардохте, ки хароҷотҳои чорабиниҳои муҳофизати табииро дар бар мегирад.

Бо сабаби он ки муайян кардани зарари экологӣ иқтисодӣ як қатор мушкилиҳо дорад, усули дуюм боиси қабул аст. Асоси усули муайян кардани меъёри пардохт қоидаҳои зайл мебошанд:

- пардохт бояд хислати ягонаи байнисоҳавӣ дошта бошад;
- пардохт аз миқдор ва намуди партовҳо вобаста бошад;
- пардохтро аз рӯи таркиби химиявии пардохтҳо бояд муайян созанд;
- пардохт хусусияти экологии минтақаро бояд ба инобат гирад;
- пардохт бояд вазифаҳои ҳавасмандкуниро дошта бошад.

Дар натиҷа ду меъёри ҳудуди иҷозати маводи экологӣ ва ҳудуди иҷозатии консентрат муайян шудааст.

Асосан, пардохт аз ташкилотҳое гирифта мешавад, ки ба табиат таъсири зерин мерасонанд:

4. Ба атмосфера баровардани партовҳои ифлоскунанда аз сарчашмаҳои доим ва ҳаракаткунанда.

5. Ба обҳо партофтани партовҳои моеъ.

6. Ҷойгиркунии партовҳо.

Асосан, сарчашмаҳои зерини молиягузорӣ оид ба чорабиниҳои муҳофизати муҳити атроф ва иҷрои барномаҳои экологӣ дида мешаванд:

- ❖ буҷаҳои ҳамаи дараҷаи ҳокимиятдорӣ;
- ❖ воситаҳои пулии корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо;
- ❖ фондҳои ғайрибуҷавии экологӣ;
- ❖ фонди экологии суғуртавӣ;
- ❖ қарзи бонкҳо;
- ❖ займҳо ва дигар коғазҳои қиматнок;
- ❖ воситаҳои пулии аҳолӣ.

Яке аз хусусиятҳои хоси батанзимдарории ҳуқуқии идоракунии муносибатҳои экологӣ дар шароити имрӯза бо якдигар алоқаманд намудани воситаҳои маъмурию ҳуқуқӣ ва ҳавасмандкунии иқтисодӣ мебошад.

Дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳими давлатӣ кумак расонидан ва ташкили корхонаҳои нави нишонагирии экологӣ дошта ва технологияи навтарини бепартов буда, инчунин, ба андозсупории имтиёзнок гузаронидани ташкилотҳое, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза баровварда, ба системаи бепартов мегузаранд.

Барои боз ҳам аз худ кардани захираҳои табиӣ бояд ба таҷрибаи дигар давлатҳо такя карда, ё ки бештар барномаҳои давлатиро такмил бояд дод ва инро ба назар гирифта оид ба татбиқи ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ стандарти байналмилалии таъмини шаффофияти даромад аз захираҳои табиӣ ба шумор меравад. Он имконият медиҳад истихроҷ ва иктишоф зери назорат гирифта, тамоми

даромад аз ин соҳа бо ёрии гурӯҳи бисёрҷонибаи шахсони манфиатдор стандартӣ кунонида шавад.

Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ асоснок, вале тағйирпазир буда, риояи стандарти байналмилалиро дар ҳамаи мамлакатҳое, ки ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷро амалӣ менамоянд, таъмин мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ҳамроҳшавӣ ба ташаббусро моҳи июни соли 2011 баъди конференсияи байналмиллалӣ бахшида ба ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ оғоз намуд. Моҳи августи соли 2011-ум 21 ташкилоти ҷомеаи шаҳрванди ҷонибдории худро ба ин ташкилот, яъне ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ изҳор намуда, иттифоқи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии «Шафофият барои рушд»-ро ташкил намудаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади такмил додани усулҳои идоракунӣ дар соҳаҳои истихроҷ, беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар мамлакат, пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия, таъмини иҷроиши рафти буҷет, ба буҷети давлатӣ пурра дохил намудани маблағҳое, ки аз истихроҷи маъданҳо ба даст омадаанд, аз 31 августи соли 2012 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистогн, №499 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташкилоти шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ» имзо гузоштанд.

Тибқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарватҳои зеризаминӣ ва дигар захираҳои табиӣ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиат халқ кафолат медиҳад. Аз ин бар меояд, ки вазифаи давлат муҳофизат намудани манфиатҳои умумимиллӣ ҳангоми аз худ кардани ҳама гунна захираҳои минералӣ мебошад.

Дар Стратегияи Миллии Рушд-2030 баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси таъмин намудани рушди устувори иқтисод мақсади олии рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шудааст. Дар он гуфта мешавад: «Умуман ҳуҷҷати мазкур нақшаи

директивии амалиёт барои тамоми мақомоти идоракунии давлатӣ ва нақшаи инфиродии амалиёт барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барномаҳои ёрии техникию молиявӣ ба мамлакат ба он асос меёбанд». Дар Стратегияи Миллии Рушд -2030 дар қатори самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ миллӣ дар солҳои оянда инчунин оид ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ вазифа ба миён гузошта шудааст. Масалан, барои саноатӣ истихроҷ афзоиши баландтарини ҳаҷми истеҳсол 5,7 маротиба аз рӯи сенарияи индустриалӣ ва 6,4 маротиба аз рӯи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ пешбини гардидааст. Мувофиқи Стратегияи Миллии Рушд -2030, иктишоф ва истихроҷи маъданҳои фоиданок (тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо ва ғайра) яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисод ба шумор меравад.[59]

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 таъкид гардидааст, ки «Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 600-кон ва 800 зуҳурот кашф ва омухта шудааст, ки дорои зиёда аз 60навъи ашёи хоми маъданӣ ва ғайримаъданӣ мебошад.

Ҳоло ҳамагӣ 27 фоизи захираҳои зикршуда истихроҷ ва коркард шуда истодааст, ки чунин ҳолат барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии мо қонеъкунанда нест. Бинобар ин, зарур аст, ки саридораи геология корҳоро дар самти омӯзиши геологӣ, гузаштан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоби захираҳои ашёи хоми минералӣ, инчунин назорати равандҳои хатарноки геологӣ ва мониторинги обҳои зеризаминӣ тақвият бахшад.

Мақсад аз он иборат аст, ки танзим ва идоракунии истихроҷи маъданҳо аз ҷониби мақомоти гуногуни давлатӣ мувофиқи ваколатҳои онҳо, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, амалӣ карда мешавад. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28

---

[59]Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд СМР 2030) мебошад, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст.

декабри соли 2006, №617 сиёсати давлатӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии корҳоро дар соҳаи геологии сарватҳои зеризаминӣ, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои минералӣ ва ашёи хом, инчунин иттилооти давлатии геологиро оид ба сарватҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Саридораи геология корҳои ҷустҷӯи геологии маъданҳои фойданок, аз ҷумла обҳои зеризаминӣ (обҳои ошомиданӣ, минералӣ, саноатӣ, гарм) ва захираҳои сӯзишворию энергетикиро амалӣ намуда, омӯзиши мунтазам ва маҷмӯи сарватҳои зеризаминиро бо мақсади барқарорсозии захираҳои минералию ашёи хом ба роҳ мемонад, афзоиши саривақтии захираҳои маъданҳои фоиданокро таъмин мекунад, назорати идоравиро бо истифодаи оқилона ва маҷмуиии сарватҳои зеризаминӣ ва муҳофизати онҳо, инчунин ба иҷрори талаботи қонунгазорӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба роҳ мемонад, низоми ягонаи хазинаи иттилооти геологиро ташкил мекунад.

Дар мамлакат дар чаҳорчӯбаи сиёсати қабулшдаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ стратегияю барномаҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, аз қабили: Стратегияи Миллии Рушд - 2030, Барномаи рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025, Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор, Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2026, Барномаи давлатии соҳаҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва дигар санадҳои қабулшуда мебошанд.

Барномаи беҳдошти ҷолибиятти сармоягузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2020, №385 тасдиқ гардидааст, умуман ба амалисозии чораҳои умумидавлатӣ барои беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар мамлакат, такмил додани низоми ниҳодӣ ва сохтори идоракунии соҳа, русумоти иҷозатномадиҳӣ, таҳияи механизмҳои экспертизаи лоиҳаҳо ва пешбурди лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташкили манбаи ягонаи ахбори

геологӣ дар ҳомилони электронӣ, механизмҳои дастрасии соддакардашуда ба ахбори геологӣ ва истифодаи он, гузариш ба низоми байналмиллалии таснифи захираҳои маъданҳои фойданок, таҳия ва тасдиқи стандартҳои ҳисобот барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси қонунҳои тасдиқшуда барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунҳо "Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ", "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва дар асоси "Низомнома оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.апрели соли 2007 №127, тасдиқ гардидааст, дода мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои идоракунии рушди босубот истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тартиби истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва муҳофизати онҳо, ичунин, стандартҳои (меъёрҳо, қойдаҳои) дахлдорро муқарар менамояд: фонди давлатии сарватҳои зеризаминӣ, аз ҷумла, якҷоя бо мақомотҳои дахлдор амалӣ карда мешаванд.[60]

**Хулоса дар бораи зербоби 2.3.**

Дар зербоби мазкур бештар баҳогузории захираҳои табиӣ вилояти Хатлон ва механизмҳои такмили идоракунии рушди босубот онҳо, устуворсозии саноати маъдан ва дигар марҳилаҳои инкишофи он нишон дода шудааст.Дар натиҷаи таҳияи пурраи омори ва ҳисобҳои хуби муаллиф маълум гардид, ки дар вилоят конҳои нафту газ, ангиштсанг, селестин, тилло, намаки ошӣ ва намаксанг, гаҷ, гил, регу шағал, оҳак, доломит, стронсий ва ғайраҳо кашф карда шудаанд ва 18 кон мавриди истифодабарӣ қарор дошта, 53 кон ҳамчун захиранигоҳ дошта мешаванд.Хулоса ва нишондиҳандаҳои муаллиф дар ин соҳа нишон медиҳанд, ки захираҳои иқтисодии нишондодашуда, метавонад барои вилоят ва минтақаҳои он дар солҳои наздик, яке аз заминаҳои

[60]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011 №7-8 мод.614 соли 2014 №11 мод 669.

асосии рушди босуботро дар вилоят таъмин кунанда барои коркарди онҳо механизмҳои инноватсионии идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ шартӣ зарурӣ мебошанд.

# БОБИ 3. СТРАТЕГИЯИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДИИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНДАР АСРИ XXI

## 3.1.Равишҳои самаранокии консепсияи стратегии идоракунии рушди босуботи экологию иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ дар асри XXI

Таҷрибаи таҳқиқоти илмии олимон шаҳодат медиҳанд, ки таъсири инсоният бо мақсади рушди истеҳсолӣ маҳсулоти саноатӣ тавассути бунёди корхонаҳо, инкишофи воситаҳои нақлиёт, модернизатсияи соҳаи аграрии сектори хоҷагиҳои деҳқони, босуръат афзудани тараққиёти илмию техникӣ ба таври назаррас ба гардиши карбон, нитроген, коркарди сарватҳои табиӣ,об,биосфераи замин, хушксолӣ, ифлосшавии муҳити зист,эрозияи хок, таъсири манфи расонида, боиси тағйирёбии иқлим мегардад.[61]

Идоракунии рушди муосири босуботи иқтисодӣ, боиси ҷустуҷу ва дар амал татбиқ намудани шаклҳои нави хоҷагидорию ташкили қувваҳои истеҳсолкунанда мегардад. Масъалаи таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон ва баланд бардоштани самараноки фаъолияти корхонаҳои фаъолияткунанда, танҳо аз ҳисоби татбиқи усулҳои стандартии муайяншуда метавонад ҳал шавад.[62]

Муаллиф давраҳои фарққунандаи назариявӣ, таҳқиқотии ташаккули рушди босуботи бехатарии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологиву сиёсиро дар ҷаҳон аз панҷ, давраи фарққунандаи идоракунии хос ҷудо менамояд.

**Давраи аввали** равиши консептуалии идоракунии стратегии рушди устувор аз декларатсияи оид ба муҳити атроф, ки дар Стокголм соли 1972 дар асоси маърӯзаи «Клуби рим» қабул шуда, баъдан, ҳамчун консепсияи экологӣ ном бароварда баҳои зиёдеро оид ба рушди ояндаи

[61]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент Боби 125. Идоракунии стратегии иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамчун талаботи бехатарии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ дар менеҷменти асри XXI 2019 сол С-397

[62]Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав №1/2 (86) 2021 С-165-167

бехатарии ҷомеаи башарӣ ба майдон овардааст ва то аввали солҳои 90-уми асри гузашта амал доштааст.

**Давраи дувуми**омӯзиши консептуалии идоракунии стратегии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ, ки аз солҳои 90-уми асри гузашта то аввали солҳои 2000-ум давомкардаст, онро мо ҳамчун давраи аз нав баромадани тамоми нишондиҳандаҳо ва параметрҳои системаву моҳиятиистифодаи сарватҳои табиӣ ва равишҳои рушдёбандагии худи ҷомеаи ҳозира шинохтаем.

Мақсади асосии рушди босуботи иқтисодӣ таъмини талаботи инсоният бо назардошти насли оянда ном гирифта, то ин давра ҳанӯзманфиати худро гум накардааст. Дар ҳуҷҷати тасдиққунанда мувофиқи қарори Конференсия дар Рио-де- Жанейро бо мавзӯи «Мавзуи рӯз дар асри XXI» ном гирифта, ин ҳуҷҷатро тамоми давлатҳо дастгирӣ намудаанд ва боз таклифҳои навин оид ба аз нав дида баромаданаш роҳу равиши навини рушди нерӯи инсонӣ ба инобатгирии масоили иқтисодию иҷтимоии рушди ҷомеа пешниҳод карда шуданд, ки ин махсусан хислати фарққунандаидавраи аввалаи консептуалӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан барои мамлакатҳои рушдёбанда масоили гуруснагиву қашшоқӣ ва бесаводӣ аз номгӯи умдатарини рушди босуботи иктисодӣ ба ҳисоб меравад.[63]

**Давраи сеюми** ташаккули идоракунии стратегии рушди босуботи иқтисодӣ давраи рушди тақсимоти байналмилалии меҳнат ва ташкили корпоратсияву ширкатҳои трансмилливу байналмилалӣ мебошанд, ки тақсимоти нав тақсимсозии ҷаҳонии меҳнат ва сарватҳои табииву иқтисодиро дар бар гирифта, аз аввали солҳои 2000 -ум оғоз гашта, то солҳои 2008-2009-ум давом ёфтааст.

Коршиносон ин давраро давраи корпоратсияҳои ҷаҳонӣ ва пайдоиши корхонаҳои хурду миёнаи ҷаҳонӣ номиданд, ки оқибат ба буҳрони «ҷаҳонии иқтисодӣ» оварда расониданд. Ин равишро ҳамчун

---

[63]Ғаниев Т.Б. Менеҷмент Боби 125. Идоракунии стратегии иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамчун талаботи бехатарии ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ дар менеҷменти асри XX I2019 сол С-398

равиши истифодаи максималии имконоти табииву сарватҳои инсонӣ дар давлатҳои рушдноёфтаи ҷаҳонӣ муаррифӣнамуда, иқтисодшиносон ба он назаранд, ки бе рушди устувори инсонӣ мо наметавонем рушди бехатарии босуботи иқтисодиро таъмин созем.

Ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии консепсияи рушди босубот аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи асоснокии илмӣ ва ҳалли маҷмӯи масъалаҳои барои иқтисодиёти давраи гузариш вобастагӣ дорад.

Таъмини механизмҳои танзими экологӣ ва иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист дар бахшҳои табиии иқтисод, ки ба ҳам пайвастани ҳадафҳои рушди иқтисодӣ бо вазифаҳои ҳифз ва такмили агроэкосистемаҳо, оптимизатсия ва таҳкими равандҳои аз ҳама муҳимтарин мебошанд. Истифодаи сармояи захираҳои табиӣ, беҳтар намудани вазъи муҳити зист, таъмини гузариш ба стратегияи идоракунии устувори табиатро доро мебошад.[64]

**Давраи чоруми** стратегии идоракунии ташаккули рушди босуботи иқтисодиро донишмандон ва иқтисод-экологҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ рушди комплексии бехатарии «иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ-сиёсӣ» номидаанд, ки бе ба инобатгирии ин чор равиши консептуалӣ дилхоҳ идоракунӣ натиҷаи мақсаднок дода наметавонад. Ин равиши рушди иқтисодиро «иқтисодӣ сабз» ва ё иқтисодӣ аз нигоҳи экологӣ тоза низ меноманд. Равишҳои асосии ин давраи ташаккули рушди босуботи иқтисодӣ аз ҳамон ҳуҷҷатҳои консептуалии Созмони Милалӣ Муттаҳид маншаъ гирифта, онро ҳамчун идоракунии иқтисодӣ ном мебаранд, ки адолати иҷтимоиро таъмин сохта, ба муҳити табиӣ таъсири манфӣ ва ё зарар нарасонад ва дараҷаи таваккалу хатарнокии фаъолиятҳои касбиву ҳунариро хеле паст мегардонад.

Вобаста аз ин равиш соли 2015-ум конференсияи сентябри дар Нию-Йорк ҷомеаи инсонӣ ҳадафҳои рушди устуворро ҳамчун ҳадафҳои

[64]Одинаев Ҳ.А. Эколого-экономический механизм регулирования природопользования в сельском хозяйстве Москва 2004 с С.17-19

рушди инсонии то солҳои 30-юми асри XXI шуморида, дар 17 равиш тамоми давлатҳои аъзои 7 Созмони Милалӣ Муттаҳид қабул карданд.

Дар соҳаи коркарди партовҳо механизмҳои асосии иқтисодӣ ҷаримаҳо барои партофтани партовҳои заҳролуд ва ғайризаҳролуди саноатӣ (аз ҷумла партовҳои дурушти маҳаллӣ), пардохт барои безараргардонии маводи азнавкоркардашаванда ва пардохти хизматрасониро барои ҷамъоварӣ ва баровардани партовҳо аз ҷониби хадамоти маҳаллӣ дар бар мегирад. Ин пардохтҳо ҳарчанд ночиз аст, манбаи асосии даромади фондҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамаи намуди партовҳо (эмиссияҳо, моеъ, дурушт), агар миқдори онҳо аз меъёри муқарраршуда зиёд бошанд, пардохти ситонидашаванда аз нархи ибтидоӣ панҷ маротиба зиёд мешавад. Илова бар ин, вақте ки ба ҳаво ифлоскунандаҳо зиёда аз миқдори муқаррарӣ партов мешаванд, ҷарима ду маротиба меафзояд. Дар айни замон ҷумҳурӣ якчанд конвенсияҳои байналмилалии бисёрҷониба, ҳамчунин протоколҳои иловагиро дар соҳаи муҳити зист ба тасвиб расонида, ба онҳо ҳамроҳ шудааст. Муҳимтарини онҳо дар поён оварда мешаванд:

❖ Конвенсияи намунавии Созмони Милалӣ Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (1998);

❖ Конвенсияи Созмони Милалӣ Муттаҳид оид ба мубориза бо биёбоншавӣ (1997);

❖ Конвенсияи Стокголм оид ба ифлоскунандаҳои устувори органикӣ (2002);

❖ Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон (1996);

❖ Конвенсияи Созмони Милалӣ Муттаҳид оид ба гуногунии биологӣ (1997);

❖ Конвенсияи Бонн оид ба ҳифзи намудҳои ҷойивазкунанда ва ҳайвоноти ваҳшӣ (2000);

❖ Конвенсияи оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиии умумиҷаҳонӣ;

❖ Конвенсияи Рамсар дар бораи киштзорҳои обию ботлоқӣ (2000);

❖ Протоколи Монреал оид ба моддаҳои вайронкунандаи қабати озон ва ислоҳоти Лондон нисбат ба он (1997);

❖ Конвенсияи Орхус дар бораи дастрасӣ ба иттилоот, иштироки аҳли ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолати судӣ оид ба масъалаҳои муҳити зист (2001);

❖ Протоколи Картахени оид ба бехатарии биологӣ илова ба Конвенсияи гуногунии биологӣ.[65]

**Ҷумҳури Тоҷикистон ба созишномаҳои бисёрҷонибаи зерин дар соҳаи муҳити зист ҳамроҳ нашудааст:**

❖ Конвенсия оид ба савдои байналмилалии намудҳои маҳвшавандаи флора ва фаунаи аслӣ;

❖ Конвенсияи Базел оид ба назорати аз сарҳадҳо гузаштани партовҳои хатарнок ва коркарди онҳо;

❖ Конвенсия оид ба гузаштани транссарҳадии ифлосиҳои дурдаст;

❖ Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи обҳои сарҳадгузар ва кӯлҳоибайналмилалӣ.

Тоҷикистон ба Конвенсияи намунавии Созмони Милалӣ Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар соли 1998 ҳамроҳ шуда, аммо Протоколи Киоторо тасдиқ накардааст. Тасдиқи Протокол воқеаи муҳими ҳаётист, зеро он ба мамлакат имконият медиҳад, ки тавассути «Механизми беҳбуди поккорӣ» инвеститсияҳои байналмилалӣ ба даст орад. Ҳамчунин тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ ба ин Конвенсия оид ба обҳои сарҳадгузар ниҳоят муҳим аст, зеро идораи захираҳои обӣ ба қатори афзалиятҳои экологии мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ медарояд.

Ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи обҳои сарҳадгузар бештар фаъол аст, зеро панҷ мамлакати Осиёи Марказӣ-Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистон аз оби дарёҳои Сир ва Аму истифода мебаранд. Ба ҳамин муносибат Нақшаи

[65]Бобоев С.О., Самиев М.Б., Самиҳов Ш.Р.Экологияи истихроҷ ва коркарди сарватҳои табиӣ.- – Душанбе : «Ирфон» - 2010, 147саҳ. С-127

минтақавии экологии фаъолият барои давраи кӯтоҳмуддат (2002-2007) ва дарозмуддат (2007-2012) аз рӯи панҷ самти асосии муҳити зист таҳия шуда буд; оид ба ифлосшавии ҳаво, ифлосшавии об, ифлосшавии замин, идораи партовҳо ва таназзули системаи экологии кӯҳӣ.

Тоҷикистон дар Конференсияи Киев иштирок намуд, ки он дар соҳаи муҳити зист барои мамлакатҳои Европаи Шарқӣ, Кавказ ва Осиёи Марказӣ стратегияро қабул намуд. Мамлакат бо ҳамсояҳои худ дар минтақа оид ба татбиқи ташаббусҳои Осиёи Марказӣ нисбат ба рушди устувор ҳамкорӣ менамояд. Ин ташаббуси шарикона аст, ки ба муттаҳидсозии равандҳо ва инкишофи ҳамкории байни бахшҳо, мамлакатҳо ва донорҳо нигаронида шудааст.

Нақшаи фаъолият оид ба беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар мамлакатҳои Ҳавзаи Арал дар солҳои 2003-2010 оғоз шудааст. Ниҳоят, Тоҷикистон дар Самити Умумиҷаҳонии соли 2002 оид ба Рушди Босубот  иштирок намуд. Дар рафти гузаронидани Саммит Тоҷикистон дар қатори дигар чор ҷумҳуриҳои Осиёи Маркази «Барномаи 21»-ро барои минтақаи Осиё Марказӣ пешниҳод намуд.[66]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки бойгарӣ, солимгардонии муҳити атроф вазифаи умумидавлатӣ ва ҷамъиятӣ  мебошад. Муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеа  ва табиат дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо чунин роҳҳо тақвият меёбад: сохтани истгоҳи нави барқӣ бунёд кардани корхонаҳои наву якҷояи саноатӣ, аз худ намудани заминҳои нави лалмӣ, корҳои обёрикунию гидротехникию агрохимиявӣ, истфодаи оқилонаи обу замин ба ҷо оварданисохтани маҳалҳои нави аҳолинишин, дубора коркарди партовҳо  ва  ғайраҳо.  Ҳамаи ин ба нигоҳдории  ҳифзи муҳити атроф  таъсири  манфӣ кам мерасонад, яъне фоидааш табиатро аз харобшави нигоҳ медорад. Барои нишон додани

[66]Аз Паёми Асосгузори сулҳу  вахдати миллӣ- Пешвоимиллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2022

он ки дар Тоҷикистон ба масъалаҳои муҳити зист ва эҳтиёткорона истифода бурдани захираҳои табиӣ то кадом андоза имконият аст, чанд рақамро мисол меорем. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон водиҳо ҳамагӣ ҳафт фоизро ташкил дода, 93-фоизи ҳудуд аз кӯҳҳо иборат аст. Айни замон тамоми замини водиҳо барои ҷойгир намудани корхонаҳои саноатӣ, зироатҳои хоҷагии қишлоқ, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва барои сохтмони манзил истифода карда мешаванд. Дар ҳамаи шаҳрҳо ва марказҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ захираҳои ҳудудҳои холи алакай барои истифодабарӣ дода шудаанд. Аввали солҳои 90-уми асри бист мардум то ба ором гаштани вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ба худсарона аз худ намудани заминҳои талу теппаҳои кӯҳистон буда даст заданд.[67]

Дар шароити тағйирёбии иқлим, ки масъалаи идоракунии ҳифзи захираҳои табиӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт, ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Зимнан, тамоюли афзоиши аҳолӣ ва ниёзманди ба захираҳои табии махсусан об ва маҳсулотҳои нафту газ зиёд шуда истодааст.[68]

Дар шароити тағйирёбиҳои босуръати ҷомеаи ҷаҳонӣ ва проблемаҳои экологии сайёра, яке аз масоили муҳимми рушди нерӯи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ ин масоили экологӣ мубаддал гаштааст.Хатари экологӣ дар рушди инсонӣ таъсири калони манфии худро гузошта, масъалаҳоеро ба миён меорад, ки ҳалу фасли онҳо аз доираи менеҷменти як давлату як миллат берун рафта, тамоми ҷомеъаи ҷаҳонии инсониро дар бар мегирад.

Бухронҳои ҷаҳонии молиявию ашёи хоми табиӣ, бухрони озуқавории ҷаҳонӣ, норасоии захираҳои энергетикӣ, тамомшавӣ ва камшавии сарватҳои табиӣ, афзоиши биёбоншавию хушкшавии

---

[67]Маводи конференсияи байналмиллалии илмию-амалӣ дар мавзӯи «Масоили санаотикунонии истеҳсолоти аграрӣ» Душанбе, 25-феврали соли 2022 С-24-28

[68]Маводи конференсияи илмӣ-амалии байлнамиллалӣ дар мавзӯи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб 27,декабри соли 2021

минтақаҳою баҳрҳо ва нобудшавии ҷангалзорҳо, ҳарчи зиёдшавии партовҳои заҳролуди саноатӣ, зиёдшавии истеҳсоли нӯриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар пайвастагиҳои кимиёвии зараровар, ба қашоқӣ гирифтор шудани қисме аз халқу давлатҳо, афзоиши бемайлони бемориҳои сирояткунанда, тез пиршавии аҳолӣ, қисме аз муаммоҳои экологии минтақа ва ҷаҳон мебошад.

Масоили глобалии стратегии такмили механизми идоракунии экологиву иқтисодии замонавии рушди нерӯи инсонӣ равандҳои масоили зиндаву солим мондани ҳар як фард ва ҳатто ҷомеаи башариву табиат мебошад. Ин ҳолатҳо ҳар замон барои инсоният мушкилоти наверо ба миён меоранд, ки инсоният барои зинда мондани хеш маҷбур аст, ки худро ба он мувофиқ гардонад. Ин пеш аз ҳама тақсимоти навини меҳнату сарвати табиӣ буда, характер ва шакли давлату давлатдорӣ, сарварони давлатҳову донишмандону мутахассисони соҳаҳо ва соҳибкорони байналмилалӣ таъсири калони худро дар ҳаллӣ мусбии масоил расонида метавонанд. Аммо, воқеъияти имрӯзаи ҳолати экологиву иқтисодие, ки мо дар боло овардаем, шоҳиди он мебошад, ки ҳалли масоили глобалии рушди иқтисодиву иҷтимоиро танҳо дар асоси ташкили муносибатҳои баланди манфиатҳои умумибашарӣ таъмин кардан имконпазир аст. Яъне, тарафдории манфиати як давлат ё як корхона, гурӯҳи алоҳида, корхонаҳои байналхалқӣ, пайдоиши зиддияти байналхалқиву байналмиллалӣ ва ё садди роҳи рушди прогресси илмиву техникӣ мегардад. Ҳалли масоили рушди инсонӣ талаб менамояд, ки имрӯз хусусият ва қонуниятҳои муносибатҳои инсон бо табиат куллан тағйир дода шавад. Барои ҳамкории байналхалқӣ ва байналмиллалӣ ва дастгириву кӯмакӣ беғаразонаи мардуми қашшоқи давлатҳои қафомонда, давлатҳои рушдёфтаи ҷаҳонӣ вазифадор карда шаванд.

Вобаста аз ҳолати ба миёномада баъзе давлатҳо аз дастовардҳои илмиву техникӣ, мавқеи хуби географиву табиӣ, шароити хуби сарватҳои табиии қиматнокро ҳамчун сарчашмаи бойгарии хеш

истифода карда истодаанд. Аммо баъзе аз қисми аҳолии курраи замин дар шароити ноқулайи экологӣ зиндагӣ намуда, торафт қашшоқ шуда, дар ҳолати вазнини рушди нерӯи инсонӣ қарор доранд. Муаммоҳои асосии такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табииро муаллиф дар равишҳои зайл пайдо намудааст:

1.Ҷараёни босуръати рушди илмиву техникӣ ва амалӣ гардонидани дастовардҳои технологӣ дар мамолики пешрафтаи дунё ҳолатро боз ҳам мураккабтару пурзӯртар гардонидааст. Давлатҳои пешқадамро хеле пеш бурда, давлатҳои қашшоқро боз қашшоқтар намудааст. Вобаста аз ин, қашшоқии экологӣ ба қашшоқии иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфта, халқу миллат ва давлати қашшоқ дигар наметавонад, ки ақаллан ҳамон сарватҳои табиӣ дар дохили мамолики худ қарордоштаро коркард ва ё истеҳсол намоянд.

Дар ин замина, корхонаҳои азими давлатҳои пешқадам бо роҳи сохтани филиалҳои корхонаҳои худ имкони аз худ кардани сарватҳои табииро пайдо карда, бо истифодаи ашёи табиӣ ва қувваи арзони кории давлатӣ, қафомонда боз ҳам сарватмандтар мегардаднд.Зиёдшавии партовҳои саноатӣ ва ифлосшавии муҳити атроф дар дунё боиси он мегардад, ки одамон дар шароити вазнини экологиву иҷтимоӣ зиндагӣ карда, алаккай аз хурдӣ имкони рушди ақлониро гум карда, сустсаводу бекасбу беҳунар мемонанд.

2.Табиат дар асли худ тоҷикӣ, чиниву русӣ ва ё олмониву амрикоӣ шуда наметавонад, аммо вобаста аз рушди нерӯи инсонӣ, фарҳангӣ ҳар халқу миллат, мавқеи ҷойгиршавии онҳо ва давлатҳои миллӣ мо метавонем, фарҳанги экологии менеҷерҳои корхонаҳо ва давлату миллатро баҳогузорӣ ва ҳамчун намунаи беҳтарини муаррифӣ намуда, вобаста аз он, барои рушди муносибатҳои табиат ва инсоният нишонагирӣ дошта бошем. Бояд қайд кард, ки муаммои рушди табиат, нафақат қувваи кории мутақобилаи дутарафа, балки системаи арзишҳо ва муносибатҳое мебошад, ки дар вақти ташкили истеҳсолоту истеъмолоти ҷамъиятӣ, коркард ва тиҷорати молҳову хизматрасониҳо

ба аҳолӣ ва худи истеҳсолоту табиат пайдо мегардад. Аз ин ҷост, ки худи бӯҳронҳои иқтисодиву экологӣ ҳамчун системаи иҷтимоиву табиие гаштаанд, ки акнун муаммоҳои асосии рушди нерӯи инсонироташкил мекунад. Ин ҳолатро муайян сохта, аксари давлатҳои пешқадами дунё ҳамасола маблағҳои зиёдеро барои беҳтар кардани муҳити зисту муҳофизати табиат сарф менамоянд.

Ҳаматарафа кӯшиш мекунанд, ки минбаъд дар рушди илмиву техникӣ ва истеҳсолоти технологияи навин масоили экологӣ ва кам кардани хароҷотҳои молиявиро дар ҷойи аввал монда, идораи давлатии муҳити атроф ва табиатро хеле пурзур созанд.

3.Муаммои дигари такмили механизми идоракунии ин аст, ки давлатҳо технологияи кӯҳнашуда ва ё истеҳсолоти партовҳои хориҷкунандаи худро дар мамолики аз ҷиҳати тавоноӣ заиф ҷойгир намуда, ҳолати экологии давлатҳои сусттараққикардаро дар зери хатар гузоштаанд. Ин албатта, ташвишовар мебошад, чунки дар давлатҳои сусттараққикарда, сиёсатмадорону роҳбарони корпаратсияҳоро барои нигоҳдории давлати камқуввати худ ба шарту шароитҳои хоҷаҳои хориҷӣ ризогӣ дод, барои истеҳсоли ин ё он намуди моли аз нигоҳи экологӣ тозанабуда иҷозат медиҳанд. Ҷомеаи шаҳрванди бошад, дар навбати худ, ба хотири камбизоатӣ ва суст будани қудрату тавономандии касбиву ҳунарӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ надоштан наметавонад, норозигӣ баён намуда, ба муқобили ин система муборизаи боадолатона барад. Дар натиҷа бӯҳрони экологӣ кулли давлатҳои рӯйи ба тараққикардаро фаро гирифта, ҳатто боиси дар оянда аз ҳад паст шудани давомнокии умри одамон ва қобилиятӣ фикрронииву эҷодӣ, қашшоқӣ ва сар задани бемориҳои сирояткунанда мегардад.

4.Муаммои дигари муҳими такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табии ин харобшавӣ ва нобудшавии захираҳои табиӣ мебошад. Вобаста аз ин ҳолат муҳити табиӣ, ки дар ташаккули салмоматии одамон мақоми мусбии баланд

дорад, аз байн рафта, инсоният дигар имкони гирифтани ғизоро надошта,хароб мегардад.

Аз тарафи дигар, рушди босуръати технологияи давлатҳои пешқадами дунё, шаклҳои гуногуни моликият ва болоравии арзиши сарватҳои табиӣ, аз қабили газу нефт,тилло ва дигар металҳои қимматноки ранга боиси ҳарчи зиёдтар истеҳсол кардани молҳо мегардад. Ин раванд дар як давлат бӯҳрони барзиёд истеҳсолшавии молҳоро ва дар давлати қашшоқ бошад,бо сабаби надоштани маблағ норасоии онро ба миён овардааст. Ин дар навбати худ, нобаробарии мувозинати экологӣ ва рушди нерӯи инсонӣ ва табиатро ба миён меорад, ки яке аз муаммоҳҳои асосии ҷомеаи инсонӣ дар оянда ба шумор меравад.

5.Муаммои дигари такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии сарватҳои табиӣ афзоиши аҳолӣ, умуман аҳолии шаҳр мебошад. Афзоиши бемайлони аҳолӣ, афзоиши талабот нисбат ба сарватҳои табиӣ мебошад. Гирд омадани миқдори зиёди аҳолӣ дар як шаҳр ва ё минтақа, боиси он мегардад, ки муҳити ғунҷоиши табиӣ ин таъсиррасониро набардошта, ба садамаҳо дучор мегардад. Партовҳои истеъмоли зиёд гашта, миқдори зиёди нақлиёти заминӣ боиси ифлосшавии ҳаво аз гази карбон, таъсиррасонии зиёд ба ҳолати равонии одамон гашта, онҳоро аз рушд боз медорад. Худи афзоиши шаҳрҳо таъсири одамонро ба табиат даҳчанд афзуда, партовҳои аҳолӣ ва ғализнокии муҳити атроф, обпартовҳои шаҳрӣ муаммои муҳими саломатии одамонро ба миён овардааст.Дар шаҳрҳои калони саноатӣ имрӯзҳо то 16-20 млн аҳолӣ зиндаги намуда, таъсиррасонии инсон ба 1-метри мураббаи замин садҳо маротиба боло рафта, хатари экологиро ба вучуд овардааст.

6.Муаммои дигари такмили механизми идоракунии сарватҳои табиӣ, вобаста аз мигратсияи меҳнатии аҳолӣ ва мавҷудияти тиҷорати бемайлони байнидавлатию паҳншавии бемориҳои гузарандаи истеҳсоливу истеъмолӣ мебошад. Микробҳо ва бемориҳои гузаранда

дар таркиби маводи ғизоии инсон ва ё тухмии растаниҳои кишоварзӣ аз як давлат ба давлати дигар гузашта, як беморӣ ва ё паразит баъди пайдошавиаш дар як давлат метавонад дар муддати хеле кӯтоҳ чандин минтақаро зери хатар гузорад. Ҳатто парандаҳо сарчашмаи бемориҳои гузарандаи байниминтақавию байнидавлатӣ гашта, ба ҷони ҳазорон одамону ҳайвоноту растаниҳо хавф оварда, шароити иқтисодиву иҷтимоиро зери хатар монда, паҳншавии сироятии бемории Covid-19 гувоҳии гуфтаҳои боло мебошанд.

Солҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди паҳн гаштани бемориҳои зукоми паранда ва ё зукоми хук ва бемориҳои сӯхтанӣ, рӯҳии гову дигар ҳайвонот ва Covid-19 гашта, қариб давлате набуд, ки аз ин зарар надида бошад. Бинобар ин, муаммои экологиро имрӯз танҳо дар асоси созишномаҳои байналмиллалӣ ва байнидавлатӣ, махсусан, давлатҳои ҳамсоя ҳаллу фасл намудан имконпазир гашта, ҳеҷ давлати абарқудрати ҷаҳон наметавонад, дар алоҳидагӣ ин масоилро бо пуррагӣ ҳал намоянд.

Аз номи равишҳои дар боло овардашудаи мо маълум мегардад, ки адолати экологиро дар сатҳи боло ва дар дохили ҳар як мамлакат ва ҳар як корхона роҳбар-пешвои комили ба сатҳи олӣ рушдёфта ва донишманди касбӣ метавонад хирадмандона ҳаллу фасл намуда, рушди устувори нерӯи инсониро дар мувозинатӣ мувофиқ ба табиату ҷамъият таъмин созад. Аз рӯи ҳисоботи мутахассисони ва нишондиҳандаҳои оморӣ имрӯзҳо дар ҷаҳон зиёда аз 100-ҳазор яроқи ядроӣ мавҷуд аст, ки ин нисбат ба қувваи зиёди атомии дар Херосима партофтаи Амрико 200 ҳазор маротиба қувваи зиёди вайронсозӣ дошта, таъсираш ба чандин ҳазорсолҳо дар табиат боқи мемонад. Дар ҷаҳон ба ҳар сари аҳолӣ ба ҳисоби миёна зиёда аз 4000 кг хокаи тарканда рост меояд, ки ин метавонад олами зиндаро дар замин нобуд созад. Аз рӯи ақида аксари мутахассисони бахши экология аз тамоми ашёи сарватҳои табиӣ дар ҷаҳон танҳо 1-1,5% ба маҳсулоти зарурии ҷомеаи башарӣ табдил ёфта, боқимонда 98,5-99% ба партов мубаддал мегардад. Агар ба болои ин мо

боз дар бораи рушди соҳаи ҳарбӣ ва санҷишу истифодаи яроқҳо гуфта гузарем, дар ҳақиқат, инсоният дар ҳолати хатарноки экологии нобудшавӣ қарор гирифта, хавфи экологии ҳаёт нисбат ба 100 соли гузаштаи таърихии инсонӣ дар 15-20 соли охир 1000 маротиба боло рафтааст. Ин ҳолат, албатта дар назди инсоният вазифаҳои бурзургӣ такмили механизми идоракунии рушди босуботи мувозинатии рушди инсонӣ ва табиатро мегузарад, ки набояд дар рӯи замин ҷангӣ минтақавӣ ва ё ҷанги ҷаҳонӣ сар занад, вагарна метавонад қисми зиёди аҳолии кураи замин нобуд мегардад, чунки Украина ва Федератсияи Руссия дар соли 2022 аз ин гувоҳӣ медиҳад.

Барои такмили механизми идоракунии давлатии рушди босуботи экологиву иқтисодӣ ҷомеаи инсониро зарур аст, ки вазифаи зеррини идоракунии иҷро намоянд.

- ❖ таҳқиқоту амиқи илмии хатари экологӣ ва асосноккунии илмии он барои коркарди барномаҳо ва чораҳои зарурии пешгирии ҳодисаҳои мудҳиши экологӣ дар оянда;
- ❖ коркарди стратегияи асосии идоракунии илмии баромадан аз хатари экологӣ ва таъмини самаранокии идоракунии рушди босубот истифодабарии сарватҳои табиӣ дар оянда барои тамоми инсоният, ҳар як минтақа, давлату халқу миллатҳои гуногуни дунё;
- ❖ муайян кардани стандартҳои муҳими такмили механизми идоракунии байналхалқии аз нигоҳи илмиву ақлони пурра асосоноккардашуда дар хусуси экспертизаи экологии ҷаҳонӣ эълон кардани мараторияи сарватҳои табиӣ дар минтақаҳои алоҳида, таъмини экспертизаи ҳатмии экологии тамоми лоиҳаҳои мақсадноки сохтмониву истеҳсолӣ ва ғайра;
- ❖ ташкили чорабиниҳои байнидавлатии муҳофизати муҳити зист, конференсия, симпозиумҳои байналхалқӣ ва қабули резолютсияву самаранокии сарватҳои табиӣ;
- ❖ ҳамкории байналхалқии тамоми халқу миллатҳои дунё дар ташкили комиссисяҳо ва ташкилоту муассисаҳои ҳифзи муҳити зисту

назорати мувозинати табиат, дар ҳамин замина фаъолгардонии кулли ҷомеаи башар дар ҳалли масоили экологиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву сиёсӣ;

❖ ташкили иттилооти пурра ва саривақтии ҳолати экологии тамоми дунё ва минтақаҳои алоҳида ба воситаи ахбори умум ва хатти электронии интернет. Ҳар чи зудтар ошкор намудани муаммоҳои такмили механизми идоракунӣ дар занҷири пайвастаи иқтисодиёт-иҷтимоёт-экология-сиёсат;

❖ дастгирии ҳаматарафаи рушди ақлонии мувозинати ҷомеа бо табиат ва бастани созишномаҳои боадолатонаи сулҳу амнияти байни давлатҳо дар доираи занҷири пайвастаи иқтисод-иҷтимоиёт-экология ва сиёсат.

Ҳамин тариқ, стратегияи рушди идоракунии устувории табиат тақозо мекунад, ки инсоният доимо мувозинати афзоиши талабот ба сарватҳои табиӣ ва муҳити табииро нигоҳ дошта, дар ин замина рушди дигар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии худро тарҳрези намояд.

Аз тарафи дигар, доимо кушиши барқарорсозии муҳити табиӣ карда, минтақаҳои махсуси барқарорсозӣ ва корҳои селексиониву генетикии зинда монанди олами растаниву ҳайвонот ва шароити хуби зиндагонии одамонро таъмин карда тавонад.Дар оянда барои барҳам додани ҳама гуна истеҳсолти зараовари муҳити табиат ва одамон, аз байн бардоштани истеҳсолӣ яроқҳои атомиву ядроӣ ва умуман маводи таркандаву заҳрхимикадҳову заҳролудкунандаи атроф муборизаи бемайлони ақлони бурда, шарти зарурии зиндаву солим мондани инсоният дар рӯи замин аст.

Дар ин замина функсияи асосии идоракунии рушди босуботиистифодаи захираҳои табииро дар оянда чунин муаррифӣ намудан мумкин аст:

❖асоситарин стратегияи рушди идоракунии механизми сиёсати экологӣ ва ӯҳдадориҳои экологии менеҷмент;

❖ барномасозӣ ва банақшагирии фаъолияти идоракуниирушди босуботи роҳбарӣ ва умуман фаъолияти менеҷмент;

❖ ташкили корӣ экологикунонии дохила ва берунаи менеҷмент ва дар ин замина роҳбарии ҳайти кормандон;

❖ роҳбарии таъсиррасонии муҳити экологӣ ва истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва неруи инсонӣ. Пешгирии ҳама гуна таъсиррасонии манфии ифлосшавии муҳити фаъолияти меҳнатӣ дар менеҷмент;

❖ эълон кардани мониторинги дохилаи экологии менеҷмент ва тоза нигоҳдории муҳити дохилаи корӣ, фаъолияти корхона ва муҳити атроф.

❖ таҳлили ҳаматарафаи натиҷагирии функсияи идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ ва чорабиниҳои экологӣ дар менеҷмент;

❖ аз нав дида баромадани тамоми системаи механизми идоракунии рушди босубот вобаста ба тағйирёбии ҳолати экологӣ ва садамаҳои экологӣ ва вазнин гаштани ҳолати экологӣ дар корхона.

Вазифаи идоракуниифунксионалии механизми идоракунии рушди босубот ба функсияи асосии роҳбарӣ бояд мувофиқат намуда, тозагии муҳити зистро доимо таъмин созад. Ҳамин тариқ, аз ҳолатҳои экологии ҷаҳонии ба миёномада, акнун функсияи менеҷмент васеъ гашта, ба вазифаи дохила ва беруна ҷудо карда мешавад. Дар хусуси функсияи дохилаи менеҷменти корхонаву ширкат аз тарафи роҳбари ташкилотҳои барои нигоҳ доштани мувозинати экологӣ ва истифодаи пурраи ашёи хоми дар корхона буда пурра бояд истеҳсол ва коркард карда шаванд ва равиши бепартови истеҳсолӣ пурра таъмин карда шаванд.

Рушди техникии яктарафаи иқтисодӣ дар аввали асри XXI, қариб андар тамоми дунё масоили баландшавии ҳолати бехатарии саломатии одамон ва ифлосшавии муҳити зисту нобудшавии қисме аз ҳайвонот ва растаниҳо, ифлосшавии замину обро ба миён овардааст. Ифлосшавии муҳити зист, махсусан обу ҳавою замин ба зиёдшавии бемории аҳолӣ

ва паст гардидани қобилияти неруи ақлонӣ ва ҳатто хатари генетикии инсон оварда расонидаст, ки мисоли равиши онро мо дар бемории ҷаҳонии covid-19 дар ҷаҳон гузаронид, аз рӯи ҳисоботи мутахассисон қариб 50%-и бемориҳои даққи нафасу саратону сил ва 20-фоиз тамоми бемориҳои дигар инсонӣ ба ифлосшавии муҳити зист вобаста аст.

Болоравии ин раванд, сабаби пайдоиши бемориҳои нав, аз ҷумла кам гаштани қобилияти ҷисмонӣ ва нерӯи касбии одамон ва танг гардидани роҳи нафас (зоб) болоравии фишору бемории қанд гаштааст, ки имрӯзҳо тамоми аҳолии сайёрарро ба тавшиш овардааст.

Махсусан, ин бемориҳо ва зиёдшавии оонҳо ба аҳолии камбизоат таъсири калон расонида, ҳолати иҷтимоиву иқтисодӣ имкон намедиҳад, ки онҳо шароити хуби зиндагӣ ва хӯроки солим дошта бошанд.

Аз тарафи дигар, афзоши босуръати аҳолӣ дар ин кишварҳо боиси бо ҳам афзудани талабот бо сарватҳои табиӣ ва неъматҳои моддӣ гашта, таъсиррасониро ба муҳити зист ва истеъмоли сарватҳои табиӣ афзун менамояд. Мувофиқи ҳисобҳои пешакии мутахассисон то солҳои 2050-ум барои насли оянда се маротиба талабот ба калорияи аввала барои ҳар як фард зарур мегардад то дар муқовимати ифлосшавии муҳити зист тоб оварда тавониста, кору фаъолият намоянд. Барои ин зарур аст, ки ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии зироатҳои кишоварзиро низ се маротиба баланд бардорем, то талаботро таъмин созем, аммо дар ҳолати ифлосшавии босуръати муҳити атроф ва маҳдудияти захираҳои замину обӣ, баландбардории маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ ва ё баландбардории ҳосилхезии зироатҳоро аз як гектар, дар зери хавф мегузаронанд.

Дар натиҷа, дар сурати чунин муносибати техникиву технологӣ ва истеҳсолӣ ба муҳити зист ва идоракунии нодурусти истифодабари сарватҳои табиӣ инсониятро шояд хатарӣ гуруснагӣ ва бемории сар то сарӣ интизор аст.

Ба андешаи профессор Ғаниев Т.Б., Агар мо дар системаи занҷирбанди “қашшоқӣ- ифлосшавии муҳити зист-мубориза барои зинда мондан ва ҳар чӣ зиёди истифодаи табиат камшавии сарватҳои табиӣ-нобудшавии олами растаниву ҳайвоноту инсоният-қашшоқи”, чарх занему дарк накунем, ки дар гирдоб оқибат фуру рафта, на худро ҳимоя карда метавонему, на табиатро.[69]

Аз рӯи таҳқиқотҳои муаллиф нокифоягии механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ аз сарчашмаҳои зерини ифлосшавии муҳити табиат ва сарватҳои табиӣ ба вуҷуд омаданашон мумкин аст:

**2.Ифлосшавии захираҳои обӣ**-яке аз масоили муҳими экологиву иҷтимоии дунё гашта, имрӯзҳо қариб 30%-и аҳолии рӯи замин аз обӣ тозаи нӯшокӣ танқисӣ кашида, зиёда аз 60%-и аҳолии ҷаҳон вобаста аз норасоии об дар ҳолати вазнини санитарӣ кору фаъолият дошта, қариб 90%-и обҳои истифоданашудаи корхонаҳо ва аҳолии мамолики рӯ ба тараққӣ ва сустинкишофёфта бе тозакунӣ ба дарёҳо ва обҳои баҳрҳою уқёнусҳо ҷорӣ мешаванд.

Дар натиҷа дар шакли табиӣ захираҳои обӣ имкони тозашавии худро гум карда, заҳролуду ифлос ва боиси сар задани бемориҳои инфексионӣ ва заҳролуд шудани одамон гардидааст. Аз рӯи маълумотҳои созмонҳои байналмиллалии тиббӣ ҳар сол фақат аз ҳисоби ифлосшавии об бевосита зиёда аз ду милиард одамон ба бемориҳо дучор гардида, бемориҳои бевоситаи ифлосшавии об бошанд, қариб ду маротиба аз ин зиёд мебошанд. Ин бемориҳову ифлосшавӣ ҳар сол дар ҷаҳон ба ҳисоби миёна боиси марги панҷ милион одамон, аз ҷумла се милион кӯдакон мегарданд. Масоили дигари ифлосшавии обҳо рушди химизатсияи соҳаи кишоварзӣ буда, ҳар сол милиардҳо тонна заҳрхмимикадҳову пайвастагиҳои кимиёвӣ ба замин такшин гашта,

[69]Ғаниев Т.Б. Ташаккули моделу системаҳо ва роҳҳои навини созандагии стратегии ҷаҳонишавии иқтисоди ва экологии тамаддунсозии асри 21 Конференсияи ҷумҳурияви иилмӣ-амалӣҳайати профессорону омузгорони Донишгохи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллохи Рудаки дармавзуи “Энергияи сабз ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон” Бахшида ба эълон гардидани соли 2025 ҳамчун соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо. 31.03.2023 С-148-154

заминҳо ва обҳои зеризаминиро заҳролуд намудааст, ки боиси ба таркиби маҳсулотҳо гаштани заҳрҳо ва унсурҳои кимиёвӣ гаштааст.

Дар натиҷаи истеъмоли он, қисме аз одамон ба бемориҳои сирояткунандаву роҳи нафасу ҷигар гирифтор шуда, сусту заифу лоғар мешаванд;

**2.Ифлосшавии ҳаво**-афзоиши партовҳои зиёди саноативу нақлиётӣ, истифодаи сӯзишвориҳои зиёди партовҳо ба атмосфера боис он гардидааст, ки дар манзили одамон ва хориҷ дар ҷаҳон ҳар сол зиёда аз се милион нафар ба бемориҳои роҳи нафас гирифтор гашта, нобуд мешаванд.

Вобаста ба ифлосшавии ҳаво аксари зироатҳои кишоварзӣ ва дарахтони мевадиҳанда ба бемориҳо гирифтор гашта, ҳосилноки ва умри худро ду се маротиба кам гардонида, зарари калони экологиву иқтисодиро ба вуҷуд меоваранд.

Махсусан, дар минтақаҳои дорои партовоҳои саноатӣ ва истифодаи беандозаи нуриҳои минераливу заҳрхимикатҳо ҳолат ташвишовар мешавад. Мавҷуд набудани корҳои безараргардонӣ ва гӯр кардани партовоҳои саноатӣ боиси бухоршавии унсурҳои заҳролуди онҳо ба ҳаво, боз ҳам вазнин гаштаниҳолати мавҷудаи ифлосшавии ҳаво гаштааст. Дар маҷмуъ ин боиси гармшавии атмосфера, обшавии пиряхҳои уқёнусҳо ва ҳатто дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боис обшавии пиряхҳои кӯҳҳои баланд гашта, умри одамону растаниҳову ҳайвонотро зери хатар гузоштааст.

**3.Биёбоншавӣ ва нобудшавии ҷангалзорҳо**-ин омили экологиву иқтисодӣ сабаби он гаштааст, ки дар даҳсолаи охир дар баробари камшавии обҳои рӯи заминӣ ва гармшавии ҳаво, сӯхтори ҷангалзорҳои калони дунё, обхезиву дигаршавии маҷрои дарёҳо ба вуҷуд омадаанд.

Дар Осиёи Марказӣ хатари обшавии пиряхҳои кӯҳӣ, хукшашавии баҳри Арал, дар Аврупо хатари зери обмонии қисме аз давлатҳо, ба миён омадааст. Дар Русияву қисме аз давлатҳои аврупоиву

ИМА, Чину Канадаву Австралия сухтори шадиди ҷангалзорҳо ба вуқуъ пайвастааст.

Аз рӯи ҳисоботи мутахассисон дар ҷаҳон зиёда аз 1,5 милиард гектар замин ба вайроншавӣ гирифтор шуда иқтидори истеҳсолии худро гум кардааст.[70] Барои барқарор кардани он милиардҳо маблағҳою сармоягузории асосӣ ва солҳои тӯлони лозим аст. Ин раванд дар навбати худ, боиси ҳар чи бештар қашшоқшавии мардум гардида, хатари калони экологиву ғизоии қисми зиёди аҳолии давлатҳои сусттараққикардаро ба миён меорад.

Аз нигоҳи иқтисодиву экологӣ ва иҷтимоию биёбоншавӣ ва хушкшавии заминҳо инсониятро ба як қатор муаммоҳо оварда мерасонад.

- камшавии заминҳои кории кишоварзӣ ва дар ҳамин замина, кам шудани маҳсулоти озуқаворӣ ва пайдошавии хатари норасогии озуқаворӣ дар ҷаҳон;
- паст гардидани ҳосилхезии замин ва кам гаштани боздеҳии фондҳои истеҳсолӣ дар аксари соҳаҳои менеҷмент ва вобаста аз ин боло рафтани нархи молҳои истеҳсоливу истеъмолӣ;
- кам гаштани миқдори заминҳои кишоварзию ҷангалзорҳо ба ҳар як сари аҳолии давлатҳои алоҳида ва куллан кураи замин, вобаста ба хушкшавӣ ва норасоиву ифлосшавии захираҳои обӣ;
- кам шудани амводи ғизоӣ ва чарогоҳҳо барои парвариши ҳайвоноти хонагиву ваҳшӣ;
- ба гурезаи экологӣ мубаддал гаштани қисми зиёди аҳолӣ ва бехонаву бе молу мулку қашшоқу бенаво мондани онҳо.

Ҳамин тариқ, аз рӯи ҳисоби ҷамъбастии тарафҳои алоҳида биёбоншавӣ дар оядаи наздик қариб ҳаёти як милиард аҳолии рӯи замин дар зери хавфи экологӣ қарор гирифта, зарарӣ иқтисодӣ, соле милиардҳо сомониро ташкил медиҳад.

[70] Бобылев, С. Н.,Индикаторы цифровой экономики в Целях устойчивого развития для России // Вестник Московского университета.-Серия 6: Экономика.-2019.-№ 4.

**4.Тағйирёбии глобалии иқлими сайёра-** пайдоиши ин ҳодисаҳо алакай олимони аввали солҳои 80-уми асри гузашта мушоҳида намуда будаанд. Аз ҷумла олимони амрикоӣ Дуглас Браун ва Листер Браун ҳанӯз соли 1989-ум дар таҳқиқоти илмии худ таъкид карда будаанд, ки агар ҳолати рушди техникиву тарзи истеҳсолот давом ёбад, аввали солҳои 2000-ум қисми зиёди давлатҳои аврупоӣ зери об мемонанд.[71]Дар ҳақиқат, ин таъкиди онҳо бе асос набудааст. Мо имрӯзҳо шоҳиди обхезиҳои калони давлатҳои аврупоӣ гашта истодаем.Обхезиҳову боришоти сел ҳар соле милиардҳо доллар ба иқтисодиёти ин кишварҳо зарар оварда, ҷони чандин ҳазор одамонро аз байн бурда ва ё дар зери хавфи экологӣ қарор мегирад. Гармшавии иқлими сайёра,боиси хушк гардидани қисми зиёди минтақаҳои ҷануби гашта, суръати биёбоншавиро чандин маротиба боло бурда, барои олами ҳайвоноту растании биёбонҳо ва минтақаҳои камоб хатарӣ зиёд оварда истодааст.

**6.Боронҳои кислотавӣ ва камшавии қабати озонии сайёра-** дар баробари рушди соҳаи кимиёвӣ ва хориҷӣ патовҳои ядрокимиёвӣ ба атмосфера ва бухоршавии ҳар гуна унсурҳои кимиёвӣ, аз ҷумла гази серий ба атмосфера боиси пайдоиши боронҳои заҳрноки кислотавӣ ва ҳавзҳои калони кислотавӣ гаштааст.

Инсоният дигар имкони зери хок ва ё безарар кардани партовҳоро надорад. Рехтани онҳо ба замин ва укёнусҳо қариб рушди моҳидориро зери хатар гузошта, дарахтҳои мевадору ҷангалорҳоро нобуд сохта, обҳои зеризаминиро заҳролуд гардонидааст.

Ҳамин тариқ, ҳолати экологӣ метавонад ба рушди нерӯи инсонӣ ва саломатии одамон таъсири манфии зеринро мерасонад:

- Кам шудани ҳосилнокии меҳнат ва боздеҳи сармояи инсонӣ вобаста аз давомнокии умри инсон ва қобилияти нерӯи инснӣ;
- Паст гардидани сатҳи дарки муҳити зист ва бад будани ҳолати саломатии одамон;

[71]Устойчивое развитие: Новые вызовы: Учебник для вузов / под общ.ред. Бобылев С.Н. В.И. Данилова-Данильяна, Н.А. Пискуловой. – Москва :Аспект Пресс, 2015.

- ❖ Тағйир ёфтани ҳолати экологии муҳити зист ва дигаргуншавии талаботи энергияи инсонӣ ва кам шудани қуввату қобилиятнокиии одамон;
- ❖ Паст гардидани дараҷаи даромаднокии одамон вобаста аз қиматшавии захираҳои истеҳсолӣ ва болоравии нархи молу хизматрасониҳо;
- ❖ Паст гашани сатҳи шуғлнокии одамон ва дараҷи амалӣ гардидани қобилияту ақлонии инсонӣ, вобаста аз кам шудани саводнокии касбӣ ва нотавонӣ камбизоативу надоштани дониши уствувори касбӣ.

Аз панҷ равиши илмиву таҳқиқотии муаллиф бар меояд, ки дар оянда эмин мондани инсоният аз ин хатарӣ азими экологиву иқтисодӣ моро зарур аст, кидар хусуси тағйир додани роҳу равиши фаъолияти менеҷменти корхона ва тарзи роҳбариву усули истеҳсоли мол ва умуман оид ба моли истеҳсолшуда андешаи чуқури ақлонӣ дошта бошем, ки дар оянда рушди нерӯи инсониро дар зери хатар нагузорем. Аз нигоҳи мо, инсоният фақат бо роҳи риояи олии қонуниятҳои табиӣ, экологӣ ва эҳтирому гиромидошти рушду такомули фарҳангӣ-миллӣ, илмиву дониши касбӣ дину оин ва анъанаҳои таърихии муносибат ба табиату сарватҳои табиӣ, ки гузаштагони инсониятҳо тасвиру тавчиф карда омаданд, метавонанд, инсониятро аз ин хатар эмин нигоҳ доранд. Дар олами рушди техникиву технологӣ, инсоният имрӯз ба як қатор муваффақиятҳои калони илмию техникӣ ноил гаштааст. Аз қабили имкони иваз кардани баъзе сарватҳои табии дар истеҳсолот ба моли кимиёвӣ ва ё сарфакориро дар фаъолияти истеҳсоливу меҳнати таъмин сохта истодаанд. Аммо ҳеҷ як маҳсулоти кимиёвӣ наметавонад, ҷои маҳсулоти табииро пурра иваз намояд. Андозаи ивазшавии кимиёвӣ низ бемаҳдуд буда, ба маҳсулоти табиӣ ҳеҷ гоҳ баробар намешавад.

**Хулосаи зербоби 3.1.**

Бо истифодаи аз номукаммалии механзми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табиӣ роҳбарони зинаҳои гуногуни

идоравӣ дар фаъолияти идоравии худ ҳар лаҳза ба табиат таъсири муайяне расонида, сарватҳои табииро мувофиқи ақлу фаҳмиш ва имконоти хеш истифода мебаранд.Бинобар ин, таъсири манфии як роҳбари нодон метавонад, боиси ба ҳалокат дучор гардидани ҳазорҳо одамон ва нобуд гаштан ва бо шӯразор табдил ёфтани ҳазорҳо гектар заминҳои кишт ва хароб гаштани ҷангалзору ҳайвоноту нодири табиат гардид.

Аз ин хотир, дониши роҳбарии рушди устувор ҳамчун ҷузъи асосии тарбия ва хирадмандии ҳар як роҳбар ба ҳисоб рафта, бояд аз аввали ба фаъолият шурӯъ намудани роҳбар то охири умр қисми таркибии донишмандӣ ва хирадмандии ӯро ташкил диҳад.

Аз тарафи дигар, аксари сарватҳои табиӣ маҳдудияти ҳудудҳои марзии давлативу минтақавӣ надошта, барои тамоми ҷомеаи башарӣ умумӣ мебошанд. Бинобар ин, аз тарафи гурӯҳе ва дар минтақаи алоҳидаи муҳити табиат, заҳролудшавии обу ҳаво ва маводи ғизоӣ, боиси нохушӣ дар қисмати зиёди нуқтаҳои аҳолинишин мегардад. Аз ин ҷост, ки такмили механизми идоракунии давлатии рушди босуботи захираҳои табиӣ аз масоили муҳим ва глобалии менеҷменти муосир ба ҳисоб рафта, доимо бояд дар ташаккул бошад. Ҳар қадар роҳбар аз хусусиятҳои табиат, захираҳо, аз ҷумла оид ба табиати одам донишу хиради баланд дошта бошад, ҳамон қадар кору фаъолияташ пурсамар буда, барои инкишофи босуботи менеҷменти шароити хуб фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, равишҳои асосии такмили механизми идоракунии давлатии рушди босуботи истифодабари захираҳои табиӣ дар системаи экологию иқтисодиро меноманд, ки табиат, иқтисодиёт ва фикррониии роҳбарон дар тарҳи ягонаю олии инкишофе қарор дода мешавад, ки барои таъмини инкишофи босуботи инсони имрӯза ва оянда нигаронида шудааст.

## 3.2.Роҳҳои устуворсозии такмили механизмҳои идоракунии стратегии рушди босуботи захираҳои табиӣ дар шароити системаҳои навини иқтисодии асри XXI

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои табиӣ, олами растанӣ, заминҳои бойи корам,бо иқтидори бузурги инфрасохтор ва бахшҳои агросаноатӣ, ки маҳсулотҳои он дар саросари кишвар ва берун аз он истеъмол карда мешавад шинохта шудааст. Барои аҳолии мамлакат тамоми шароити бехатарии ҳаёт ва некуаҳволӣ фароҳам оварда шудааст.[72]

Барномаи такмили механизми идоракунии рушди босубот дар асосӣ талаботи қарори Ҳуқумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2021 таҳти №181 “Дар бораи Тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисоди имаҳалҳо” таҳия карда шуда, ба ҳадафу афзалиятҳои ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар (Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбароидавраитосоли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Ҳадафҳои рушдиустувор) мутобиққарда шудааст.[73]

Дар таҳияи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон бошад барои солҳои 2021-2025 Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷиқистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи

[72]Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон №7 (3184) 21.12.2019
[73]Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти хатлон барои солҳои 2021-2025

миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Ҳадафҳои рушди устувор ба инобат гирифта шудааст.

Барнома самтҳои афзалиятнок ва сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятро барои давраи дарозмуҳлат муайян менамояд ва барои ноил шудан ба рушди босуботи иқтисодӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои замонавии иҷтимоӣ, инфрасохтори муосир, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, беҳтар гардонидани муҳити зист, баланд бардоштани зиндагонии аҳолӣ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва инчунин, зиёд шудани табақаи миёнаи аҳолии вилоят замина мегузорад.

Бояд ёдовар шуд, ки барои рушди саноатикунонии вилоят конҳои нафту газ, ангиштсанг, селестин, тилло, намаки ошӣ ва намаксанг, гаҷ, гил, регу шағал, оҳак, доломит, стронсий ва ғайраҳо кашф карда шудаанд ва 18-кон мавриди истифодабарӣ қарор дошта, 53 кон ҳамчун захира нигоҳ дошта мешаванд.

Дар яке аз бузургтарин конҳои газу нафти ҷумҳурӣ-кони Бештентак дар ноҳияи Балҷувон, ки захираи нафти он қариб 2,7 миллион тонна, газ -2,5 миллиард метри мукааб пешбинӣ гардидааст.

Масъалаҳои вобаста ба татбиқи Барномаи рушди стратегии иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 бо назардошти хусусиятҳои хоси иқтисодии вилоят ва вобаста ба захираву имкониятҳо ҷиҳати таъмин намудани рушди соҳаи афзалиятнок, дастгирии соҳибкорӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохилию хориҷӣ, зиёд кардани маҳсулоти кишоварзию саноатӣ ва афзоиш додани ҳаҷми содиротии он,зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст. Вилояти Хатлон яке аз вилоятҳои калонтарини Тоҷикистон буда, дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохили мамлакат нақши калидӣ мебозад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди дастовардҳои солҳои охир, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он имконият ва иқтидорҳои то ба имруз ба таври пурра истифода накардаанд. Дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон амалӣ

намудани 279 лоиҳа пешбини шудааст, вале то имрӯз дар 172 лоиҳа бо сабабҳои пайдо шудани бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ амалӣ нашудааст.[74] Тибқи лоиҳаҳо дар доираи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Ҳамадонӣ, Леваканд, Балҷувон, Кушониён, Вахш, Восеъ, Қубодиён, Темурмалик, Ҷайҳун, Хуросон, Носири Хусрав,Шаҳритус ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар сатҳи паст қарор дошта иҷрои онҳо дар ин шаҳру ноҳияҳо 30-фоизро ташкил медиҳад, ки ин боиси нигаронӣ мебошад.[75]

Рушди ҳамаҷонибаи бахшҳои асосии соҳаи саноат метавонад дар пешрафти иқтисодиёти минтақаҳои вилояти Хатлон ва кишвар нақши муассир дошта, барои гузаштан аз сиёсати аграрию саноатӣ ба индустриалию аграрӣ заминаи устувор гузорад. Дар соли 2018 ҳиссаи соҳаи саноати вилоят дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар 35 фоизро ташкил дода, пайваста зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии он яке аз афзалиятҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Ҳоло дар ҳудуди вилоят яке аз корхонаи калонтарини саноатии кишвар корхонаи “Тоҷик Азот” мавҷуд мебошад, ки бинобар сабаби норасогии гази табиӣ муваққатан фаъолият намекунад, бинобар ин, дар доираи барнома бо истифода аз ангишт ва технологияи замонавӣ тариқи ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ба кор даровардани он яке аз афзалиятҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 3702,0 млн. сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2019 629,9 млн. сомонӣ ё 20,5 фоиз зиёд мебошад. Соли 2020 дар таркиби сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ саҳми бахши давлатӣ 44, 5 фоиз, корхонаҳои муштарак 1,7 фоиз ва бахши ғайридавлатӣ 53,8 фоизро ташкил дод.[76]

Дар ҳудуди вилоят иқтидорҳои бузург барои рушди истеҳсолот, аз қабили энергетика, саноати сабук, хӯрокворӣ, истихроҷи маъдан,

---

[74] Барнома рушди иқтисодию-иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025

[75] Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон №7 (3184) 21.12.2019

[76] Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон №7 (3184) 21.12.2019

кимиё, электротехника ва масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд аст, ки самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Шумораи умумии конҳои мавҷуда 53 ададро ташкил дода, 18-тои он (34%) мавриди истифода қарор гирифта, 35-тои боқимонда ҳамчун захира бе истифода боқӣ мондааст.

Дар солҳои 2021-2022 дар таркиби сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ҳиссаи бахшҳои асосӣ, аз ҷумла электроэнергетика 41,3 фоиз, сӯзишворӣ 0,5 фоиз, кимиё ва коркарди нафт 0,3 фоиз, мошинсозӣ ва коркарди филизот 1,8 фоиз, электротехника 1,8 фоиз, саноати масолеҳи сохтмон 18,3 фоиз, саноати сабук 22,0 фоиз, хӯрокворӣ 10,1 фоиз, металҳои ранга 4,4 фоиз ва дигар бахшҳои саноат 1,3 фоизро ташкил дод.

**Диаграммаи 3.1. ҳаҷми истеҳсолӣ маҳсулоти саноат дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2022**




**Сарчашма: Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2022**

Мавҷуд будани иқтидорҳои зиёди истеҳсолӣ, захираҳои озоди меҳнатӣ,ашёи хоми маҳаллӣ, канданиҳои фоиданок, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайра имконият медиҳад, ки дар натиҷаи истифодаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо вилоят дар ояндаи наздик ҳамчун як минтақаи саноатию аграрӣ муаррифӣ гардад.

Илова ба ин, дар ин раванд ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, рақобатпазир, ҷорӣ намудани

истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотиваэкунанда, ворид намудани техника ва технологияи замонавӣ диққати махсус дода мешавад.

Дар вилоят ва минтақаҳои он рушди металургияи ранга яке аз бахшҳои асосии саноати вилоят маҳсуб ёфта, ҳиссаи он дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят 4,5 фоизро ташкил медиҳад.

Маҳсулоти асосии истеҳсоли соҳа, тилло, нуқра, консентрати сурмаву симоб, консентрати сурбу руҳ ва консентрати сурбу нуқра ба ҳисоб меравад.

Айни замон, дар ҳудуди вилоят 27 кони тиллои пошхӯрда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин танҳо ду кон Ёхсу, Шугнов-и ноҳияи Ховалинг ва кони Сариғор-и ноҳияи Шурообод мавриди истифода қарор доранд. Конҳои тилло дар мавзеъҳои Дашкаро, Оби мазор”-и ноҳияи Ховалинг, Ёл, Сариосиёб ва Сулаймон-Дара-и ноҳияи Шӯрообод, Оби Сурх, Худхам, Анҷироб, Қадиобзална-и ноҳияи Муъминобод, Бугарак, Чубек, Амрудхам, Бушолак,Навобод” ва ғайраҳои ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷойгир мебошанд,ки барои ташкил намудани корхонаҳои заршӯи ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоид мебошад.[77]

Феълан, дар кони тиллои “Шугнов”-и ноҳияи Ховалинг ки мавриди истифода қарор дорад, зиёда аз 800 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин мебошанд.

Дар ҳудуди вилоят истихроҷи маъдан яке аз бахшҳои ояндадори соҳаи саноат дар вилоят ба ҳисоб рафта,ҳаҷми истеҳсоли он дар соли 2022184,5 млн. сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар таркиби сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 5 фоиз баробар мебошад.

Бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, бахусус коркарди сангҳои гачу сементӣ дар ҳудуди вилоят захираю

---

[77]Низомнома «Оид ба Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №617 (дар таҳрири қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2007, №656, аз 01.08.2008, №389) тасдиқ шудааст.

имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Аз рӯи таҳлилҳои мутахассисони соҳа захираи ин намуди маҳсулот танҳо дар мавзеъҳои «Туюн-Тоғ», «Водоразделное»-и ноҳияи Шаҳритуз, «Қизимчик»-и ноҳияи Қубодиён ва «Арук-Тау»-и ноҳияи Ҷиликӯл дар ҳаҷми 219,7 млн. метри мукааб арзёбӣ мегардад. Дар ҳоле ки ин гуна маҳсулоти кӯҳӣ дар ноҳияҳои Хуросон, Бохтар ва Восеъ низ арзи вуҷуд доранд.

Аз рӯи таҳлилҳои мутахассисон захираи гилхоки кони «Туюн-Тоғ»-и ноҳияи Шаҳритуз як миллион тонна, сангҳои керамзитӣ, аз ҷумла дар ноҳияҳои Данғара ва Хуросон то 4 ҳазор метри мукааб мавҷуд мебошад, ки зимни ба роҳ монадани истеҳсолот дар конҳо зиёда аз 310 нафар шаҳрвандони маҳаллиро бо ҷойи кори доимӣ таъмин кард.

Илова ба ин, бо истифода аз захираҳои зиёди конҳои сангу шағали мавзеҳои Сангтуда, Бешкаппа, Лоҳутӣ, Сияҳфарк, Даҳана, Хонаобод, Кофарниҳон, Искра, Ҷануб, Қизилтумшуқ, Хоҷамастон ва Сарҳад имкон дорад, ки дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Сарбанд, Данғара, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ховалинг, Ҷалолиддини Румӣ, Қубодиён ва Шаҳритуз корхонаҳои асфалтбарорӣ ва бетонӣ ташкил гардида, зиёда аз 600 нафар шаҳрвандони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин гарданд.

Дар ҳудуди вилоят 11 майдони нафту газ ба қайд гирифта шудааст, ки захираи ҳар кадоми онҳо дар ҳаҷми зиёда аз 10 млн. тонна нафт, ду млрд. метри мукааб газва дар ду мавзеиноҳияи Шамсиддин Шоҳин  захираи ангишт дар ҳаҷми 400 ҳазор тонна пешбинӣ шудааст.

Ин дар ҳоле, ки айни замон 22-27 мавзеи дорандаи нафту газдори вилоят ноомӯхта мондаанд. Дар ҳоли пурра омӯхта баромадани қитъаҳои нафтугаздори вилоят эҳтимолияти зиёд шудани захираи ин намуди канданиҳои фоиданок бо иқтидори 150-320 млн. тонна ҷой дорад. Захираҳои эҳтимолии ибтидоии истихроҷшавандаи ашёи хоми карбогидриди вилоят ҳамагӣ 265 млн.тоннаи сӯзишвории шартӣ, аз ҷумла нафт-205 млн. тонна, газ -5,0 млрд. $м^3$, конденсат -60 млн. тоннаро ташкил медиҳанд.Ба 1.01.2020 ҳаҷми умумии нафти истихроҷшуда 0,11 млн. тонна, газ 1,7 млн. $м^3$, конденсат-0,9 млн. тонна

ташкил дод. Дар ҳудуди вилоят дар мавзеи Саргазон яке аз калонтарин захираи гази табиӣ дар ҳаҷми 80 млрд. метри мукааб мавҷуд мебошад, ки ба роҳ мондани истихроҷи он яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи рушди соҳа ба ҳисоб меравад. Илова ба ин, дар ноҳияи Балҷувон, ки яке аз конҳои калони нафту гази тоза ба истифода қарор ёфта маҳсуб меёбад, захираи он 5 млн. тонна ва газ 2,6 млрд метри мукааб буда, корҳои тадқиқотӣ дар ин самт идома дорад. Дар кони гази ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ва нафту битуми ноҳияи Қумсангир корҳои татқиқотӣ бурда мешавад.Инчунин, дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин кони ангишти хушкида (мавзеи "Даштиҷум" бо захираи 0,17 млн. тонна мавҷуд мебошад, ки ин мавзеъ то ба ҳол пурра омӯхта нашудааст.Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ бо маводҳои сӯзишворӣ соли 2018 дар ҳудуди вилоят 10,6 ҳазор тонна нафт 95,4 тонна бензин, 3,4 ҳазор тонна мазут, 910,4 тонна сӯзишвории дизелӣ,1,7млн.$м^3$ газ истеҳсол шудааст.

**Ҷадвалӣ 3.1. - Барномаи нишондиҳандаҳои асосии рушди стратегии истеҳсолӣ оид ба сӯзишворию энергетикӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли нафт, т | 15358 | 11797 | 10503 | 3118,3 | 3784 | 3789 | 3791 | 3814 | 39106 | 39401 | 39641 | 36891 | 37241 | 37256 |
| Истеҳсоли газ, млн м3 | 3,4 | 1,4 | 1,7 | 2,1 | 2,1 | 2,4 | 2,6 | 2,9 | 3,1 | 3,4 | 3,4 | 3,6 | 3,8 | 4,00 |
| Бензин, тонн | 54,1 | 46,2 | 52,4 | 55,3 | 58,9 | 61,8 | 63,9 | 64,1 | 64,6 | 64,9 | 7,1 | 7,4 | 7,6 | 7,9 |
| Мазут, тонн | 254,7 | 1731,4 | 1599,5 | 15984 | 18325 | 18451 | 18462 | 16510 | 19519 | 1991 | 21121 | 21129 | 21132 | 21138 |
| Сузишвории дизелӣ | 911,5 | 678,8 | 776,4 | 8123 | 8836 | 9841 | 9871 | 91591 | 1013 | 10131 | 10138 | 10141 | 10921 | 10221 |
| Истеҳсоли қувваи барқ, млн.квт/с | 15029 | 15010 | 26085 | 35174 | 35302 | 37302 | 373088 | 37401 | 37410 | 37424 | 37438 | 37441 | 37446 | 37456 |
| Агништ | | | | | | | | | | | | | | |

***Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст***

Мутахассисон, айни замон захираҳои нафту газро, асосан, дар конҳои Бештентак, Қизил-Тумшук, Хоҷа-Сартез, Узуннаҳор, Сулдузӣ, Кичикбел, Акбашадир, Қуми-ҷанубӣ, Пушони шимолӣ, Сайёд, Саргазон, Қизилсӯ, Найчи, Қарадум, Ялгизқоқ ва Норин (тахминан аз 75 то 205 млн. тонна) ва газро (тахминан 205 то 440 млрд. м3) арзёбӣ менамоянд.[78]

Сабаби асосии коҳишёбии нишондиҳандаҳои истеҳсолиро мутахассисони соҳа дар мавсими зимистон воридшавии кам об ба обанбори Норак ва хӯрдашавии таҷҳизотҳои тавлидкунандаи барқӣ дар калонтарин нерӯгоҳҳои барқи обии Норак, Бойғозӣ ва Вахш арзёбӣ менамоянд, ки айни замон дар ин нерӯгоҳҳо ивази турбинаву таҷҳизотҳо рафта истодааст.

Ҳадафи асосии соҳа ин таҷдид ва бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон таъмин набудани НОБ-ҳои мавҷуда, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, кам кардани талафоти нерӯи барқ ва дар ин замина беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо ба нерӯи барқ маҳсуб меёбад.

Бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳоистратегии гузошташудаи соҳа таҷдиди НБО Норак ва Силсиланеругоҳи барқи обии Вахш, сохтмони барқарорсозии НБО-и Бойғозӣ, Зеристгоҳи барқии 220/110/10 кВ дар ҳудуди МОИ Данғара дар назар дошта шудааст, ки ин метавонад дар бартараф намудани як қатор мушкилиҳои соҳа мусоидат намуда, барои васеъ намудани имконияти содиротии вилоят замина гузорад.

Бо истифода аз захира ва имкониятҳои мавҷуда то соли 2022 расонидани иқтидорӣ умумии истеҳсоли нерӯи барқ ба 5,0 ҳазор МВт, нафт ба 1,2 млн. тонна,бензин ба 0,4 млн. тонна, мазут ба 1,2 млн. тонна, сузишвории дизелӣ ба 0,3 млн. тонна ва газ ба 4,6 млн.$м^3$ тонна дар назар дошта шудааст.

Таъмини аҳолӣ бо неруи барқ ва гармӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон чун дигар гӯшаҳои канори ҷумҳурӣ яке аз самтҳои афзалиятнок

[78]Нашрияи Саридораи Геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29.08.2019 №7

дар доираи Барномаҳои миёнамуҳлати вилоят маҳсуб ёфта, тараққиёти он метавонад ба рушди ояндаи соҳаи саноат заминаи устувор гузорад.

Саҳми вилоят дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, яъне таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди соҳаи саноат баланд арзёбӣ гардида, маҳз 92 фоизи нерӯи барқи дар ҳудуди кишвар тавлид ёфта, ба вилояти Хатлон рост меояд.

Айни замон, дар ҳудуди вилоят НБО "Норак(3000 МВт), НБО Сангтуда - 1(670 МВт), НБО Сангтуда–2 (220 МВт), НБО Бойғозӣ (600МВт), НБО Сарбанд (240 МВт), НБО Шаршара (31 МВт), НБО Марказӣ (15 МВт) ва 34 нерӯгоҳҳои хӯрди барқӣ (1,47МВт)бо иқтидори умумии 4777,5 МВт амал менамоянд.Соли 2018 дар ҳудуди вилоят 15352,8 млн. квт. соат (4044,7млн. сомонӣ) нерӯи барқ истеҳол карда шуд, ки дар қиёс ба соли 2012,672,7 млн. квт. соат ё 4,2 фоиз кам мебошад. Аз нуқтаи арзиши бошад ин нишондиҳанда тамоюли афзоиш дорад.[79]

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои 73-77 «Дар бораи истифодабарии сарватҳои табиӣ он» қонун таҳия гардидааст. Аз ҷумла қайд шудааст, ки "Қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сарватҳои гуногуни табиӣ буда, яке аз муҳимтарини онҳо сарватҳои зеризаминӣ мебошад".

Дар давоми корҳои ҷустуҷуию иктишофи дар минтақаҳои вилояти Хатлон зиёда аз 53 кон омухта шуда аз инҳо 18-кон мавриди истифодабарӣ қарор дорад.

Баҳри дастгирӣ ва ҷалби соҳибкорони ватанӣ дар самти истифодабарии қаъри замин дар нимсолаи аввали соли 2018 дар Шӯрои илмии техникии Саридораи геология баҳри рушди азхудкунии сарватҳои табиӣ минтақаҳо ҷаласаи корӣ доир карда шуда, ҳамаи фаъолияти кории субкутҳои бақайдгирифташуда мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд.[80]

[79]Барномаи рушд иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 С.22-28

[80] Тартиби гузарондани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 89 тасдиқ шудааст.

**Ҷадвалӣ 3.2. - Номгӯи бақайдгирии иҷозатномаҳобарои истифодаи қаъри замин додашуда дар Фонди иттилооти геологӣ оид ба қаъризамин дар минтақаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Ноҳия | Корхона | номгӯи кон | канданиҳои фоиданок | пардохти андоз аз замин | пардохти андоз аз захираҳо и табии дар соли 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Темурмалик | ШСДММ «Кулоб Петролеум Лимитед» | Гулизиндони Ҷанубӣ | нафтугаз | 77838 | 239, 269 |
| Фархор | ШСДММ «Кулоб Петролеум Лимитед» | Олимтой | нафтугаз | 48310 | 214,169 |
| Ховалинг | ҶДММ «Абдулазиз | Оби Мазор | тиллои пошхӯрда | 97172 | 143,141 |
| Сарбанд | ШММ «Сафари» | Калининобод | омехтаи регу шағал | 27381 | 234,141 |
| Ш.Шоҳин | ҶДММ «Баракати истиқлол» | Дулоби Сангоб, Навобод | тиллои пошхӯрда | 24535 | 69 606 |
| Восеъ | ҶСШК «Хоҷа-Муъмин» | Хоҷа-Муъмин | намаки ошӣ | 154648 | 821,651 |
| Кулоб | ҶДММ «Иборатмоҳ-Қ» | Заринкуҳ | хок | 154184 | 52356 |
| Данғара | ҶДММ «Масолеҳи сохтмонии Данғара» | Сангтуда | омехтаи регу шағал | 140913 | 758326 |
| Бохтар | ҶДММ «Ганҷи Бохтар» | маҷрои дарёи Вахш | омехтаи регу шағал | 21548 | 28505 |
| Фархор | ҶДММ Артель «Тиллокор» | д. Панҷ | тилло | 24384 | 41182 |
| М.А.Ҳамадонӣ | Истифодабари и заминҳо | М.А.Ҳамадонӣ | замин | 28737 | 57236 |
| Балҷувон | ШСДММ «Кулоб Петролеум Лимитед» | Узунохор | нафт | 25863 | 75200 |
| Данғара | ҶДММ «Паси гаҷ» | Паси гаҷ | гаҷсанг | 18542 | 14910 |
| Ёвон | ҶДММ «Хуанджиан Ғаюр Индустриал | Ёвонгаҷ | гаҷ | 21545 | 25541 |
| Муъминобод | Истифодабари и замин | Истифодабарии замин | Истифодаб-арии замин | 339450 | 32654 |
| 13- минтақаи Вилоят | 13-корхонаю фирмаҳо | 13-кон | 13-намуди маъдан | **1,185 50** | **1087631,43** |

***Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст***

Дар ҷадвали мазкур номгӯи корхонаҳое мебошад, ки онҳо бо истифодаи истихроҷ ва коркардани захираҳои табиӣ машғул мебошанд, ҳамчунин дар ҷадвали мазкур суроғаҳои корхонаҳо бо минтақабанди ва ҳаҷми пардохти андозҳои роялтӣ,ки аз ҷониби корхонаҳои мазкур пардохт карда мешавад, нишон дода шудааст.

Барои коркард ва истифодаи онҳо дар саноат ва хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият ва шароитҳои мувофиқ пайдо шудааст. Истифодаи дурусти захираҳои табиӣ омили пешрафти босуръати иқтисодиёт мебошад. Дар ҳамин радиф баъди ба даст овардани Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати куллиро дар ҳамаи сохтори идоракунии стратегии хоҷагии халқ ва нисбат ба соҳаи истифодаи дурусти захираҳои табиӣ ба миён овард васеъшавии ваколатҳо доир ба истифодаи муштараки захираҳои табиӣ метавонад ба иқтисоди миллӣ таъсир расонида, самаранокии кӯшишҳоро, ки ба ҳалли масъалаҳои идоракунии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона карда шудаанд, аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии халқро боло бардорад.[81]

Дар шароити мавҷуда кишвар ба низоми такмили механизми давлатии идораи рушди босуботи стратегӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ зарурат дорад. Ин бояд тамоми институтҳоро, ки бо тартиб додани накша, танзим ва назорати иқтидори захираҳои табиӣ машғуланд, муттаҳид месозад. Дар ин система самтҳои зеринро муайян кардан мумкин аст:қонунгузори, иҷроия, институтсионалӣ, иқтисодӣ (истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ), иҷтимоӣ инфрасохторӣ. Аз нуқтаи назари ҳуқукӣ нақши асосиро дар системаи истифодаи захираҳои табиӣ, бешак мақомоти қонунгузор, ки бояд чораҳои ҳуқуқиро барои тадбиқи танзими истифодаи захираҳои табиӣ баррасӣ намоянд мебозад. Дар моддаи якуми Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст:Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқукбунёд ва дуняви мебошад. Барои ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ бо мақсади рушди хоҷагии халқ ва иқтисоди бозоргонӣ дар

[81]Муҳаббатов Х.М., Диловаров Р., Раҳимов М.Р. «Географияи иқтисодӣ ва иҷтисоии Тоҷикистон» китоби дарси барои донишҷӯёни донишгоҳҳои иқтисодӣ С-34-39

Тоҷикистон як катор қонунҳо қабул гардидаанд, аз ҷумла, «Қонун дар бораи ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистон» ва «Қонун дар бораи сармоягузории хориҷӣ». Чунин стратегия, ки барои 15-20 солиоянда пешбинӣ шудааст, мақсаду вазифаҳои дурнамо, самтҳои афзалиятноки танзими давлатии ин соҳаро якҷо бо комплекси рушди стратегии иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян кард.

Дар айни ҳол бо андеши мо, зарур аст, ки дурнамои самтҳои рушди бозорҳои ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои тағйирёбии рушду вазъ бо мақсади истифодаи босамартари табии захираҳои Тоҷикистон ба назар гирифта шавад. Интизор бояд буд, ки ноустуворӣ дар қурби асъор боқӣ, монда дар номувозинатии пардохти тавозунҳо қарзҳои баланди кишварҳои дар ҳоли рушд боқӣ мемонад.

**Ҷадвали 3.3. - Динамикаи хароҷоти муҳофизати муҳити зист, нархи воқеӣ, ҳазор сомонӣ сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳои хароҷот | 2020 | 2021 | 2022 | 2020 бо % ба 2022 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ хароҷот,<br>Аз ҷумла.: | 4 06,9 | 2 683 | 2 984 | 73,3 |
| Сармоягузорӣ дар воситаҳои асосӣ барои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ | 924,1 | 1123,1 | 338,4 | 36,6 |
| Хароҷоти имрӯзаи ҳифзи муҳити зист | 2852,8 | 3200,9 | 310,32 | 108,7 |
| Хароҷот барои таъмири фондҳои асосии истеҳсолӣ ба ҳифзи муҳити зист | 332,6 | 288,8 | 380,3 | 114,3 |
| Дар бораи ҳимоя ва истифодаи оқилонаи захираҳои об | 312,4 | 648,0 | 884,0 | 283,0 |
| Ҳифзи ҳаво дар атмосфера | 280,6 | 25,5 | 94,7 | 33,7 |
| Дар бораи ҳифзи замин ва истифодаи оқилонаи он | 63,2 | 125,9 | 137,1 | 216,9 |
| Дигар хароҷотҳо | 197,4 | 1 539 | 2130,7 | 1079,4 |

*Ҳисоб карда шуд, аз:* Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон//Ҳисоботи оморӣ. - Душанбе, АОПҶТ, 2020-2022. - С.343.

Таҳлили таҷрибаи даврони бозсозӣ нишон медиҳад, ки заиф шудани накши давлат дар танзими истифодаи захираҳо оқибатҳои манфӣ ба бор меорад (интиқоли сармоя, ҳисорот аз ҳисоби пурра истифода нашудани захираҳои маҳаллӣ ва содироти минбаъдаи он, ба таври оммави бурдани ашёи хоми стратегӣ, паст шудани сохтори сармоя, аз даст додани бозорҳои хориҷӣ, дар ниҳояти кор, паст шудани сатҳи некуаҳволии халқ мегардад. Дар марҳилаи гузариш аз иқтисодӣ

мутамарказонидашудаи нақшавӣ ба иқтисоди бозоргони ва таносуби моддӣ моли равандҳое, ки механизмҳои нав ба вуҷуд меоранд, ташаккул меёбад.

Аз нигоҳи муаллиф ва таҳқиқотҳои илмиву амалии мо самтҳои инноватсионии такмили механизми идоракунии рушди босубот барои Тоҷикистон то солҳои 2030-2050-ум пешниҳод карда шудааст.

1) Шароитҳои хеле фарққунандаи табиӣ ва иқлими зист дар сатҳи рушди соҳибкорӣ дар минтақа ва фарқиятҳоим иқёс, сифат ва самти истифодаи захираҳои табиӣ, ки маҳсулнокии минтақаро муайян мекунад. Ин омил на танҳо ба соҳаи кишоварзи, истихроҷи канданиҳои фоиданок ва хоҷагии ҷангал, балки ба шароитҳои фаъоли иқтисодӣ ва ҳаёти одамон низ таъсир мерасонад;

2) Мавқеи минтақа дар канор аст ва ё дар дохили кишвар, ки дар натиҷаи он хароҷоти нақлиёт, масрафҳои истеҳсолӣ афзуда, бозорӣ фурӯши он маҳуд мегардад,сохтори куҳнаи истихроҷи канданиҳои фоиданок, дермонӣ ҳангоми ворид кардани дастгоҳҳои инноватсионӣ;

3) Сатҳи рушди инноватсионии технологӣ, ки дар ин ё он намудаи истеҳсолот технология инъикос меёбад, тафовутҳои демографии сохтори аҳолӣ, динамикаи такроristеҳсолкунӣ, аз ҷумла шароитҳое, ки омилҳои диниву миллӣ ба вуҷуд меоваранд;

4) Тафовутҳои фазои соҳибкорӣ системаи андоз, дараҷаи назорати маъмурӣ аз болои ширкатҳо ва стандартҳои байналмиллалии бозори ҷаҳонӣ;

5) Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дараҷаи урбанизатсия, маълумотнокии аҳолии мавҷудияти марказҳои илмиву фарҳанги ва аз озмоишгоҳҳои илмиву таҳқиқотии рушди босубот;

Мақомоти худидораро мустақиман ба ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо дода ба ҳукумати марказӣ пайвастаашзарур буда, барномаҳои умумидавлатии истифодаи захираҳои табииро тартиб дода аз он самаранок истифода бурданд.

Роҳбарони худидораи мақомоти маҳалли аксаран аз ҷониби аҳолӣ интихоб мешавад. Дар як қатор кишварҳо нақши муҳимро дар идораи ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи танзими давлатии захираҳои табиӣ корпаратсияҳои давлати бозӣ мекунанд. Дар марҳилаи кунуни рушди қувваҳои истеҳсолкунанда як қатор захираҳои табиӣ коркард ва истифода мешаванд, аз кабати конҳои тилло, нафту газ, сангҳои киматбаҳою ороишӣ, масолеҳи сохтмонию бинокорӣ бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ коркард шуда ба бозори дохили пешкаш карда мешавад.

Аз ҳама дида вазъияти пасти истеҳсолӣ дар саноати нафту гази Тоҷикистон дида мешавад, ки бо нигоҳи муаллиф ба таври зайл пешниҳод шудааст.

**Якум,** тибқи маълумотҳои геологҳо захираҳои нафти кишвар ҳамагӣ ба андозаи 9% аз худ карда шудааст халос. Ин пеш аз ҳама ба конҳое, ки дар вилояти Хатлон воқеанд, иртибот дорад. Аммо сахми вилояти Суғд дар истихроҷи нафти ҷумҳурӣ ба 76% мерасад. 91%-и чоҳҳои истифодашаванда низ дар ҳамин вилоятанд.[82]

**Дуюм,** кам кардани нафт дар кишвар сарфи назар аз ин Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои кофи барои зиёд кардани истихроҷи нафт дорад, зеро захираҳои нафт ба ҳадди зиёд аст. Тибқи баҳогузории мутахассисон захираҳои геологии нафт дар Тоҷикистон 467 млн тоннаро ташкил мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидро-энергетикӣ буда, ин шумора ба 527 млрд кВт.соат/солона баробар мебошад. Бо назардошти шароитҳои техникӣ захираҳои гидро-энергетикии Тоҷикистон ба 317 млрд.кВт соат баробар буда, айни замон танҳо4-5 фоизи он мавриди истифода қарор дорад.[83]

Инвесторони Австрягӣ 4 барномаи корҳои иктишофию геологиро дар конҳои Олимтойи Шарқи, Ялгизоқ, Саргазон ва Ренган таҳия

---

[82]Мухаббтов М.Х. Ресурсы горного Таджикистана. С-124-126

[83]Одинаев Х.А. Развитие региональной экономической интеграции в условиях Центральной Азии: водноэнергетический аспект//Вестник Российско-Таджикского славянского университета. - Душанбе, 2016. - № 3(54).4.1. - С.8-13.

кардаанд, ки дар аксарияти ин конҳо корҳои геологи рафта истода аст ва захираи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти хоҷагии халқ барои баланд бардоштани самаранокии чоҳҳо ва қабатҳои нафтдиҳанда дар асоси технологияҳои нави интенсивӣ дар конҳои фаъол, ки дар марҳилаи охири коркард мебошанд.

Дар гузашта, эҳтиёҷоти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба ангиштсанг аз ҳисоби кишварҳои ҳамсоя, қонеъ мегашт. Ҳамин тариқ, Узбакистон ва Қирғизистон, ки 36,5%-и ва 42,4% захираи ангиштсанги Осиёи Марказиро дар қаламрави худ доштанд ин соҳаи ташаккулёфтаи истеҳсолотро дар ихтиёр доштанд ва қариб бо тамоми ҳаҷми зарурии Тоҷикистонро таъмин мекарданд.Имрӯз эҳтиёҷоти мардум аз ҳисоби гази дохили ҳамагӣ 5 фоиз тибқи муҳосибаи коршиносон қонеъ мешаваду халос. Аз рӯи ҳисоботи мутахассисон ҷамъи захираҳои геологии газ мутобиқан ба 1036 млрд $М^3$-ро ташкил медиҳад. Имкониятҳои иқтисодии афзоиши газ истеҳсолӣ дар қисмати ҷануби ҷумҳурӣ махсусан дар водии Ҳисор ва минтақаи Ҳисор вуҷуд дорад. Дар ин ҷойҳо захираи газ то 92%-ро ташкил медиҳад. Дар миёни онҳо ҷои махсусро кони нафту газдори Кофарниҳон, ки захирааш баробар ба 50-100млрд.м3 мебошад, ишғол менамояд. Кашфи ин кон, ба андешаи коршиносон, имкон медиҳад, ки солона 5-10млрдм3 ва 1-1,5млн. тонна конденсат истихроҷ намоянд. Он метавонад на танҳо эҳтиёҷотро барорад, балки солона 200-300 млн, доллар аз содироти газ фоида ба даст биёрад.[84] Истифодаи захираи газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилоти зиёди техникиву молиявӣ иртибот дорад. Конҳои калони газ, ки дар ҷуқурии 7-8 км воқеанд, хароҷоти хеле калони молиявиро талаб мекунад, ки ҷумҳурӣ ҳоло чунин маблағ ва кадрҳои соҳибихтисос надорад. Агар афзоиши махсуси ин захираҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ 2млн.кВт.с-ро ташкил диҳад, пас, дар қисмати аврупоии Руссия-130 ҳазор, Сибир ва Шарқи дур 193-ҳазор, Кавказ-360 ҳазор кВт/с-ро дар як сол ташкил медиҳад. Дар

[84]См.: Бурхонова М.А. Проблемы рационального использования энергетических ресурсов Таджикской ССР.- Душанбе, 1986,-С.19.

маҷмӯъ вай аз сатҳи Осиёи Марказӣ 4,8 маротиба, собик ИҶШС 14 маротиба зиёдтар аст. Аз рӯи бузургии захираҳои об ба 1км3 новаи дарёҳои Тоҷикистон аз сатҳи миёнаи кишварҳои ИДМ қариб 6-баробар зиёд аст.[85] Ҷумҳурӣ аз кишварҳои хориҷӣ бо параметрҳои дигар низ фарқ мекунад. Аз ҷумла, аз рӯи потенсиалӣ дар миёни дарёҳои хурду миёна мутаносибан миёни онхо тақсим мегардад. Иқтидори стансияҳои барқӣ чунин мебошад.

**Ҷадвали 3.4. - Нишондиҳандаҳои техникӣ ва иқтисодии неругоҳҳои обии барқи ҷумҳурӣ дар соли 2020-2021**

| Номи НОБ | Иқтидори истеҳсолӣ | Истеҳсоли солона млрд.кВт. соат |
|---|---|---|
| Шӯроб | 85 | 3000 |
| Норак | 300 | 11200 |
| Бойгозӣ | 600 | 3500 |
| Сангтуда-1 | 67 | 2700 |
| Сарбанд | 220 | 900 |
| Сангтуда-2 | 210 | 1300 |
| Шаршар | 29,9 | 220 |
| Маркази | 15,1 | 110 |

**Срачашма: Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Точикистон:**

Воқеан, дар гузашта ин хусусият дар таҷрибаи аз худ кардани дарёҳо бо таври бояду шояд баҳо дода намешуд. Такя, асосан ба сохтмонҳои неругоҳҳои бузург медоданд, аммо сохтмони нерӯгоҳҳои хурд қатъ намегардиданд. Ин сабаби асосии муракаб шудани вазъияти энергетикӣ дар Помир ва баъзе минтақаҳо буда нархи маводи сӯзишворӣ боло рафта, расонидани он ба баъзе минтақаҳо номумкин гардид ва дар натиҷа қариб тамоми ноҳияҳои вилоят аз баъзе минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ бебарқ монданд.Ҳоло бошад бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони неругоҳҳои хурду калон дар Тоҷикистон вусъати тоза гирифта, мо тавонистем,ки системаи ягонаи энергетикии худро ташкил карда, ба давлатҳои дуру наздик қувваи барк содирот намоем.

[85]Статистический эжегодник РТ.-2000 г

**Ҷадвали 3.4. Истифодаи захираҳои обӣ дар минатақаи вилояти Хатлон млн. м3**

| Номгӯи соҳаҳо | Солҳо | | | Дар солҳои 2018-2021 дар муқосиса нисбати соли 1990 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Бомлн.м3 | Бо % |
| Гирифтани об | 13662 | 12909 | 13379 | 10700 | 2962 | 78,3 |
| Истифодаи об | 12046 | 11874 | 10197 | 8816 | 3230 | 73,2 |
| Сохаи кишоварзӣ аз он чумла баройи обёрӣ | 9895 | 9639 | 8676 | 7486 | 2427 | 75,5 |
| Бо об таъминкунии Кишоварзи | 696 | 659 | 602 | 440 | 256 | 63,2 |
| Саноат | 594 | 944 | 535 | 525 | 69 | 88,4 |
| Бо об таъминкунии шаҳрҳо | 485 | 612 | 384 | 383 | 102 | 78,9 |
| Дигар истифода-барандагони об | 374 | 20 | 0 | ----- | ----- | ---- |

***Сарчашма: Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

Дар ҷадвали зеррин истифодабарандагони обро таҳлил намуда, дар он ҳамаи соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ таҳлил шуда, дар он миқдор ва иқтидори талабот ба об таҳлил шудааст. Аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар минтақаҳои вилоят дар бахши саноат ва аҳолӣ сол то сол талабот ба оби нушоки зиёд шуда истодааст.

**Ҷадвали 3.5. - Иқтидори истеҳсоли қувваи барқи дарёҳои калонтарини Ҷумҳури Тоҷикистон**

| ҲАВЗА | ИҚТИДОР | | ТЕХНИКӢ | |
|---|---|---|---|---|
| | Млн кВт/с. | % | Млн кВт/с. | % |
| Сирдарё | 0,19 | 0,8 | 0,8 | 0,5 |
| Зарафшон | 1,18 | 5,2 | 0,5 | 3,7 |
| Кофарниҳон | 2,48 | 10,9 | 0,64 | 4,6 |
| Вахш | 9,19 | 40,6 | 5,45 | 39,6 |
| Панҷ | 9,59 | 42,5 | 7,11 | 51,6 |
| Ҳамагӣ | 22,64 | 100 | 13,84 | 100 |

***Сарчашма: Вазорати энергетика ва захираҳои обӣ ҶТ***

Ҷадвали мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон то чи андоза захираҳои оби худро дар соҳаи энергетика истифода мебарад.

Ҳаичунин дар ҷадвали мазкур истифодаи дарёҳои минтақаҳои гуногунни Тоҷикистон мисолҳо оварда шудааст. Аз ҷумла, аз дарёи Кофарниҳон соле 2,48 Млн кВт/с. ва дарёҳои Панҷ ва Вахш ҳамагӣ 18,78 Млн кВт/с. неруи барқ истеҳсол карда мешавад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ бар асари таъсири тағйирёбии иқлим муаммоҳо дар самти истифодабарии об ва бунёди иншоотҳои гидроэнергетикӣ ба миён омаданд. Солҳои охир сайёраи мо ба давраи ноустувори иқлим ворид гаштааст. Пешгӯии пурраи ҳодисаҳои иқлим имрӯз ғайриимкон аст. Аммо асосҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд, ки содир шудани обхезиҳо дар маҳалҳои гуногун, инчунин ҳолатҳои рух додани хушксолиҳои дарозмуддат из имкон берун нест. Қариб ҳамаи захираҳои обии Осиёи Марказӣ аз барфу пиряххо ҳудуди Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳосил мешаванд.[86]

Дар дурнамои наздик рушди идоракунии стратегии электроэнергтика аз рӯи хулосаи муаллиф бояд ба ҳалли ду масъалаи ба ҳам алоқаманд равона карда шаванд.

**Якум,** ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти дохилӣ ва истифодаи захираҳои дарёҳои ҳам калону ҳам хурд. Ин ҳамчунин имконият медиҳад, ки содироти электроэнергетика на танҳо ба кишварҳои узви ИДМ, балки ба дигар давлатҳои ҳамсоя Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон, ки хоҳиши ширкат дар аз худ кардану истифода бурдани захираҳои энергетики ҷумҳурии моро доранд, ба роҳ монда шаванд.

**Дуюм,** бояд энергосистемаи ягонаи энергетикӣ дар кишвар ба вуҷуд оварда шавад. Ин имкон медиҳад, ки вилоятҳои Суғду Бадахшон ва бо ноҳияҳои марказӣ пайваст гардад.

Дар ин шароит мо муҳимтарин вазифаи идоракунии стратегӣ ташкили комплекси ягонаи хоҷагии халқи Тоҷикистонро бо дараҷаи муайяни сарбастагӣ дар занҷири истеҳсолӣ мешуморем. Ин амал азхуд кардани комплекси истифодаи ин захираҳоро таъмин мекунад. Хеле

[86]Одинаев Х.А. Проблемы и перспективы водно-энергетической интеграции стран Центральной Азии //Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе, 2012,- № 1(2). - С. 46-56.

муҳим аст, ки системаи имтиёзҳои иқтисодӣ ва муҷозот барои истифодабарандагони захираҳо дар шакли қарзҳои бефоиз ва ё бо фоизи паст, барои истифода аз энергияи каммасраф, озод кардан аз андози фоида, ки ба ин мақсаднигаронида шудаанд, таҳия гардад.[87]

Танзими ошкори истифодаи муштараки захираҳои табиӣ, ки самтҳои инвеститсияи хориҷӣ ба иншооти муайян инъикос мешаванд, аҳамияти зиёд барои Тоҷикистон дорад. Инчунин техникаи наву технологияи ҷорӣ карда мешавад дар ноҳияҳое, ки сераҳолӣ мебошанд, ҷойҳои корӣ ташкил кардан лозим аст, инфрасохтор беҳтар гардонида шавад. Ин чиз ҳам муҳим аст, ки дар системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтҳои мустақим барои истифодаи захираҳои табиӣ вуҷуд надоранд. Қисми зиёди даромад аз ҳисоби иҷора тавасути аксиз, андоз аз фоида, боҷҳои гумрукии содирот гирифта мешаванд. Самти пардохтҳои мустақим барои истифодаи захираҳои табиӣ ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 0,1%-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон бо ин, бояд зикр кард, ки набояд иқтисодӣ ояндаи Тоҷикистонро танҳо барои афзоиши захираҳо самт дод. Онҳо тамомшавандаанд, истеҳсолашон бошад паёмадҳои манфии экологӣ низ доранд. Ба ғайр аз ин, сарфи захираҳо барои ҷамъият хеле арзонтар меафтад, нисбат ба истеҳсолу интиқол, аммо захираҳо бузург ҳастанд. Бинобар ин, ба назари мо, мақсади асосии иқтисодӣ бояд на афзоиши даромад ва истеҳсолӣ ин захираҳо,интенсификатсияи сарфаи захираҳо, балки ҳифзи муҳити зист бошад.

Худ аз худ маълум аст, ки механизми татбиқи ин вазифа бояд ба принсипу талаботи иқтисодӣ бозоргонӣ ҷавобгӯ бошад.

Барои ин бояд заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шавад. Тибқи қонунгузори масъалаи истифодаи самараноки захираҳои маводи сухту энергетики захираҳо, танзими давлатӣ ва истеҳсолоту истеъмолоти онҳо, баланд бардоштани масъулияти истеъмолкунандагон барои истифодаи

[87]Одинаев Х.А. Пути улучшения использования трансграничных водных ресурсов в условиях Центральной Азии/ Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2012. - № 2/7(98)

захираҳо ва ҳифзи муҳити зист ҳал карда шавад. Ҳамин тариқ, проблемаҳои танзими давлати истифодаи захираҳои табииро Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назадошти таҷрибаи мамлакатҳо дар ин соҳа таҳлил намуда, қайд мекунем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллӣ, тоҷирону соҳибкорон ва дигар шахсони ҳуқуқиро зарур аст, ки қонунҳо ва санадҳои меъёриро, ки ба ин соҳа дахл дорад, қатъи риоя кунанд.

**Хулосаи зербоби 3.2.**

Натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф дар устуворсозии рушди босуботи иқтисодӣ ва омилҳои мусоидаткунанда ба он дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Равишҳову ояндабинии стратегии тамсилаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ далели равшани гуфтаҳои боло мебошанд. Зарурат ва сабабҳои чунин равишҳои муаллиф оид ба равияҳои гуногуни такмили механизми идоракунии ва мавқеъ пайдо карднаи масъалаи таъмини рушд дар иқтисод, ин алоқамандии он бо ҳалли масъалаҳои дигари дохилию берунии иқтисодии вилоят ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Пеш аз ҳама, рушди босуботи иқтисодӣ имкон медиҳад, ки бозори дохилии мамлакат бо молу хадамоти зарурӣ таъмин карда шуда, ҷойҳои кори зиёд гардад ва дар ин асос манбаҳои даромади аҳолӣ ва давлат густариш ёфта, қобилияти харидории аҳоли ва сатҳи зиндагии он боло раванд. Аз андешаҳои муаллиф мо метавонем хулоса намоем, ки таъмини рушди иқтисодӣ заминаи боэтимоди суботи иҷтимоиро дар ҳар як мамлакат ба вуҷуд меорад. Бинобар он давлатро зарур аст, ки чораҳои ба рушди иқтисодӣ мусоидаткунандаро андешида, онҳоро дар амал татбиқ намояд.

## 3.3.Стратегияи таъсиррасонии такмили механизми идоракунии рушди босубот ба рушди ояндаи иқтисодӣ ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

Таърихи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад, ки инсоният дар ҷараёни зиндагӣ ва кору фаъолияти хеш, аслан ба

истеъмоли беандозаи сарватҳои табиӣ сару кор дорад, ки дар натиҷа имконияти табиӣ оҳиста-оҳиста маҳдуд шуда истодааст.

Дар натиҷаи инкишоф ёфтани олоти меҳнат, инсоният ба табиат ҳукмронии худро мустаҳкам намуда, ҳар чи зиёдтар ба истифодаи ғоратгаронаи сарватҳои табиӣ шуғл меварзад. Дарнавбатихуд, табиат инсониятро дар ҳар як қадам хабардор менамояд, ки бояд мувозинати рушд вуҷуд дошта бошад ва риоя карда шавад.[88]

Мутаассифона, қариб аксари фаъолияти роҳбарии инсонӣ на барои нигоҳдории рушди стратегии босуботи иқтисодии мувозинати табиӣ, балки ба таъмини талаботи афзоишёбандаи инсонҳо равона гардида, ҳатто такроистеҳсоли табиии сарватҳоро зери хатар гузоштааст.

Сарватҳои табиӣ бо як захираи муайян ва имконоти экологии муайян вуҷуд дошта, талаботи одамонро аз рӯи он қонеъ мегардонад.

Аммо талаботи инсоният суръаташро рӯз аз рӯз афзоиш дода, истифодаи сарватҳои табииро садҳо маротиба зиёд гардонидааст.

Аз дигар тараф, суръати баланди афзоиши номувозинатии табиат мебошад, ки вобаста аз қонуниятҳои хоси табиӣ чӣ қадар мӯҳлате ва чӣ қадар инсоният меҳнат кунад, табиат рӯзе мувозинати худро ба асл мувофиқ месозад. Дар натиҷа шояд ҳазорҳо ва миллионҳо одамон нобуд шуда, баиқтисодиёт миллиардҳо сомонӣ зарар ворид гардад.

Инчунин, вобаста ба сохтмони манзил талабот ба чӯбу тахта ва заминҳои кишоварзӣ зиёд гашта, инсоният аз пайи ҳар чӣ зиёдтар нобудсозии ҷангал ва азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ пардохт, ки дар натиҷа мувозинати экологии минтақаҳо вайрон шуда, ҳаёти зинда дар минтақаҳо зери хатар мондааст.

[88]Содиқов З.С. Маводи конференсияи байналмиллалии илмиюамалии «Масоили санаотикунонии истеҳсолоти аграрӣ» Дар мавзуи Иқтидори саноатии Ҷумхурии Тоҷикистон Душанбе, 25-феврали соли 2022 С-214-218

Ҳар соле дар ҷаҳон зиёда аз 20-25 миллион гектар ҷангалзорҳо нобуд карда шуда, миллионҳо гектар ба биёбонҳо табдил ёфта истодаанд.

Масалан, дар Англия дар натиҷаи суръати баланди истифодаи чӯб қариб 80% ҷангалзорҳо нобуд карда шудаанд. Аз рӯи тадқиқотҳои баъзе олимон, хатари зери обмонии ин давлат дар аввали асри XXI ба миён омадааст. Суръати бемайлони афзоиши аҳолӣ дар ҳолати маҳдуд будани сарватҳои табиӣ, бахусус, замину об ба он оварда расонидааст, ки имрӯз қариб 30% одамони сайёра дар ҳолати қашшоқӣ умр ба сар бурда, зиёда аз 2 млрд одам ё худ зиёда аз 12 давлати ҷаҳон аз оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд.

1. Давраи сеюми рушди инсонӣ ва тараққиёти иқтисодию табиат даври баъдисаноатӣ муаррифӣ шуда, барои давлатҳои пешқадам аз солҳои 60-70-уми асри гузашта ва барои давлатҳои қафомонда аз аввали асри XXI оғозё фтааст. Ин замон чунин баҳо дода мешавад, ки акнун рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва табиат дар зинаи дигари муносибатҳои навин қарор дорад.

Дар баробари афзоиши технологияи электронӣ-иттилоотӣ, информатика, радиотехнология ва нанотехнология ва рушди иттилоотии ҷомеаи инсонӣ одамият дарк кардааст, ки бемувофиқа ба табиат ва сарватҳои табиӣ ояндаи иҷтимоӣ дар хатараст.

Инсоният дар атрофи ҷустуҷӯи таҳқиқоти чуқури илмии сарватҳои табиӣ, олами растаниҳо ва ҳайвонот, омӯзиши қонунияти зиёдшавии онҳо ва тарзи ҳаёту барқароршавии онҳо ва дигар масоили камхарҷи истеъмолӣ андеша намуда, роҳи илман асоснокшудаи иқтисодиро пеш гирифта истодааст.

Стратегияи такмили механизмҳои идоракунии рушди босуботи ҷаҳонии иқтисодӣ аслан панҷ раванди калони худро доранд, ки онро мо мушоҳида кардаем:

1. Ҳаракати ҳар чи зиёд истифодабарии технологияи каммасраф ва баландбардори самараноки идоракунии рушди босуботи истифодаи сарватҳоитабиӣ;

2. Сиёсати идоракунии стратегии монополии ҷорӣ намудани нархҳои баланди ҷаҳонӣ барои маҳсулоти саноатии нефтию газӣ ва дигар сарватҳои табиӣ ва дар баробари ин ҷорӣ намудани нархҳои арзон ба ашёи хоми истеҳсолоти сарватҳои табиӣ;

3. Ҷорӣ намудани технологияи навини идоракунии стратегии инноватсионӣ ба талаботи экологӣ ҷавобгӯй набуда дар давлатҳои сусттараққи кардаи дунё;

4. Гузаштан ба ситеҳсолоти аз лиҳози экологӣ тоза ва кампартови саноатӣ дар соҳаҳо, минтақаҳо ва давлатҳо;

5. Риояи пурраи меъёрҳо, арзишҳо ва стандартҳои байналмилалии идоракунии рушди босуботи иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиӣ.

Чуноне ки мушоҳида мешавад, давлатҳои пешқадам имрӯз боз роҳи нодурусти мувозинатии рушди устуворӣ иҷтимоию экологиро пешг ирифтаанд, ки оянди устувор надошта, дар шароити глобализатсияи иқтисодию иҷтимоӣ таъсири манфиашро ба худи он давлатҳо мерасонад. То имрӯз ин масоил ҳалли дурусти худро наёфтааст.

Дар байни давлатҳое, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ нобаробар тараққӣ кардаанд, фикру ақидаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ мавҷуд буда, ин ҳолатро ҳатто то дахолатҳои дохили давлатӣ ва байнидавлатӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки зиддиятҳои иҷтимоӣ ИМА, Руссия ва Украина, Эрон ба ин мисол шуда метавонанд.

Аз ин нуқтаи назар, имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро заруаст, ки дар асоси ташкили ҷомеаҳои байналмилалии ҳимояи муҳити зист ва институтҳои дигари идоракунии стратегии рушди босуботи иҷтимоию иқтисодӣ меъёрҳою арзишҳои навиниидоракунии ҷаҳониро кор карда амалӣ

созанд, ки иҷрои он барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳонӣ шарти заруриинкишоф гардад.

Гузаштан ба технологияи каммасрафи замонавӣ ва нанотехнологӣ самараи калон дошта, мамнуъ будани истеҳсол ва истифодаи технологияи куҳнаи саноати ифлоскунандаи муҳитизист ва гузаштан ба ҷараёни технологии экологӣ масоили муҳими рушди ҷомеаи инсонӣ дар асри XXI мегардад.

Хатари мавҷудияти ярокҳои атомӣ ва истифодаи нодурусти атом ба ҳодисаҳои ногувори байналмилалӣ оварда, ҷомеаи ҷаҳониро дар изтироб гузоштааст. Садамаҳои неругоҳҳои атомӣ дар Украина (Чернобил) ва кандашавии оби дарёҳо дар Чину Туркия ва якчанд ҳодисаҳои мутҳиши табиӣ, ки ҷомеаи башарӣ дар даҳсолаи охир шоҳид аст, ҷони чандин ҳазор одамонро бурда, боиси миллионҳо хароҷоти молию пуллӣ гаштааст, ки дар ҳисоб аз самараи истифодаи ин неруҳо садҳо маротиба зиёд аст.

Аз дигар тараф буҳрони экологӣ ба буҳрони сиёсӣ оварда расонидааст. Аз ҷумла, норозигии байни давлатҳо барои истифодаи сарватҳои обии аз якчанд давлат мегузашта, боркашони тариқи ҳудудӣ як давлат ба давлатҳои дигар ва ё худ масоили муҳоҷирати аҳолӣ барои таъмини талаботи иҷтимоии худ.

Ташкили мувофиқаи фаъолияти роҳбарӣ ба табиат, қонуниятҳои табиӣ ва низоми ҳаракату пайдоиши ҷисмҳо, сарватҳои табиӣ, муҳити зист, хок,обу ҳаво як муҳити куллӣ зиндае мебошанд, кия гон нуқтаи зиёд ва ё ҳаркати нодуруст надорад ва чандин сол инҷониб бо ин низом ҳаркат карда омада истодаанд. Ин амалҳо бояд намунаи беҳтарин ва зиндаю намоёни донишҳои мо гарданд. Зиндагонии мо бошад, аслан аз рӯи низоми дохила ва берунаи таҳлилии мо сурат гирифта, аксар маврид аз фикрронии чуқури ин восита, сарсону саргардон мемонем. Очеркҳои таърихии мардуми Шарқ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ин минтақа одамон тамоми давру замон зиндагонии худро дар мувофиқа бо табиат ба роҳ

монда, самаранок кору фаъолият менамоянд. Масалан мо имрӯз инро дар хусусиятҳои хоси инкишофи Ҷопон, Эрон, Хитой ва дигар давлатҳои Араб мебинем. Дар ҳақиқат, мардуми Шарқ бо дониши баланди экологӣ бойгарии маънавии табиатшиносии худ аз Аврупо ва Амрико фарқият ва бартарияти калон дошта, ҳатто дорои ҳисси баланди дарки табиӣ мебошанд. Чунончи, дар таҷрибаи табиатшиносии мардуми Чин, ки то имрӯз инкишоф ёфта омадааст, асосгузори мактаби баланди рафтори Конфутсий заминаи эҷодими дӯстдории экологиро барои тамоми ҷаҳониён асос гузоштааст.

Асоси ин таълимот ва умуман, рафтори баланди инсониро имрӯз дар Хитой ва аксар мамолики Шарқ ҳамчун дониши зинда дар фаъолияти хирадмандон бо пайвастагии қувваи якдигар баҳогузорӣ мекунанд.

Аз тарафи дигар, хиради бузурги инсонӣ низ дар сирру асрори табиат ниҳон аст ва фақат роҳбари касбӣ калиди ба ин хазинаи бузург расиданро пайдо карда метавонад. Агар мо аз қонуни муоширати дохилии табиӣ бохабар гардем, забони ӯро фаҳмида, тапиши дили табиатро дарк карда, ба ӯ ҳамроз шуданамон мумкин аст. Ҳамрадифи табиат будан ва дар мувофиқа ба табиат кору фаъолият намудан волотарин қонуниятҳои рушди босуботи инсонист. Пас менеҷменти корхонаро зарур аст, ки нишонагириро фақат ва фақат ба тарафи ин қонуниятҳои бузурги табиӣ равона сохта, дар ҳар як қадами хеш ҳамрадифи табиат бошад ва мувозинати экологиро нигоҳ дошта, устуворона ба пеш қадам гузорад. Чунин равандро соҳиб гашта, боғайратона ба оянда назари нек менамояд, чунки қоидаҳои коиноти тағйирёбанда буда, бузурги доимиро нигоҳ медорад.

Мавҷудияти роҳбари касбӣ дар менеҷмент ва оилаю ҷомеа сарчашмаи дониши қоидаҳои зиндагонӣ буда, ба онҳо руҳу қуввати тоза ва умед ба оянда мебахшанд.

То вақте, ки панҷ унсури худшиносии мувозинат, ки мо пешниҳод кардаем дар ниҳои роҳбар нигоҳ дошта мешавад, ӯ метавонад, ки дар

менеҷмент низ ин мувозинатро нигоҳ дорад. Пас, тарбияи хиради экологӣ ва мавҷудияти роҳбарони касбӣ шарти зарурӣ буда, нигоҳдорандаи мувозинати экологиро таъмин карда метавонанд.

Донишманди бузурги Чин, асосгузори мактаби ҷаҳонии касбӣ Конфутсий (асри VI то солшумории мо), яке аз аввалинҳо шуда, дарк намудаанд, ки касбияти шахсият бояд дар асоси эҷодкории экологӣ сурат гирифта тавонад ва пурқувват гардад.

Эҷодкорӣ ин сармояи бузургӣ зеҳнии инсонӣ буда, ҳаракатдиҳандаи бузургӣ олами ҷисмонии инсон аст. Нуқтаи дигари тарбияи экологии касбӣ дар он аст, ки инкишофи бемайлони иқтисодӣ, дар ҷаҳон имрӯз хатари бузургӣ экологиро ба миён овардааст, ки ҳаллу фасли он дар зинаҳои гуногуни идоравӣ мо наметавонем ба ҳадафҳои волои худ бирасем, чун ки масоили тарбияи экологӣ имрӯз масоили умумибашарӣ гаштааст. Ҳар як халқу миллат, дар ҳал ва кам кардани хатарнокии он, бояд саҳмгузор бошад, чунки ин масоили умумиинсонӣ буда, табиатдӯстдорӣ одамдӯстдорӣ ҳар ду паҳлӯи як мафҳуми ҳаётианд ва яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонанд. Ин ду хислати роҳбарӣ дараҷаи хештаншиносии уро таъмин сохта, пуррагии маданияти роҳбариашро муайян месозад. Пас, тарбияи экологӣ раванди инкишофи хештаншиносии роҳбарӣ буда, устувории менеҷментро таъмин месозад.

Бо эътибор нагирифтани омили иҷтимоию экологӣ дар идоракунии рушди босуботи иқтисодии менеҷмент ва истеҳсолӣ бемайлони молҳо бо усули кимиёвӣ ва зиёдшавии партовҳои саноатӣ хатари калони пастшавии ҳосилнокии меҳнат, бадшавии ҳолати саломатии инсон ва ҳатто афзоиши сатҳи фавти одамонро дар тамоми курраи замин овардааст. Аз ин хотир, мо зарур шуморидем, ки дар ин масъалаи мазкур алоқамандии инкишофи башарӣ ва олами экологиро дар фаъолияти менеҷменти корхона баён дар рисолаи илмии худ намоем.

Солҳои 70-90-уми асри гузашта диққати идоракунии тамоми ҷаҳон ва аксар олимону донишмандони бахшҳои гуногуни иқдисодиро масоили танҳо ташкили фаъолияти баланди меҳнатӣ фарогирифта буду

халос. Масоили экологӣ, таъсири фаъолият ба саломатии худи кормандон ва муҳити табиӣ дар ҷои дувум ва сеюм дараҷа меистод.

Дар натиҷа, қарибдар аксари мамолики ҷаҳон ҳодисаҳои мудҳиши экологӣ, аз қабили садамаи нерӯҳҳои атомӣ, канда шудани обанборҳо, сӯхтори калони ҷангалзорҳо, фурӯ рафтани нақбҳо ва мушоҳида шуданд, кииндар навбати худ ба рушди инкишофи башарӣ низ бетаъсир намондааст. Чунин ҳодиса ба Тоҷикистон низ хос буд.

Ҳамаиин ҳодисаҳо ҳаёти чандин миллион одамонро рабуда, чандин миллиони дигарро зери хавф гузошта, боиси саломатии худро гум кардани чандин миллиони дигар шуда будаанд.

Миллионҳо гектар замини кишоварзӣ заҳролуд ва ё шӯразор шуда аз гардиш баромада, миллионҳо ҷангалзор гектар харобазор табдил ёфта, дарахтони ҷавон низ аз ифлосшавии муҳити зист ба ҳар гуна бемориҳо гирифтор шуда, боздеҳи захираҳо хеле кам гаштаанд.

Аз натиҷаи гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки байни механизми идоракунии босуботи истифодабарии сарватҳои табиӣ, инкишофи иқтисодӣ вабашарӣ алоқамандии зич мавҷудбуда, мо бе мувофиқа ба қонуниятҳои табиӣ наметавонем, фаъолияти самаранокро дар менеҷмент ташкил намоем.

Имрӯз дар кураи Замин замоне фаро расидааст, ки инсоният дар тамоми таърихи мавҷудааш бо чунин суръат ва дараҷа сарватҳои табииро истифода ва чунин миқдор одам низ дар замин хез давру замон зиндагонӣ накардааст. Пас, Замин, ки хонаи асосии тамоми инсоният мебошад, имрӯз муносибати боақлонаро талаб дошта, хештаншиносии роҳбариро интизор аст. Аз ин рӯ, мо бояд фаъолияти идоракунии роҳбариро ба қонуниятҳо ва меъёрҳои табиӣ мувофиқ ташкил намуда, нагузорем, ки дар ягон нуқтаи мувозинат вайрон гардад.

Диққати асосиро ба он нуқтаи идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологиеравона бояд кард, ки бевосита ба идоракунии рушди босуботи башарӣ ваиқтисодӣ таъсири манфии худро

расонида истодаанд.

Аз таҳқиқотҳои мо дар ин рисолаи илмӣ бар меояд, ки дар 50 соли охир дар ҷаҳон чунин таъсиррасониҳо ба табиат мушоҳида гаштааст:

- ҳаҷми сӯзишвории истифодабаранда ва барориши карбонат ба атмосфера зиёда ба чандин маротиба зиёд мегардад;
- афзоиши истифодаи оби нӯшокӣ ва умуман, захираҳои обӣ зиёда аз шаш маротиба зиёд гашта масоили норасогии оби тоза боқӣ мемонад;
- истеҳсоли маҳсулоти баҳрӣ зиёда аз 10 маротиба зиёд гашта норасогии ғизои мамоликҳои соҳилҳои баҳрӣ меояд;
- истифодаи ҷангал барои чӯб, қоғаз ва дигар молҳои саноатӣзиёда аз садҳо маротиба зиёд гашта нарасогии масолеҳӣ чӯбин ба миён меояд;
- афзоиши истехсоли автомобил ва барориши гази карбонат ба ҳаво қариб 30 маротиба зиёд гашта, зарурати гузаштани ба автомобилҳои электрониро ба миён меорад.

Чунин суръати баланди истеҳсолӣ, бонги хатар барои аҳолии тамоми кураи замин буда, дар мӯҳлати хеле кӯтоҳ, куллан дигар кардани муносибатро ба табиат талабгор аст. Вагарна, ба чунон ҳодисаҳои умдаи экологии ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ шудан мумки наст, ки метавонад ба иқдисодиёти тамоми мамолики дунё зарари чандинкаратаи бебозгашт оварад.

Албатта, умдатарин будани масоили идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ-экологӣ нишонаи он аст, ки онро ҳудуди менеҷменти корхона ҳаллу фасл кардан аз имкон берун мебошад. Барои мо нуқтаи муҳим он нест, ки дар мавқеи ҷаҳонӣ, балки дар фаъолияти ҳаррӯзаикориамоназ роҳбари хештаншиносӣ то ҳар як аъзои коллектив оид ба муҳити атрофамон дониши мукаммали экологӣ ва табиатшиносӣ дошта муносибати ғоратгаронаро ба сарватҳои табиӣ ва муҳити атроф равона мебинем. Аз ин нуқтаи назар, моро зарураст, ки қоидаи фаъолияти

роҳбари маданияти истеҳсолии худро пурра ба одамон ва табиат нигаронанд.

Дар кураи замин нобаробарии ҷойгиршавии аҳолӣ ва сарватҳои табиӣ мавҷуд буда ва боқӣ монда дар мамлакате сарватҳоитабиӣ, аз ҷумлаи нефту газ зиёд бошад, дар дигаре замин ва дар дигаре ҷангалу олами ҳайвонот.

Дар як нуқтаи замин мамлакате микдори зиёди аҳолӣ зиндагонӣ дошта, норасоии хӯрока ва сарватҳои табиӣ ҳис карда мешавад ва дар дигар ҷозиёд будани сарвати табиӣ ва кам будани захираҳои башарӣ.

Дар давлатҳои аз ҷиҳати илму техника тараққикарда, суръати истифодабарии сарватҳои табиӣ 100-ҳо карат баланд аст нисбати давлати сусттараққикардаи саноатӣ. Давлати соҳибқудрати истеҳсолоти баланди маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар молҳои саноатиро бароҳ монда, сусттараққикарда суръати хеле пасти истеҳсолӣ дошта, умуман ба бозори ҷаҳонӣ баромада наметавонад. Чи хеле ки мушоҳида мешавад, мо як нав нобаробарӣ ноадолатии иҷтимоӣ иқтисодиро дар байни мамлакатҳои ҷахонӣ, дар оянда низ мушоҳида менамоем.

Зарур аст, ки ин масоил дар байни давлатҳои тамоми дунё муҳоки магардида, оид ба низоми муайяни молиягузорӣ ва истифодабарии сарватҳои табиӣ, истифодаи технологияи пешқадами истеҳсолӣ ва экологи барномаҳои дахлдор қабул намоянд.

Мувофиқи ақидаи олимони америко Ҷ.П. Эрлихва Ч.Холдрен формулаи таъсиррасонии рушди башариро ба муҳити атроф чунин муайян кардан мумкин**аст:**

1) O = P x A x T, ки

Дар ин ҷо: O-таъсири одамон ба муҳити атроф.

P-миқдори аҳолӣ.

A-дараҷаи некӯаҳолӣ.

T-дараҷаи инкишофи технологӣ.

Вобаста аз натиҷаи формулаи дар боло нишондодашуда, барои дар

дунё дараҷаи ҷавобгарии экологӣ ва вобаста аз ин сармоягузории экологиро муайян сохтан мумкин аст. Аз тарафи дигар, чунин масъалагузорӣ моро водор месозад, ки аз технологияи кӯҳнаи истеҳсолие, ки сарватҳои табииро зиёд истеъмол намуда, боздеҳи кам доранд ва ба мухити зист таъсири манфӣ месасонанд, даст кашем. Ва ба истифодаиаз технологияи навини экологӣ зинаи баланди техникиро таъмин намоем.

Аз тарафи дигар, масоили бемайлони афзоиши аҳолӣ, дар мамолики рӯ ба тараққи ниҳода ва мамлакатҳое, ки дар сатҳи пасти инкишоф қарор доранд барномаи паст кардани суръати афзоиши бемайлони аҳолӣ дар назар аст. Афзоиши аҳолӣ ин худ шакли асосии зиёдшавии истеъмоли сарватҳои табиӣ мебошад. Гузаштан аз нишондиҳандаи миқдории афзоиши аҳолӣ, ба нишондихдндаи сифатӣ, яъне инкишофи босуботи аҳолӣ, бояд вазифаи дар як фардисоҳибақл гардад. Хуб мебуд агар ба ҷои 10 фарзанди носолиму бесавод, 2 ва ё 3 фарзанди солим ба дунё оварда, саводнок менамудем, манфиаташ ба муҳит, ҷомеа ва ба худи падару модар садҳо маротиба зиёдтару хубтар мерасид.

Аз рӯи нишодиҳандаҳои илмӣ таҳқиқотчиёни ин соҳа имрӯзҳо зиёда аз 75 мамолики ҷаҳон нисбат ба 25-30 соли гузашта ба 1,5 милиард одамон дараҷаи пасти истеҳсолӣ қарор доранд. Дар аксари мамолики Африқо ҳар як хоҷаги насбатба 20-соли пешина қариб 25-30% маводи ғизо кам истеҳсол мекунанд.

Ҳазорсолаи сеюм замонест, ки мо бояд аз модели кӯҳнаи инкишофи иқтисодии аксар мамолики тараққикардаидунёдасткашем.

Ин нуқтаро Созмони Милали Муттаҳид (СММ), низ тарафдорй менамояд, чунки ин модели иқдисоди рушди босуботи башариро таъмин накарда, ба масоили умдаи экологӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки худи ин давлатҳоро ба ташвиш овардааст. Фақат як мисоли ифлосшавии атмосфера ва пурра нобудшавию ба бемориҳои гуногун гирифторшавии паррандаҳо дар солҳои охир нишонаи он аст, ки дар мамолики тараққикардаи дунё одамон дар дараҷаи баланди хавфи

экологӣ зиндагӣ карда, ҳатто саломатии худро дар зери хатар мегузоранд. Таҳқиқоти рисолаи мониншон медиҳад, ки модели стратегии идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ бо назардошти рушди босуботи башарй аз рӯинишондиҳандаҳои зерин асоснок карда шаванд:

- ❖ инкишофи, стратегияи харочотииловагӣ ваноқисиҳои зкологиро барои насли оянда боқӣ нагузорад;
- ❖ инкишофи стратегияи дарозумрии насли ояндаро таъмин сохта, таваккалан гуруснагии онҳоро кам намояд;
- ❖ инкишофи стратегияи имкони зиндагонии хубро барои насли оянда таъмин месозад;
- ❖ инкишофи, стратегияи такрористеҳсолӣ ҷисмонӣ ва зеҳнии башариро боз чандин наслҳои дигар нигоҳ медорад;
- ❖ инкишофи стратегияи мувофиқи доимӣ «одамон-табиат-сармояи моддӣ»-ро нигох медорад.

Чунин талаботҳои механизму моделҳои идоракунии стратегии рушди босуботи ҳатман дар назди менеҷменти корхонаҳо вадавлату ҳуқуқҳо ба ҳар як роҳбари хештаншинос вазифа масъули экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоиро мегузорад. Имрӯзҳо дар роҳбарони болоии ҳукуматӣ, сарварони зиёда аз 100 давлати ҷаҳон Шӯроҳо оид ба рушди босубот, ки дар назди менеҷменти ширкатҳои байналхалқӣ, шуъбаҳои махсус ташкил карда шудаанд, ки ин масоилро дар зинаҳои гуногуни идоравӣ ҳалу фасл намуда, консепсияҳои инкишофи босуботро пешниҳод намудаанд ва алаккай натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст, ки мисоле қисме аз онҳоро мо дар рисолаи худ овардаем.

Хуб мешуд, ки дар назди ҳар як корхонаҳои саноатӣ, дар назди мақомотҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо Шӯрои бо салоҳияти идоракунии “Рушди босубот” ва дар назди менеҷменти корхонаҳои азим низ шуъбаҳои махсус ташкил карда мешуд, ки онҳо бо коркарди моделҳои консептуалии махсуси инкишофи босубот бо назардошти рушди босуботи башарӣ дар муддати кӯтоҳи таърихии Тоҷикистонро дар қатори давлатҳои пешқадами дунё муаррифӣ менамудаанд.

Аз рӯи омӯзишу стратегияи таҳқиқотҳои рисолаи илмии муаллиф ба хулоса омадам,ки қоидаҳои асосии консепсияи рушди босуботи иқтисодӣ дар менеҷмент бояд унсурҳои зеррини рушди босуботро дар бар гиранд, ки он дар шароити глобализатсияи иқтисодӣ чунин мебошад:

1. Мақсади асосии ҳар ду консепсия низ таъмини талаботи одамон буда, барои фароҳам овардани шароити хуби зиндагии одамон равона карда мешавад;

2. Қоидаҳои асосии ташаккули ҳарду консепсия низ таъмини стратегияи идоракунии рушди босубот буда, меъёрҳо ваарзишҳои қариб якранг ва умумиро тарафдорӣ менамоян;

3. Талаботи ҳарду консепсия низ бо назардошти талаботҳои насли оянда сурат гирифта, ояндабинии дурро доро мебошанд. Дар ҳақиқат, ояндабинии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва лоиҳабандишуда бояд ҳар ду масоилро дар пайвастагии қавӣ дошта, чорабиниҳои мушаххасро пешниҳод намоянд;

4. Дар ҳарду консепсия низ бояд талаботи таъмини инкишофи маънавии кам кардани хароҷотҳо ва баланд бардоштану маҳсулнокии меҳнатӣ гирифта, ҳарчи зиёдтар фаъолият доштани корманди баландихтисосро талаб намоянд;

5. Консепсияи инкишофи идоракунии стратегии рушди босуботи экологӣ-иқтисодии менеҷменти замони нави пайдо намудани имконотҳои нави зеҳнӣ ва хоҳиши донишҳои навину эҷодкориҳои инсонӣ буда, дар он самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ ҳатман таъмин хоҳад гашт;

6. Даромади менеҷмент ва консепсияи рушди иқтисодӣ мақсади асосии боигарӣ набуда, ин беҳтар кардани шароити зиндагонии одамон мебошад ва истеҳсолӣ мол бештар хислати истеъмолӣ гирифта, аз сохтори конверии истеҳсол ба истеъмолкунандаи фардӣ ва босифатро ба худ гирифтааст. Ин талаботро низ консепсияи рушди босуботи башарӣ ба талаботҳои асосӣ муаррифӣ намудааст;

7. Мақсади дигари консепсияи идоракунии рушди босуботи рушди иқтисодии менеҷменти аксари ширкатҳои азими байналхалқӣ ва корхонаҳои калон ташкили маданияти баланди фаъолият, риояи арзишҳои баланди этникӣ, ахлоқи буда, кушиши бо ҳам наздиккунонии халқу миллатҳои гуногуни дунёро доранд, ки консепсияи рушди башарӣ низ ҳамин қоидаро мепарастад.

Дар шароити имрӯзаи идоракунии рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳолати экологии муҳити зист тақозо менамояд, ки мо фаъолияти касбии худро новобаста аз соҳаи рушди менеҷенмент дар мувозинат ба системаи қонуниятҳову талаботи табиӣ ва илмғунҷоиши фаъолияти инсонӣ буда равона созем.

Моҳияти иҷтимоӣ доштани доира ва мавқеъгузории баланди инсонӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ масоиле мебошанд, ки имрӯз мақоми ҷаҳонӣ гирифтааст.

Чунин ҳолат моро вазифадор менамояд, ки бо истифода аз ақлу хирад ва илму маърифта, онро бо қувваи эҷодии созанда табдил дода, дар фаъолияти касбии роҳбариихеш истифода намоему онро рушду нумуъ диҳем. Бо истифода аз дастовардҳои илмию техникӣ, имрӯз идоракунӣ имкон дорад, ки кулли фикру ақидаҳо ва ҳунару эҷодкориҳои баландро ҷамъоварӣ намуда, дар баробари рушди касбӣ ва ворид кардани навоварӣ дар равандҳои истеҳсолии корхонаву муассисаҳо, инчунин ин қувваи ақлониро дар омӯзиши тарафҳои иҷтимоиву экологии фаъолияти менеҷмент мустаҳкам намуда, қонуниятҳои табиӣ рушдро ба инобат гиранд, яъне вақти он расидааст, ки мо системаи рушди инсон ва табиатро ягонаву бо ҳам пайваста шиносем, чунки омӯзиши комплексии он моҳияти баланд иҷтимоиву сиёсӣ дорад. Ҳар як тағйироте, ки дар табиат имрӯз мо мушоҳида менамоем, ки дар анвбати аввал, натиҷаи ҳамон фаъолияти истеҳсоливу истеъмолие мебошад, ки инсоният дар таърихи рушди хуб ба даст овардааст. Пас, худи инсониятро зарур аст, ки дар муносибат ба табиат ва муҳити атрофи хеш рафтор намоянд, то талаботи рӯзафсуни хешро таъмин карда тавонад. Дар баробари

таъсирасонии манфие, ки вобаста ба фаъолиятҳои инсонӣ ва рафтори ғайриилмии инсоният дар рӯи замин пайдо гаштааст, инро дар солҳои наздик пешгири кардан лозим.

Дар ҳамин росто, зарурият пеш омадааст, ки нақшаҳо ва моделҳо ва нақшаҳое тавсия шавад, ки барои рушди босуботи идоракунии захираҳои табиӣ таъсири маҳсуб дошта бошад.




**Расми 3.1. Механизмҳои стратегияи истифода намудани захираҳои табиӣ дар идоракунии ҷаҳонии иқтисодӣ**

**Сарчашма**: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Ин модел аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҷомеаи башарӣ бояд бо рушд ва такомули рушди босуботи истифодаи самараноки захираҳои табиӣ диққати ҷиддӣ дода шавад, зеро аксарияти захираҳои табии ғайри мақсаднок истифода шуда, ҳатто ба тиҷоратӣ шахсӣ тадбил ёфтааст, бояд такомули рушди босуботи ин соҳаи самаранокро дар зери назорати давлату ҳукумат қарор гирифта нақшаи худро дар амал тадбиқ намояд, яъне бо роҳи ақлонии эҷодкорӣ ташкили системаи мувозинатии табиат ва инсоният, таъмини талаботи инсонӣ бе таъсирасонӣ ба муҳити табиӣ ва барқарор кардани минтақаҳои вайроншудаи табиӣ вазифаи роҳбарии рушди идоракунии стратегии рушди босубот дар оянда хоҳад гашт. Оид ба ҳар як соҳаи аниқи хоҷагии халқ равандҳои консептуалии махсусро кор карда баромадан зарур аст, ки ба он талаботи гуфташуда мувофиқат намояд. Дар шароити экологии имрӯза, ки инсоният то ба кайҳон расида, аз техникаву технологияи навини кайҳонӣ, интернетӣ истифода мебарад, дигар ҳудуди марзиву минтақавии миллии фаъолият намондааст. Ҳар замон эҷоду ихтирооти навини техникию технологӣ ва сарчашмаҳои

энергеияи навин боз ба вуқуъ мепайвандад ва моро водор месозад, ки рушди нерӯи ақлонии худро ба зинаи «Ноосфера» расонида, кору фаъолият намоем. Агар ин талабот амалӣ нагардад, пас мо ба мисли фаъолияти худ сарфаҳм нарафта, самаранокии касбиро таъмин карда наметавонем.

